ISSN 2074-1847

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

# П А Ё М И
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
## (маҷаллаи илмӣ)

№3/3

# В Е С Т Н И К
# ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
## (научный журнал)

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2017

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

**Маҷаллаи илмӣ соли 1990 таъсис ёфтааст.**
**Научный журнал основан в 1990 году.**

**Ҳайати таҳририя:**
**Редакционная коллегия:**

Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор
Сафармамадов С.М. – зам. гл. редактора, доктор химических наук, профессор
Абдулазизов В. - зам. гл. редактора, кандидат филологических наук, доцент

**Аъзои ҳайати таҳририя:**
**Члены редколлегии*:***

Акрамов З.И. - доктор исторических наук, доцент
Мухаметов Г.Б. - доктор педагогических наук, профессор
Назаров Р. - доктор философских наук, доцент
Назаров М.А. - кандидат философских наук, доцент
Расулиён К. - доктор исторических наук, доцент
Раджабов С.М. - кандидат исторических наук, доцент
Самиев Х.Д. - кандидат исторических наук, доцент
Шарипов Ф.Ф. – доктор педагогических наук, доцент
Ходжиматова Г.М. - доктор педагогических наук, и.о. профессора

**Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.**
**Журнал печатается на таджикском и русском языках.**

Журнал входит в Перечень российских рецензируемых научных журналов ВАК Министерства образования и науки РФ, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученых степеней доктора и кандидата наук.

Журнал включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

07.00.00. – Исторические науки и археология
09.00.00. – Философские науки
13.00.00 – Педагогические науки

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2017**
**Вестник Таджикского национального университета, 2017**

# ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ

## ҲОКИМОНИ ХУРОСОН ДАР АҲДИ ОХИРИН ШОҲОНИ СОСОНӢ ВА ЗАМОНИ ХУЛАФОИ РОШИДИН

*Ҳамза Камол*
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ ҶТ**

Хуросон ба унвони истилоҳи ҷуғрофиёӣ аз замонҳои хеле қадим арзи вуҷуд кардааст. Аз рӯзгорони бостон сарзамини Эрон ба чаҳор испаҳбуд қисмат мешуд, ки нахустини он испаҳбуди Хуросон буд. Дар «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ ва «Шоҳнома»-и Саолибӣ омадааст, ки Ардашери Бобакон Хуросонро чаҳор бахш кард ва ҳар якеро марзбоне гумошт. Гардезӣ онро аз қарори зайл меорад: Яке марзбони Марви Шоҳҷон, дувумӣ Балху Тахористон, сеюм Ҳирот, Пушанг ва Бодғиз ва чаҳорум марзбони Мовароуннаҳр [1, б48]. Аммо Саолибӣ онро бо андаке тафовут зикр мекунад: яке марзбони ду Марв (Марви Шоҳиҷаҳон ва Марврӯд), Толиқон ва Ҷузҷон, дувумӣ марзбони Ҳирот ва Бушанҷ, Бусту Систон, сеюмӣ марзбони Балху Табаристон ва чаҳорумӣ марзбони Фарорӯд (Мовароуннаҳр) [2, 249].

Дар замони подшоҳии Хусрави Анӯшервони Сосонӣ (531-579) низ кишвари Эрон ба чаҳор бахш қисмат шуд, ки бахши нахусти он Хуросон буд ва ба он Тахористону Систон ва Балуҷистон пайваста буданд [2, 306]. Аммо Хуросон чун номи вилоят дар миёнаҳои садаи VI дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти маъмурӣ-арзӣ аз ҷониби Хусрави Анӯшервони Сосонӣ пайдо шуд. Ёқути Ҳамавӣ муаррих ва ҷуғрофиёдони маъруфи охири садаи XII ва аввали садаи XIII марзҳои Хуросони Бузургро дар асараш «Маҷмаъ-ул-булдон» чунин тавсиф кардааст: «Хуросон сарзамини васеъ аст, ки як тарафи он аз Байҳақ ва Ҷувайн ба Ироқ мерасад ва тарафи дигараш аз Тахористону Ғазна ва Сиҷистон ба Ҳинд мунтаҳӣ мешавад...Ҷайҳун ва Хоразмро ҳам баъзе тобеи он шумурдаанд ва гуфта шуда Хуросон дорои чаҳор марказ будааст».

Муаррихон ва ҷуғрофиёдононе чун Истахрӣ («Масолик-ул-мамолик»), Ҷайҳонӣ («Ашколул-олам») ва Мақдисӣ («Аҳсан-ут-тақосим») Хуросонро ба Варорӯд маҳдуд кардаанд ва танҳо сарзаминҳои минтақаи Ҷайҳунро Хуросон номидаанд. Баррасии осори таърихӣ ва ҷуғрофиёии Ибни Хурдодбеҳ (садаи IX), Яъқубӣ (садаи IX) ва Ибни Руста (нимаи аввали садаи X) дар бораи ҳудуду марзҳои Хуросони Бузург бо якдигар мутафовит будааст. Сабаби асосии ихтилофи назари муаррихон ва ҷуғрофиёдонон дар бораи марзу ҳудуди Хуросони Бузург, ин вуқӯи ҳаводиси низомӣ ва сиёсие мебошад, ки дар тӯли даврони мухталиф дар тақсимоти ҷуғрофиёии ин сарзамин асаргузор будааст. Бинобар ин сабаб бахшҳое аз Хуросони Бузург гоҳе аз он ҷудо ва гоҳе ба он мулҳақ шудаанд ва ин боиси ихтилофи тавсиф дар ҷуғрофиёи ин сарзамин гаштааст.

Одам-уш-шуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ амири Сомонӣ Наср ибни Аҳмадро (914-943), ки замони ҳукуматаш дурахшонтарин даврони давлатдории Оли Сомон буд ва ҳудуди сӣ сол бо пойтахтии Бухоро фармонравоӣ кардааст, амири Хуросон ном бурда:

*Имрӯз, ба ҳар ҳоле, Багдод Бухорост,*
*Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост.*

Илова намудани вожаи «бузург» ба исми сарзамини Хуросон, пеш аз ҳама, ба ҳадафи мутамоиз кардани ин сарзамин аз вилояти ҳамномии он – Хуросон дар шарқи Эрон аст, ки дар он танҳо ҳудуди ниме аз бахши шарқии Хуросони Бузурги таърихӣ ҷойгир аст. Вожаи «бузург» ҳамчунин барои ташхиси мафҳуми ҷуғрофиёи густурда гузошта шуда, номи Хуросони Бузург барои тавсифи як минтақаи бузургтар истифода мешуд, ки он дар шимол аз Варорӯд: Суғду Хоразм то баҳри Хазар, дар самти ҷануб то биёбони Систон ва дар шарқ то кӯҳҳои Ҳиндукуш доман мегустарид. Ҷуғрофидонони араб бо ишора ба густариши маҳдудаи ин мантақа ҳатто то Ҳиндустон, то дараи Синдро, ки дар ҳоли ҳозир шомили хоки Покистон аст, марбути қаламрави Хуросони Бузург донистаанд. Манобеи таърихии садаи XVI зикр кардаанд, ки Қандаҳору Ғазнию Кобул бахши шарқии Хуросони Бузургро ташкил менамудаанд, ки аз назари ҷуғрофиёӣ дар имтидоди хутути шибҳи қораи Ҳинд қарор доранд. Дар зимн Заҳириддин Муҳаммади Бобур – поягузори давлати Бобуриёни Ҳинд дар «Бобурнома»-аш менависад, ки мардуми Ҳиндустон ҳар кишвареро берун аз маҳдудаи Ҳинд Хуросон мегӯянд, ба ҳамон шевае, ки аъроб хориҷ аз билоди Арабро Аҷам меномиданд.

Акнун руҷӯи иҷмолие ба волиёни он Хуросоне, ки марзҳои шарқии Эрон то соҳилҳои Амударёро фаро мегирифт, қабл аз истилои араб мекунем. Аз волиён ё марзбонони Хуросон дар давраи бостон камтар иттилоъ расидааст. Дар манобеи таърихӣ мо танҳо роҷеъ ба баъзе волиёни аҳди Сосонии Хуросон ахбор ба даст овардаем. Масалан, дар замони подшоҳии хеш Шопури аввали Сосонӣ (240-272) писараш Ҳурмузро ба фармонравоии Хуросон баргузид ва чуноне ки Саолибӣ менависад: «марзбонии он ҷоро ба вай супурд. Ҳурмуз фармонравоии Хуросонро ба даст гирифт ва чунонки бояд, доди

ҷаҳондорӣ бидод. Душманонро барафканд ва чунон аз мардум нигоҳдорӣ кард, ки нишонаҳои нек аз ӯ ба ҷо монд ва огоҳии он ба ҳама ҷо расид» [2, 253]. Ба ҳангоми подшоҳии хеш Баҳроми панҷум ё Баҳроми Гӯр (420-438 ё 440) – писари Яздигурди аввал Хуросону Мовароуннаҳрро ба қаламрави зери фармони худ ҳамроҳ карда, бародари хеш Нарсиро «вилояти Хуросон дод ва бигуфт, то он ҷо равад ва дар Балх мақар гирад ва ӯро ҳар чӣ боиста буд, дод» [3, 568].

Аз охирин марзбонони Хуросони бузурги қабл аз ислом Фароҳурмуз зикр шудааст, ки сипаҳсолори тамоми Эрон буд. Ба шаҳодати кутуби таърихӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар Тайсфун бо фармони маликаи Эрон, Озармидухт кушта шуд [4, 229].

Баъдан писари Фароҳурмуз, Рустами Фаррухзод, ки ба қавли Фирдавсӣ:

*Ки Рустам будаш ному бедор буд,*
*Хирадманду гурду ҷаҳондор буд [5, 336].* -

марзбони Хуросон ва сипас фармондеҳи кулли Эрон гардид. Бино ба ахбори Балозурӣ Рустам «аҳли Рай ва ба қавле аҳли Ҳамадон буд» [6, б247].

Тибқи ахбори Фирдавсӣ ин фармондеҳ истеъдоди фавқулодаи ситорашиносӣ дошт:

*Ситорашумар буду бисёрҳуш,*
*Ба гуфтори мубад ниҳода ду гӯш [5, 336].*

ва бар асоси илми нуҷум фоҷеаи ба сари Эрон омадаро пешгӯӣ намуда буд:

*Ки ин хона аз подшоҳӣ тиҳист,*
*На ҳангоми фирӯзиву фарраҳист [5, 337].*

Рустами Фаррухзодро шоҳи ЭронЯздгирди сеюм ба ҷанги Саъди Ваққос бо ҳудуди 120 ҳазор лашкар ва 30 фили ҷангӣ ба Қодисия маъмур сохт [6, б247], ки парчами бузурги давлати Сосониён – Дирафши Ковиёниро ҳамроҳ дошт [6, б247].

Теъдоди лашкари тозиёнро дар ҷанги Қодисия Балозурӣ «байни нуҳ то даҳ ҳазор тан буд»,-менависад ва идома медиҳад, ки «ҳар гоҳ бо улуфа ва таом ниёз доштанд, савора ба биёбон рехта, навоҳии суфлои Фуротро мавриди ғорат қарор медоданд. Умар (ибни Хаттоб) аз Мадина гӯсфанду гӯшт барояшон мефиристод» [6, б247].

Набарди Қодисия «рӯзи охири соли 16 (охири январи 638) рух дод» [6, б248]. Баъзе муҳаққиқон ба ин назаранд, ки ин набард 27 шавволи соли 15 ҳ.қ мусодиф ба 2 декабри соли 636 рух додааст [7, 170]. Дар ин ҷанг Умар ибни Хаттоб ба кумаки Саъди Ваққос Муғираро бо ҳашсад тан ва теъдоди ҳафтсад тан ҷангандаҳои дигареро бо сарвари Қайс ибни Ҳубайра ибни Макшӯҳи Муродӣ фиристод [6, б248]. Дар набард бо аъроб Рустами Фаррухзод қаҳрамонона ҷангид ва кушта шуд. Чун аъроб ҷасади ӯро биёфтанд, пур аз осори зарбу шамшеру найза буд [6, б249]. Бо марги ин сипаҳсолори қаҳрамон замони азамати давлатдории Сосониён ба поён расид.

Сарчашмаҳо ривоят мекунанд, ки гурӯҳе аз размандагони эронӣ, ки Рустами Фаррухзод ҳифозати Дирафши Ковиёнро ба онон эътимод карда буд, то дами марг аз ин рамзи давлатдории шоҳаншоҳии Сосониён дифоъ карданд: «Гӯянд ҷамоате аз Аҷам парчами хешро дар ҳуфрае (сӯрохе) кӯбиданд ва гуфтанд: мо мавзеи худро то дами марг тарк нахоҳем гуфт. Пас Салмон ибни Рабеаи Боҳалӣ бар онон тохт ва ҳамагиро бикушт ва парчамашонро бигирифт» [6, б251].

Бояд зикр кард, ки шоҳони Эрони даврони Ҳахоманишӣ, Ашконӣ ва Сосонӣ ба кишвари Хуросон таваҷҷуҳи хосе доштаанд. Чунонки охирин подшоҳи Ҳахоманишӣ Дориюши III (Доро) барои наҷоти Эрон аз дасти Искандари Мақдунӣ ба Хуросон рӯй овард, аммо дар наздикии Домғон дар соли 330 пеш аз мелод ба дасти ду нафар аз сардоронаш бо номҳои Моҳиёр ва Ҷонусиёр, ки ба ӯ хиёнат карданд, кушта шуд. Охирин шоҳи Сосонӣ, Яздигурд низ ҳамин сарнавиштро дошт. Баъд аз фирор ба ҷониби Хуросон, соли 652 ба дастури Моҳуи Сурӣ, марзбони Марв осиёбоне ба зиндагии ӯ хотима дод ва дар ҳақиқат нуқтаи поёнӣ бар ҳаёти сиёсии Эрони аҳди Сосонӣ кашида шуд.

Баъд аз тасхири Хуросон аз ҷониби аъроб чӣ касоне волиёни ин сарзамин шуданд? Ба ривояти баъзе аз таърихнигорон аъроб дар рӯзгори Умар ибни Хаттоб (солҳои хилофат 634-644), рӯй ба Хуросон оварданд. Аз ҷумла, Табарӣ менависад, ки дар соли 22 ҳ.қ (642-643) «ба гуфтаи баъзеҳо Аҳнаф ибни Қайс ба ғазои Хуросон рафт ва бо Яздгирд ҷангид» ва идома медиҳад, ки «Аммо мутобиқи ривояти Сайф рафтани Аҳнаф ба Хуросон ба соли ҳаҷдаҳуми ҳиҷрат (639) буд» [8, 1821]. Табарӣ ривоят мекунад, ки Аҳнаф ибни Қайс ба таъқиби Яздгирд аз тариқи Табас вориди хоки Хуросон шуда, Ҳиротро ба ҷанг кушуд ва Суҳор ибни Абдиро он ҷо гумошт. Баъдан ба сӯйи Марв рафт, ки он ҷо Яздгирд мақар гузида буд. Яздгирд ба ҷониби Марврӯд фирорӣ шуд ва дар Марви Шоҳҷаҳон Аҳнаф ибни Қайс мақар гирифт [8, 1823]. Ба назар мерасад, ки Аҳнаф ибни Қайс танҳо ба ҳадафи таъқиби шоҳи Эрон вориди Хуросон шудааст. Аммо қавли саҳеҳ ин аст, ки аъроб дар рӯзгори Усмон ибни Аффон (644-656) ба ҳадафи тасхири Хуросон вориди ин сарзамин шуданд ва ба Табасайн (яке аз ноҳияҳои Нишобур) расиданд [9, 571].

Дар баёни ҳаводиси муҳимми соли 29 ҳ.қ. (14 сентябри соли 649 – 3 сентябри 650) Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ менависад, ки вақте Усмон ибни Аффон ба хилофат расид (644), Умайр ибни Усмон ибни Саъдро солори Хуросон баргуморид [8, 1921]. Аммо дар ҷадвали умарои Хуросон, ки Гардезӣ мураттаб кардааст, исми Умайр ибни Усмон ибни Саъд зикр нашудааст ва ин ҷадвал бо исми Абдуллоҳ ибни Омир оғоз мешавад. Усмон

ибни Аффон баъд аз он ки Абӯмӯсои Ашъариро аз волигии Басра барканор кард, Абдуллоҳ ибни Омирро ҳокими ин сарзамин таъйин кард ва «Хуросон ҳам бад-ӯ дод. Абдуллоҳ ибни Омир мар Абдуллоҳ ибни Хозим ас-Суламиро бар муқаддимаи хеш бифиристод ва ба роҳи Порсу Кирмон ба Табасайн берун омад ва Табасайнро фатҳ кард» [1, б129]. Баъдан Абдуллоҳ ибни Омир омили Хуросон таъйин гардид. Дар соли чаҳоруми хилофати хеш (648) Усмон ибни Аффон, баъд аз Абдуллоҳ ибни Омир омили Хуросон Умайн ибни Аҳмари Яшкуриро таъйин кард [8, 1922]. Чун дар он давра Марв марказнишини Хуросону Варорӯд буд, ӯ ба Марв омад.

Зимистони ин сол сармо фузунӣ гирифт. Деҳқонони Марв аз табоҳии амиру лашкари аъроб тарсида, онҳоро ба хонаи худ ҷой доданд. Чун муддати иқомати аъроб дар хонаи деҳқонон тӯлонӣ шуд, онҳо аз кори худ пушаймон шуда, қасд карданд, ки бар аъроб битозанд. Гардезӣ зикр мекунад, ки «ин сиголиш аҳли бозор ва айёрон карданд» ва идома медиҳад, ки Бароз ибни Моҳуя солор ва деҳқони шаҳри Марв аз ин қасд огоҳ шуд ва Аҳмари Яшкуриро дар чараён гузошт [1, б129]. Сардори аъраб Аҳмари Яшкурӣ дастур дод, то мардуми Марвро қатли ом ва анбори онҳоро ғорат намоянд. Пас аз муддате ӯ ба назди Усмон ба Мадина баргашт ва халифа ӯро ба хотири қатли оми мардуми Марв муҷозот кард [10, 61].

Усмон ибни Аффон Абдуллоҳ ибни Омирро дубора ба Хуросон ва Рабеъ ибни Зиёдро ба фатҳи Систон фиристод. Рабеъ ибни Зиёд Систонро фатҳ кард ва чиҳил ҳазор барда гирифт [11, 72]. Баъд аз фатҳи Табасайн лашкари аъроб бо сарварии Абдуллоҳ ибни Омир ба Тӯс ва Гуён (Ҷувайн) ва Озодвор омаданд ва Абаршаҳр (Нишопур) ба иттифоқи Аҳнаф ибни Қайс ва Муҳалла ибни Абусуфра, ки аз размандагони араб буданд, ишғол шуд. Сипас шаҳри Тӯсу Сарахсро фатҳ карданд. Абдуллоҳ ибни Омир ба Нишопур лашкар кашид. Ҳокими Нишопур, ки Асвор ном дошт, далерона муқовимат кард. Абдуллоҳ ибни Омир ноҳияҳои атрофи Нишопурро ғорат кард, мардумони бисёрро ба шадидтарин ваҷҳ мекушт ва муслеҳ (яъне аъзои баданро мебуриданд) мекард. Чун муҳосираи Нишопур ба тӯл анҷомид, ҳокими Тӯс ба хидмати Абдуллоҳ ибни Омир омад ва дар фатҳи Нишопур ба ӯ кумак кард. Ба шарти он ки ӯ дар мақоми худ боқӣ бимонад. Абдуллоҳ ибни Омир дархости ӯро қабул кард. Ҳокими Нишопур саранҷом таҳти шароите бо Абдуллоҳ ибни Омир сулҳ кард ва дарвозаи шаҳрро кушуд. Аммо сардори араб бар хилофи қавли худ мардуми Нишопурро қатли ом намуда, кӯдакон ва занонро барда сохт. Дар ҳақиқат, агар ҳокими Тӯс хиёнат намекард, аъроб муваффақ намешуданд, ки ба осонӣ Нишопурро фатҳ кунанд. Аммо «Ибни Омир,-менависад Муҳаммад Ҷарири Табарӣ,-шаҳри Абаршаҳрро ба ҷанг кушуд. Ва дар атрофи он Тусу Беварду Насову Ҳумронро низ кушуд. Ва ин ҳама ба соли сиву якум буд (651-52)» [8, 1961].

Тозиён пас аз фатҳи Тӯсу Нишопур ба шаҳрҳои дигари Хуросон расиданд. Тарс аз аъроб, бахусус баъд аз қатли оми мардуми Нишопур дар дили мардум ҷой гирифт. Ба ин сабаб мардуми Марв ночор бо додани маблағи зиёд бо аъроб сулҳ бастанд [8,1961]. «Ибни Омир Ҳотам ибни Нуъмони Боҳилиро сӯйи онҳо фиристод, ки бо Буроз – марзбони Марв бар ду ҳазор ҳазору дувист ҳазор сулҳ кард» [8,1961]. Волии Ҳироту Пушанг бо додани боҷу хироҷ таслими аъроб шуд.

Абдуллоҳ ибни Омир дар соли 32 ҳ.қ. (653) Сарахс, Бовард, Форёб, Гузгон, Толиқон ва Тахористонро [8, 1968] ба ҳамин тартиб тасарруф карда, сипас ба Мадина баргашта, Аҳнаф ибни Қайсро ба ҷонишинии худ баргузид [12, 285]. Ба ривояти дигар ӯ Қайс ибни Ҳайсамро ҷонишини худ дар Нишопур интихоб кард [8,1973; 10, 61] ва «соли сиву дувум аз он ҷо дар омад» [8,1973]. Аммо ба қавли Яъқубӣ дар китоби «ал-Булдон» Ибни Ҳайсамро волӣ ва Аҳнаф ибни Қайсро мушовир ва вазири ӯ қарор дод.

Чун Абдуллоҳ ибни Омир ба Ҳиҷоз мурочиат кард, мардуми Хуросон – Бодғису Ҳироту Қӯҳистон дубора алайҳи аъроб шӯриданд. Ба ривояти Табарӣ Қайс ибни Ҳайсам раъйи Абдуллоҳ ибни Хозимро, ки низ дар Хуросон буд, дар саркӯб кардани шӯришиён пурсид. «Раъйи ман ин аст, -мегӯяд Абдуллоҳ ибни Хозим, - ки вилоятро раҳо кунӣ, ки ман амири онам ва дастури Ибни Омир пеши ман аст, ки агар дар Хуросон ҷанге буд, ман амири он бошам. Ва номаро, ки сохта буд, дар овард ва Қайс нахост бо ӯ дарафтад. Вилоятро бо ӯ гузошт ва пеши Ибни Омир омад, ки ӯро маломат кард» [8,1973].

Дар хабар аст, ки Усмон ибни Аффон Хуросонро баъдан ба шаш нафар қисмат кард. Аҳнаф ибни Қайсро амири ду Марв (Марви Шоҳҷаҳон ва Марврӯд), Ҳабиб ибни Курраи Ярбуъиро амири Балх, Холид ибни Абдуллоҳ ибни Зуҳайрро амири Ҳирот, Умайн ибни Аҳмари Яшкуриро амири Тӯс ва Қайс ибни Ҳубайраи Суламиро амири Нишопур баргумошт ва пеш аз маргаш Усмон ҳамаи Хуросонро ба Қайс дод [8,1923].

Дар соли 33 ҳ.қ. (653-54) Абдуллоҳ ибни Омир Аҳнаф ибни Қайсро ба ҷониби Хуросон фиристод, ки «мардуми он ҷо паймон шикаста буданд. Аҳнаф ду Марвро бикушуд… Абдуллоҳ ибни Омир низ аз дунболи вай бирафту Абаршаҳрро манзилгоҳ кард» [8,1977].Баъд аз кушта шудани халифаи сеюм Усмон ибни Аффон Алӣ ибни Абӯтолиб (солҳои хилофат 656-661) ба хилофат расид. Дар замони ӯ мардуми Хуросон сар ба шӯриш бардоштанд. Аввалин касе, ки ба ривояти Табарӣ аз Хуросон назди Алӣ омад, ин Моҳуя Аброз, марзбони Марв буд, ки баъд аз ҷанги Ҷамал Алӣ ӯро пазируфт ва барои вай мактубе, чун маншур дод, ки аз қарори зайл буд: «Ба номи Худои Раҳмони раҳим.

Дуруд бар ҳар кӣ пайрави ҳидоят бошад. Аммо баъд: Моҳуя Аброз – марзбони Марв, пеши ман омад ва аз ӯ ризоят дорам. Ба соли сиюшашум навишта шуд (656-57)» [8, 2254]. Гардезӣ низ ин ривоятро тасдиқ мекунад ва менависад, ки ҳангоме ки Алӣ дар Басра буд, марзбони (моҳуяи [13,126]) Марв назди вай омад, пас Алӣ бо вай аз дари сулҳ даромад ва навиштае ба вай дод [4, 232].

Ба ривояти Табарӣ аввалин фиристодаи Алӣ ба Хуросон Хулайд ибни Қурраи Ярбуъӣ ва ба қавле Хулайд ибни Тариф будааст [8, 2254]. Аммо Балозурӣ менависад, ки «аввалин ҳокими Алӣ бар Хуросон Абдурраҳмон ибни Амбарӣ ва баъд аз ӯ Ҷаъда ибни Ҳубайра буд» [9,570]. Гардезӣ ривоят мекунад, ки Алӣ Ҷаъда ибни Ҳубайраро ба Хуросон фиристод, ки писари хоҳари Алӣ буд. Ӯ дар Хуросон футӯҳоти бисёр анҷом дод. Дувумин ҳокими Алӣ бар Хуросон Абдурраҳмон ибни Ҳабзӣ буд ва сарсашмаҳои таърихӣ зикр мекунанд, ки марди хирадманд ва покдин буд ва расмҳои некӯ гузошт [4, 229].

Табарӣ дар баёни рӯйдодҳои соли 37 ҳ.қ. (657-58) менависад, ки Алӣ ибни Абӯтолиб пас аз бозгашт аз Сиффин дар ҳамин сол Ҷаъда ибни Ҳубайраи Махзумиро ба Хуросон фиристод, [14, 2346, 2379] ..., ки модараш Уммиҳонӣ, духтари Абутолиб буд (яъне хоҳарзодаи Алӣ)» [14, 2379]. Тибқи ривояти ҳамин манбаъ мардуми Нишопур ин замон ба дини ниёгони худ баргаштанд ва ба фиристодаи Алӣ Ҷаъда ибни Ҳубайраи Махзумӣ муқовимат карданд. Ҷаъда ибни Ҳубайраи Махзумӣ ба назди Алӣ бозгашт ва Алӣ барои саркӯб кардани исёни мардумӣ дар Хуросон Хулайд ибни Қурраи Ярбуъиро маъмур сохт. «Хулайд мардуми Нишобурро муҳосира кард, то ба сулҳ омаданд; мардуми Марв низ бо вай сулҳ карданд» [14, 2346, 2379-80]. «Дар ин сол, яъне соли сиву ҳафтум... омили Хуросон Хулайд ибни Курраи Ярбуъӣ буд» [14, 2380].

Алӣ ибни Абӯтолиб дар моҳи рамазони соли 40 ҳ.қ. (январи 661) кушта шуд, ки баъд аз он писари калониаш Ҳасан шаш моҳ хилофат кард [14, 2438] вақте парокандагии кори хешро бидид, хилофатро ба Муовия супорид [14, 2453]. Аммо чи касе дар замони кӯтоҳмуддати хилофати Ҳасан ибни Алӣ волии Хуросон буд, дар манобеи таърихии зери даст хабаре пайдо нашуд.

**АДАБИЁТ**


1. Абусаъид Абулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ. Зайн-ул-ахбор / Абусаъид Абулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ; таҳия ва нашри электроникии Алиризо Каёнӣ. [Захираи электронӣ]. www.TARIKHFA.COM.
2. Абӯмансур Абдулмалик ибни Муҳаммади Саолибии Нишопурӣ. Таърихи ғуруру-с-сияр маъруф ба «Шоҳнома»-и Саолибӣ / Абӯмансур Абдулмалик ибни Муҳаммади Саолибии Нишопурӣ; тарҷума аз арабӣ ба форсӣ Сайид Муҳаммади Рӯҳонӣ. Баргардон ба расмулхати тоҷикӣ Н.Зоҳидов. -Душанбе, 2014.
3. Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук / Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ; баргардонкунандаи матн аз форсӣ ба кириллӣ И. Раҳматуллоҳ. Китоби 1. -Душанбе, 2014.
4. Гардезӣ А. Зайн-ул-ахбор / А. Гардезӣ. - Теҳрон: Интишороти Дунё, 1367ш.
5. Фирдавсӣ А. Шоҳнома / А. Фирдавсӣ; таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз К. Айнӣ ва З.Аҳрорӣ. -Душанбе: Адиб, 2010.
6. Аҳмад ибни Яҳё Балозурӣ. Футуҳ-ул-булдон / Аҳмад ибни Яҳё Балозурӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккул. -Теҳрон, 1337. Таҳия ва нашри электроник Алиризо Каёнӣ. [Захираи электронӣ]. WWW. TARIKHFA. COM
7. Большаков. О.Г. История халифата / О.Г. Большаков. Эпоха великих завоеваний. -М., 1993. -Т.2.
8. Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук / Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ; таҳрир, тасҳеҳи Н.Амиршоҳӣ. Китоби 3. -Душанбе, 2014.
9. Балозурӣ. Китаби футуҳу-л-булдон / Балозурӣ. -Теҳрон: Интишороти илмию фарҳангӣ. 1371 ш.
10. Ибни Возеҳи Яъқубӣ. Таърихи Яъқубӣ / Ибни Возеҳи Яъқубӣ. -Теҳрон: Интишороти илмию фарҳангӣ, 1356. -Ҷ.2.
11. Ибни Возеҳи Яъқубӣ. Ал-булдон / Ибни Возеҳи Яъқубӣ. - Теҳрон: Интишороти илмии Фарҳангӣ, 1356.
12. Ибни Аъсами Куфӣ. Ал-футӯҳ / Ибни Аъсами Куфӣ. - Теҳрон: Интишороти илмию фарҳангӣ.
13. Абӯрайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия / А. Берунӣ. -Душанбе: Ирфон, 1990.
14. Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук / Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ; китоби 4. Таҳрир, тасҳеҳи Н.Амиршоҳӣ. -Душанбе, 2014.


## ҲОКИМОНИ ХУРОСОН ДАР АҲДИ ОХИРИН ШОҲОНИ СОСОНӢ ВА ЗАМОНИ ХУЛАФОИ РОШИДИН


Муаллиф дар ин мақола бар мабнои манобеи таърихӣ асомии марзбонон (ҳокимон)-и Хуросонро дар аҳди охирин намояндагони хонадони Сосонӣ ва дар замони хулафои рошидин муайян мекунад. Аз рӯзгорони бостон сарзамини Эрон ба чаҳор испаҳбуд қисмат мешуд, ки нахустини он испаҳбуди Хуросон буд. Сарчашмаҳо ҳовии маълумоте пиромуни марзбонони аҳди қадими Хуросон нестанд. Дар замони подшоҳии Шопури аввали Сосонӣ (240-272) писараш Ҳурмуз фармонравои Хуросон буд ва ба ҳангоми подшоҳии Баҳроми панҷум ё Баҳроми Гӯр (420-438 ё 440), бародари хеш Нарсиро вилояти Хуросон дод. Ба ҳангоми харҷу марҷ дар Эрон, ки баъди марги Хусрави Парвиз (628) иттифоқ афтод, марзбони Хуросон ва сипаҳсолори кулли Эрон Фароҳурмуз буд. Ӯ бо фармони маликаи Эрон Озармидухт кушта шуд ва ба ҷойи ӯ писараш Рустами Фаррухзод марзбони Хуросон ва сипаҳсолори кулли Эрон таъйин гардид. Дар набарди сарнавиштсози Қодисия дар соли 636 аз ҷониби арабҳо сипоҳи Сосониён шикаст дид ва дар ин корзор охирин ҳокими эронии Хуросон кушта шуд. Баъд аз ишғоли Хуросон аз ҷониби арабҳо ва дар аҳди хулафои рошидин дар Хуросон Умайр ибни Усмон ибни Саъд, Абдуллоҳ ибн Омир, Умайн ибн Аҳмари Яшкурӣ, Абдуллоҳ ибн Хозим, Аҳнаф ибни Қайс, Хулайд ибни Қурраи Ярбуъӣ ва Ҷаъда ибни Хубайра ҳоким буданд.



**Калидвожаҳо:** Хуросон, Эрон, Варорӯд, Суғд, Хоразм, Хуросони Бузург, Сосониён, Шопури аввал, Баҳроми Гӯр, Яздигурди аввал, «Шоҳнома», Фароҳурмуз, Рустами Фаррухзод, Дирафши Ковиёнӣ, Умар ибни Хаттоб, Абдуллоҳ ибни Омир

**ПРАВИТЕЛИ ХОРАСАНА ВО ВРЕМЕНА ПОСЛЕДНИХ САСАНИДОВ И В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯ ПРАВЕДНЫХ ХАЛИФОВ**

В данной статье автор на основе письменных источников устанавливает имена правителей Хорасана во времена последних Сасанидов и в период правления праведных халифов. С древности Иран разделился на четыре испахбуда (области), первой из которых являлся Хорасан. Источники не содержат сведения о правителях древнего периода Хорасана. При правлении Сасанида Шапура I (240-272) правителем Хорасана был его сын Хурмузд, а во времена царствования Бахрома V, известного по имени Бахроми Гур (420-438 или 440 гг.), Хорасаном правил его брат Нарси. Во время анархии в Иране, которая случилась после смерти Хусрава Парвиза (628 г.), правителем Хорасана и главнокомандующим армией Ирана был Фарохурмуз. Он был казнен по приказу царицы Озармидухт и вместе него был назначен правителем Хорасана и главнокомандующим армии Ирана его сын Рустами Фаррухзад. В решающей битве при Кадисии в 636 г. сасанидское войско было арабами разгромлено, и в этом сражении был убит последний иранский правитель Хорасана. После захвата арабами Хорасана и во времена праведных халифов правителем Хорасана были Умайр ибни Усман ибни Саъд, Абдуллах ибн Омир, Умайн ибн Ахмари Яшкури, Абдуллах ибн Хозим, Ахнаф ибни Кайс, Хулайд ибни Курраи Ярбуъи и Джаъда ибни Хубайра.

**Ключевые слова**: Хорасан, Иран, Вароруд, Сугд, Хоразм, Великий Хорасан, Сасаниды, Шопур I, Бахроми Гур, Яздигурд I, «Шахнома», Фарохурмуз, Рустами Фаррухзод, Дирафши Ковиёни, Умар ибн Хаттоб, Абдуллах ибни Омир.

**THE RULERS OF KHORASAN DURING THE LAST SASSANIDS AND DURING THE REIGN OF THE RIGHTEOUS CALIPHS**

In this article, the author based on written sources exposed the names of the rulers of Khorasan during the last Sasanids and during the reign of the righteous caliphs. Since ancient times Iran was divided into four ispahbuda (fields), Khorasan was one of the first from them. The sources do not have information about the rulers of ancient Khorasan. During the reign of Shapur I (240-272) Sasanid his son Hurmuzd was the ruler of Khorasan. During the reign of Bahromi Gur (420-438/440) the ruler of Khorasan was his brother Narsi. Farohurmuz became the ruler and commander in chief of Khorasan after the death of Khusrav Parviz (628). He was executed according to the order of empress Ozarmiduht. His son Rustami Farruhzad became the ruler of Khorasan and commander in chief of Iran. In 636 in the battle near Kadisia Arabs smashed the Sasanian troops. The last Iranian ruler of Khorasan was killed there. Umair ibni Usman ibni Sa'd, Abdullah ibn Omir, Umain ibn Ahmari Yashkuri, Abdullah ibn Khozim, Ahnaf ibni Kais, Khulaid ibni Qurrai Yarbu'i commander in chief and Ja'da ibni Khubaira became the rulers of Khorasan when it was occupied by Arabs and during the righteous caliphs.

**Key words**: Khorasan, Iran, Varorud, Sughd, Khorazm, Great Khorasan, Sasanids, Shapur I, Bahromi Gur, Yazdigerd I, «Shohnoma», Farohurmuz, RustamiFarruhzod, Dirafshi Koviyon, Umar ibn Hattob, Abdullah ibni Omir.

**Сведения об авторе**: ***Хамза Камол (Камолов Хамзахон Шарифович)*** – доктор исторических наук, главный научный сотрудник Института истории, археологии и этнографии АН РТ, E-mail: **hamza_Kamol@mail.ru**

# МИГРАЦИЯ В СОГД И МИГРАЦИЯ СОГДИЙЦЕВ: ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ КУЛЬТУР В ДРЕВНОСТИ И РАННЕМ СРЕДНЕВЕКОВЬЕ

***Аюбов А. Р.***
**Музей антропологии и этнографии им. Петра Великого (Кунсткамера) РАН**

Одним из ключевых вопросов этнокультурных отношений с древнейшего периода истории по настоящее время является миграция населения, независимо от того, в каком обществе и какую роль она сыграла в развитии последнего. Более заметный след в этнокультурных процессах миграции оставили ещё в древнейшем периоде истории, так как именно этот период является началом заселения современной ойкумены. Но это не означает, что на протяжении всего этого большого периода истории характер таких переселений не изменился. Известно, что разделение труда в конце первобытной эпохи привело к появлению классового общества, которое сопровождалось заменой племен новыми ячейками общества – народностями. Миграции населения ускоряли данный процесс. Однако, так как этносы стояли на разных этапах как социально-экономического, так и культурного развития, в конечном итоге перемещение привело к тому, что аборигены оставались под влиянием новых пришельцев, либо происходило обратное.

Миграции новых этнических групп в социальном отношении могут иметь следующие результаты: во-первых, завоеватели устанавливают свой способ производства и производственных отношений; во-вторых, пришельцы довольствуются только данью; в-третьих, из двух способов производства, т.е. производства аборигенов и завоевателей, происходит более новый способ производства. Этнические отношения после миграций также приведут к трем результатам: 1) завоеватели полностью ассимилируют побежденных; 2) победители почти бесследно растворяются в аборигенах; 3) происходит синтез этнического суперстрата и субстрата, в ходе которого возникает новый этнос [4, 35].

Ход исторического развития человечества показывает, что автохтонность и миграционность имеют тесную связь. Эволюция этнической автохтонности помимо местных факторов, дополнительно также стимулируется миграциями других народов. Это отражается как на изменении языка и антропологического облика, так и на ходе развития общества в целом, другими словами, прогрессе всего общества. В настоящее время невозможно найти тот этнос, донесший свой язык и антропологический облик в первозданном виде с древнейших времен.

Миграция народов, прежде всего, индоевропейцев началась ещё в древнейшем периоде истории человечества. В эпоху неолита, когда формируется производящее хозяйство, распространение индоевропейцев было связано, по-видимому, с бурным ростом населения. Велика была и роль экологических кризисов, имело место и вытеснение иными этническими группами. Значение последней причины имело тенденцию к росту [7, 443]. С конца IV тыс. до н.э. в результате появления и роста первых цивилизаций на Ближнем Востоке, начинается их экспансионистская политика. Эту экспансию шумеров, аккадцев, хурритов, хеттов, ассирийцев можно было наблюдать в районах, заселенных индоевропейцами,. Социально-экономическая политика государств, созданных этими народами, вынуждала местное население покинуть родные территории, что сокращало пространство, заселенное индоевропейцами.

Наряду с этим, целый ряд индоевропейских народов сохранился там и в эпоху раннего железа. С появлением мигрантов или с попыткой соседей расширить свою территорию, аборигены долин сражались или уходили. У автохтонного населения оставалось три варианта дальнейшего действия: завоевание иной земли, оседание на краях государства, либо его захват и в крайнем случае, миграция за пределы исходных территорий заселения. Появление внешнего врага было необязательно для реализации одного из вышеназванных вариантов. Как отмечает С.Григорьев, «...свою роль мог сыграть и демографический фактор. Популяция перерастала рамки долины, и часть её была вынуждена начинать миграцию» [7, 443].

Географическое положение, хороший климат обуславливают процесс миграций иных народов с исходного местоположения, независимо от того, что заставило людей покинуть свои земли. Это может быть нападение завоевателей, нехватка пахотных земель в результате роста числа населения, либо изменение природных условий. Географическое положение Средней Азии позволяло, чтобы она стала преемником, аккумулирующим потоки этнических переселений, но и ретранслятором. Многие племена и этнические группы разных языковых семей через Среднюю Азию мигрировали на различные части Азиатского континента.

Средняя Азия с доистоических времен до конца эпохи средневековья пережила шесть потоков переселений: индоарийской, иранской, греко-македонской, тюркской, семитской, монгольской. Они представляли четыре семьи языков: алтайскую, индоевропейскую, семитскую и монгольскую [17, 33]. Только в эпоху бронзы степные пастушеские племена мигрировали три раза:

1) Синташта - Петровка;

2) развитые срубная и андроновская культурные общности, представленные алакульским, федоровским и смешанными типами памятников;

3) позднесрубная и позднеандроновская культуры [12, 50].

Процессы миграций были связаны также с развитием дальней торговли. Заслуживает внимания вывод о том, что в начале II тыс. до н. э. ассирийские торговые караваны отправлялись за оловом к далеким источникам, как считают, находившимся в Афганистане [3, 14]. Процесс миграции не обходил стороной и территорию Согда – одной из древнейших и развитых областей Средней Азии. Бассейн реки Зеравшан, где располагался древний и средневековый Согд в силу природно-географических факторов, т.е. наличие минерально-сырьевой базы имел свои особенности. Эти особенности заключаются в том, что здесь проходили сложные процессы интеграционного характера с участием разных культур. Согд также имел особенность культурно-исторического развития буферной зоны.

Вопрос о субстратном языке южных районов Центральной Азии III—II тыс. до н.э. является дискуссионным. В XX в. выдвигалось предположение, по которому население юга Центральной Азии могло быть дравидоязычным или же говорило на родственном хурритском языке. При этом предполагалась, что хурритские племена мигрировали в Центральную Азию и их язык оставался под влиянием иранских языков [18, 70]. А А.Сагдуллаев отмечает, что некоторые среднеазиатские топонимы и этнонимы повторяют вавилонские и индийские понятия. Он приводит топоним Киш (Кеш) в Южном Согде и считает, что данный топоним совпадает с названием местопотамского города Киш, известного еще в Ш-II тыс. до н. э. [18, 71]. Однако, такая этимология не имеет основу, так как о передвижении каких-либо местопотамских этнических групп в Южный Согд сведений не имеется. Источники сообщают только о перемещении групп большой юечжи на эту территорию. Вероятно, они оставались под влиянием местного населения. Нужно отметить, что термин «каш» или «куш», от которого происходит название города Кеш, встречается в составе многих географических названий. Он означает «возвышенность, в которую упирается река и делится на два русла». Местоположение города соответствует данному географическому названию. Этнокультурные контакты согдийцев бассейна Зеравшана с соседними областями и более отдаленными регионами Евразийского континента имеют тесную связь с проблемой своеобразия древних памятников. Здесь можно перечислить комплексы Саразм, Тугай, Жуковский, Сагазан [9, 93; 21, 190; 1, 111].

Отмеченные выше географические факторы в значительной мере определили облик и пути развития палеометаллических культур долины Зеравшана. Уже с раннего палеолита здесь сохранялась преемственность культур каменного века. Однако экспансия сюда в IV тыс. до н. э. из Геоксюрского оазиса (Юго-Восточный Туркменистан) оказала заметное влияние на процесс

культурогенеза региона. Колонизация Саразма, видимо, была осуществлена населением, испытывавшим острую нужду в металлургическом сырье, причем не исключается совместное проживание в этом поселении местного населения и пришлых этносов [18, 70]. Развитию культуры согдийцев Зеравшана позже содействовали пастушеские группы ямно-афанасьевского типа [2, 273]. О ранней миграции андроновцев в Согд свидетельствует поселение металлургов Тугай под Самаркандом. Обнаруженные в керамике примеси талька показали, что здесь население мигрировало с Урала, так как указанная особенность была свойственна населению этого региона и, вероятно, уральцы оставили своё исходное место с целью обнаружении новых рудных баз [12, 52].

Комплекс Тугая синхронизируется с земледельческой культурой Саразм. Этнокультурная среда Самаркандского региона является неоднородной. В могильнике Муминабад с алакульским обрядом погребения найдены браслеты, височные кольца, перстни, многочисленные бусы, нашитые на одежду и обувь, зеркало с ручкой-петелькой и федоровские серьги с раструбом [5, 58; 13, 102]. Важным этапом истории Средней Азии является период до и после завоеваний Александра Македонского, которые способствовали новым потокам миграций. Вместе с переселением греко-македонцев, намечается выдвижение кочевых племен евразийских степей, что нашло определенное отражение в классических с IV в. до н.э. и китайских источниках [19, 204]. Согласно сведениям Квинта Курция Руфа, во время похода Александра Македонского в Среднюю Азию в 329-327 гг. до н.э. переместились эллины-бранхиды [11, 152]. Они были уже настолько ассимилированы, что говорили на смешанном греческом с местными – языке. Бранхиды составляли первую, но незначительную волну греческих переселенцев в Среднюю Азию.

Действительно, в результате завоеваний Александра Македонского большая часть главных земледельческих районов оказались интегрированными в эллинистическое сообщество. Миграционные процессы этого времени не проходили незаметно. Расширилось поле борьбы за источники дохода, переделы владений. Как отмечают А.Холики и Н.Рахимов, «в этой борьбе побеждал сильный, побежденный терял не только ресурсы, но часто и этническую самобытность: происходило смешение этносов, культур и религий. К числу пострадавших в этот период народов Средней Азии следует отнести согдийцев» [20, 188].

После смерти Александра Македонского, все бывшие греко-македонские владения в Средней Азии были реинтегрированы Селевкидами. Селевкиды заложили основу политики управления покоренным регионом, отличающейся враждебностью по отношению к местному населению. Основой своего регионального господства новые власти считали преумножение числа местных греко-македонских общин и увеличение общей доли и значения эллинского населения.

Среднеазиатский период в истории греков продлился немного. Вынужденные вскоре покинуть недавно завоеванные территории, юечжи под давлением другого евразийского племени – усуней, мигрировали на юг в Ферганскую долину и далее в Согд и Бактрию. Местное Греко-Бактрийское царство оказалось не в состоянии противостоять нашествию и в 30-х гг. II в. до н. э. рухнуло под его напором. Свою частичную независимость сохранили лишь несколько небольших греческих владений (Каписа, Уддияна, Таксила), разбросанных на отрогах Гиндукуша. Впрочем, их история протекала уже за пределами непосредственно Средней Азии, а исчезновение в следующем столетии означало окончательный конец причудливого феномена среднеазиатского эллинизма [8, 476].

Важным этапом миграции согдийцев является их перемещение в Восточный Туркестан и Семиречье. Дорога в Восточный Туркестан проходила через Семиречье. Поэтому согдийцы включали в сферу своего влияния также и Семиречье. В городище Семиречье, особенно в нижних слоях, найдены предметы, изготовленные согдийцами [6, 36].

Согдийская колонизация Семиречья разделяется на два этапа. На первом этапе ещё не завершился процесс ассимиляции автохтонного населения с согдийцами. В это время согдийцы ограничивались только торговлей и взаимоотношениями. Второй этап начинается примерно с конца VI в., когда внутренние противоречия заставляли согдийцев покинуть территорию Согда и переселиться в Семиречье. Именно в этом периоде начинается процесс ассимиляции согдийцев с местным населением. В IV-VIII вв. н.э. этническую структуру Средней Азии изменяют миграции хионитов, кидаритов, эфталитов и тюрков. Во второй половине VI в. в письменных источниках впервые упоминается о пребывании тюрков на территории Средней Азии. Начиная с этого времени до VIII в. н.э. наблюдается наиболее активное перемещение тюрков, где они постепенно начинают теснить восточноиранское население, как в плане политического господства, так и в отношении территории расселения.

Миграция тюрков периодично шла в VI-VIII, X-XII и XV-XVI вв. До начала первого периода в памятниках письменности первой половины I тыс. н.э. и в монетных легендах не встречается ни одного тюркского слова, титула, имени, топонима, а этого никак не могло бы быть, если бы в данное время здесь в массовом количестве проживало тюркское население [17, 45]. Отношение к тюркам среди местного населения было разное. Одними из первых с тюрками в контакт вступили согдийцы. Как отмечает Н.Т. Рахимов, «это было связано не только с тем,

что Согд, как Хорезм и Фергана, находился на периферии земледельческого мира древности, но и тем, что благодаря такому феномену, как согдийская колонизация, согдийцы раньше других оказались в глубинных районах Азии и оказали на тюрков значительно большее влияние, чем другие оседлые народности» [16, 168]. В период с середины V до начала VI вв. происходит «инфильтрация тюркских племен в Трансоксиану» [17, 46]. Во второй половине VI-VIII вв. наблюдается усиление данного процесса. В отдельных областях Средней Азии, в том числе Согде, Уструшане, утверждаются тюркские династии. Территория Трансоксианы-Мавераннахра входит в состав Западно-тюркского каганата. Тюрки начали чеканить собственные тюркские монеты с тюркскими именами и титулами.

Нашествие арабов и включение Средней Азии в состав арабского халифата обусловили распространение арабского языка. Новый язык постепенно начал вытеснять местные языки, в том числе согдийский, во всех сферах жизни. Арабский язык стал языком не только религии, но и литературы. Влияние арабов в Средней Азии отразилось в принятии новой религии – ислама местным населением. Арабы, разрушив этническую структуру Согда, вошли в состав населения Самарканда, Бухары, Южного Согда. Важным вопросом этнической истории согдийцев является их миграция за пределами прародины. Возникает вопрос: когда началось перемещение согдийцев в другие регионы? По этому вопросу имеются разные мнения. Некоторые исследователи полагают, что данный процесс начался ещё при правлении династии Ахеменидов. Однако с этим не согласен Н.Т. Рахимов. В качестве аргумента он указывает, что не имеется конкретных сведений о поселении согдийцев именно V в. до н.э. По его мнению, миграции определенных групп из Средней Азии в Восточный Туркестан и в обратном направлении были известны и ранее. Ещё в конце II тыс. до н.э. какая-то часть населения Таримского бассейна переместилась на запад и юго-запад, на территорию современной Средней Азии [15, 38].

Свидетельством частичной миграции согдийцев из прародины является активная служба представителей согдийской знати в качестве профессиональных воинов у халифов. Здесь нужно упоминать также о большом количестве пленных, увезенных насильно в пределы халифата. Умайидская армия опиралась на традиционную арабскую племенную структуру. Однако при Аббасидах появляется спрос на военные подразделения иного типа. Это обусловило вовлечение части среднеазиатской знати в военно-экономическую систему халифата. Нужно отметить, что служба в арабской армии являлась добровольной. Появление согдийцев в центральных районах халифата начинается в конце VII–первой половины VIII вв. Здесь речь идет о пленных, увозимых из Средней Азии. Другая категория согдийцев, несомненно, гораздо меньшая количественно, попадает в халифат в качестве клиентов (мавали) арабских племен, скорее, под давлением разного рода обстоятельств, нежели насильно [10, 130].

Следы согдийцев также можно найти и в Сибири. Они длительное время были важным компонентом сибирского общества. В долине реки Унга, левого притока Ангары археологами раскопано городище Улан-Боре VIII-IX вв. Здесь найдены черепа памиро-ферганской расы, вещи среднеазиатского типа, но изготовленные на месте оседло живущими переселенцами. Обряд захоронения уланборцев аналогичен таковому у христиан-несторианцев [14, 257]. Исследования показали, что обитатели Улан-Боре относились к согдийским переселенцам Чуйской долины Семиречья.

Таким образом, изучение этнокультурных процессов приводит к выводу о том, что развитие древней этнической истории следует рассмотреть по следующей схеме: автохтонные традиции - переселения - этнокультурный синтез, приведший к обновлению традиций и проявлению этнокультурных инноваций. Миграции не только изменяют место перемещения, расширяют или сужают поле событий, они также могут изменить расстановку самих участников, перемешать их и разводить соседей на другие места и, наоборот, сомкнуть диалекты, прежде весьма удаленные друг от друга. Этнические миграции меняют баланс этнических групп в регионах выхода и вселения, создают новую ситуацию в межэтнических отношениях и тем самым оказывают значительное влияние на социально-экономический, политический и культурный облик региона.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Аванесова Н.А. Анималистические находки эпохи бронзы Зеравшанской долины / Н.А. Аванесова // Археология Южной Сибири. К 80-летию Я. А. Шера.. –Кемерово: РИО КемГУ, 2011. -Вып. 25. – С.111-120.
2. Аванесова Н.А. Своеобразие культурно-исторических процессов Зеравшанского бассейна // Культуры степной Евразии и их взаимодействие с древними цивилизациями / Н.А. Аванесова. – СПб: ИИМК РАН, «Периферия», 2012. -Кн. 2. – С.272-278.
3. Адаме Р. Изучение бронзового века Месопотамии и соседних регионов / Р. Адаме // Древнейшие цивилизации Востока. -Ташкент, 1986.
4. Алексеев В.П. Переселения народов и формирование новых этнических общностей / В.П. Алексеев, Ю.В. Бромлей // СА. – 1968. - №2. – С.35-45.
5. Аскаров А. Раскопки могильника эпохи бронзы в Муминабаде / А. Аскаров. — ИМКУ. – 1969. - Вып. 8. - С.58-63.
6. Бернштам А.Н. Согдийская колонизация Семиречья / А.Н. Бернштам // КСИИМК. – 1940. – Вып.6. – С.34-43.
7. Григорьев С.А. Древние индоевропейцы / С.А. Григорьев. - Изд-е 2-е доп. - Челябинск: Цицеро, 2015. - 660 с.

8. Гусаков В.В. Сакские племена на северо-восточной периферии среднеазиатского эллинизма / В.В. Гусаков // Культуры степной Евразии и их взаимодействие с древними цивилизациями. – СПб: ИИМК РАН, «Периферия», 2012. -Кн. 2. – С.475-477.
9. Исоќов А. Саразм – оғози тамаддуни халќи тоҷик. Панҷакенти Суғд / А. Исоќов. – Хуҷанд: Ношир, 2005. – 402 с.
10. Карев Ю. Согдийские пленники и мавали в халифате: контекст и условия аккультурации // Культурный трансфер на перекрестках Центральной Азии: до, во время и после Великого шелкового пути / Ю. Карев. - Париж–Самарканд: МИЦАИ, 2013. - С.130-135.
11. Квинт Курций Руф. История Александра Македонского. С приложением сочинений Диодора, Юстина, Плутарха об Александре / К. К. Руф / отв. ред. А.А. Вигасин. – М.: Изд-во МГУ, 1993. – 464 с.
12. Кузьмина Е.Е. Арии - путь на юг / Рос. ин-т культурологи / Е.Е. Кузьмина. - М.: Летний сад, 2008. - 558 с.
13. Лев Д.Н. Погребение бронзовой эпохи близ г. Самарканда / Д.Н. Лев // КСИА. - 1966. - Вып. 108. – С.101-104.
14. Малолетко А.М. Древние народы Сибири. Этнический состав по данным топонимики. Т. 4. Арии / А.М. Малолетко. - Томск: Печатная мануфактура, 2005. - 364 с.
15. Рахимов Н.Т. Исход согдийцев: начало миграции и колонизации восточных территорий / Н.Т. Рахимов // Номаи Донишгох. – 2015. - №3 (44). – С.38-44.
16. Рахимов Н.Т. Опыт взаимодействия оседлых и кочевых культур в бассейне Средней Сырдарьи (древность и средневековье) / Н.Т. Рахимов // Межцивилизационное взаимодействие на евразийском пространстве: история, тенденции и перспективы (Душанбе, 13 февраля 2015 г.; сост.: д.и.н., проф. Мухидинов С.Р.; ред. Михайличенко Н.В. – Душанбе: РТСУ, 2015. – С.165-173.
17. Ртвеладзе Э.В. Цивилизации, государства, культуры Центральной Азии / Э.В. Ртвеладзе. – Ташкент: Университет мировой экономики и дипломатии, 2005. – 288 с.
18. Сагдуллаев А. Этнокультурные процессы в древней Центральной Азии (некоторые итоги изучения, современные проблемы и подходы) / А. Сагдуллаев // Цивилизации и культуры Центральной Азии в единстве и многообразии. Материалы Международной конференции, Самарканд, 7-8 сентября 2009 г. - Самарканд-Ташкент: МИЦАИ, SMI-ASIA, 2010. – С.68-73.
19. Филанович М. Древний Чач на пути евразийских миграций номадов (данные археологии и историческая традиция) / М. Филанович // Традиции Востока и Запада в античной культуре Средней Азии. Сборник статей в честь Поля Бернара. – Самарканд: Изд-во «Зарафшан», 2010. - С.204-216.
20. Холики А. Межэтнические отношения в Средней Азии: история и тенденции / А. Холики, Н.Т. Рахимов // Вестник ТГУПБП. - 2013. - №3 (55). - С.186-195.
21. Холматов Н.У. Сагазанская культура (неолит Среднего Зеравшана / Н.У. Холматов // Самарский научный вестник. - 2014. - №3(8). - С.190-197.

## МУҲОҶИРАТ БА СУҒД ВА МУҲОҶИРАТИ СУҒДИЁН: ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ ФАРҲАНГҲО ДАР АҲДИ ҚАДИМ ВА АСРҲОИ МИЁНА

Дар мақола масъалаи муҳоҷирати сохторҳои этникии мухталиф ба Суғд ва муҳоҷирати суғдиён ба вилоят ва минтақҳои дигар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳоҷират ҳамчун қисми таркибӣ ва муҳимми равандҳои этникию фарҳангӣ ба дигаршавии муҳити зист, таъсири мутақобилаи фарҳангҳо мусоидат менамояд. Маскуншавии халқҳо ва ё гурӯҳҳои этникии алоҳида вазъият, тавозуни ин гурӯҳҳоро дар минтақаҳои дигар тағйир медиҳад. Он вазъи нави муносибати байни халқҳоро ба вуҷуд оварда, бо ин роҳ ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии минтақа таъсири амиқ мерасонад.

**Калидвожаҳо:** муҳоҷират, Суғд, суғдиён, гурӯҳҳои этникӣ, равандҳои этникию фарҳангӣ, юнону мақдуниҳо, туркҳо, арабҳо, Туркистони Шарқӣ

## МИГРАЦИЯ В СОГД И МИГРАЦИЯ СОГДИЙЦЕВ: ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ КУЛЬТУР В ДРЕВНОСТИ И РАННЕМ СРЕДНЕВЕКОВЬЕ

В статье рассматриваются вопросы миграции различных этнических структур в Согд и перемещение согдийцев в другие области и регионы в эпоху древности и раннего средневековья. Миграции как важное звено этнокультурных процессов способствовали изменению среды обитания, взаимодействию различных культур. Переселение народов или отдельных этнических групп не только изменяют последующую среду, они могут внести резкие перемены в саму расстановку участников, переместить их и развести соседей на дальние края и, наоборот, сомкнуть диалекты, прежде весьма удаленные друг от друга. Этнические миграции меняют баланс этнических групп в регионах выхода и вселения, создают новую ситуацию в межэтнических отношениях и тем самым оказывают значительное влияние на социально-экономический, политический и культурный облик региона.

**Ключевые слова:** миграция, Согд, согдийцы, этнические группы, этнокультурные процессы, греко-македонцы, тюрки, арабы, Восточный Туркестан.

## MIGRATION IN SOGD AND MIGRATION OF SOGDIANS: CULTURAL INTERACTION IN ANTIQUITY AND THE EARLY MIDDLE AGES

The article deals with the issues of migration of different ethnic structures in Sogd and moving Sogdians in other areas and regions in the era of antiquity and the early Middle Ages. Migration as an important link ethnocultural processes have contributed to a change in environment, the interaction of different cultures. The relocation of peoples or certain ethnic groups do not only change the subsequent environment, they can make very dramatic changes in the balance of the participants, and move them to dissolve neighbors to distant lands on the other hand, a wink of dialects, especially very remote from each other. Ethnic migration change the balance of ethnic groups in the regions of the output and the universe, creating a new situation in the inter-ethnic relations, and thus have a significant impact on the socio-economic, political and cultural character of the region.

**Key words:** migration, Sogd, Sogdians, ethnic groups, ethnic and cultural processes, the greco-macedonians, turks, arabs, Eastern Turkestan.

**Сведения об авторе:** ***А.Р.Аюбов*** – кандидат исторических наук, докторант Музея антропологии и этнографии им. Петра Великого (Кунсткамера) Российской академии наук. Тел.: **927-66-04-71.** E-mail: **abdusalom-1@mail.ru**

# ЧИГУ – АНТИЧНЫЙ ГОРОД НА ДНЕ ОЗЕРА ИССЫК-КУЛЬ

*В. В. Плоских*
**Кыргызско-Российский Славянский университет**

Отправным пунктом при рассмотрении этих известий может служить *Аснаб ас-салатин ва таварих ал-хавакин* и автобиографическое приложение к этому сочинению - *Байан-и хисб-и хал-и Мулла Мирза Алим Мирза*. В них автор резко отрицательно относится к новым порядкам и переменам, происшедшим после ликвидации Кокандского ханства. Он рассказывает о новом административном устройстве, податях, называет имена лиц из местного населения, принявших новых должности. На многие административные должности (напр., элликбаши) пробрались недостойные и презренные люди, жестоко притеснявшие народ. Новой власти сопутствовал приток чужестранцев, «в город проникли темнота, его наводили воры и развратницы», резко возросла преступность, упали нравы(1,1726-1776). Именно это заставила автора *Аснаб ас-салатин* переселиться в степь, занят должность сельского имама и находить единственное утешение в написании своей автобиографии, вспоминая безвозвратно ушедшие времена ханства.

На сходных позициях стоит и автор *Алимкул джанг-намаси ва гариб нама*, по мнению которого при Худаяр-хане Фергана процветала, в казне было полно золото и драгоценностей, а с переходом страны под власть Белого падишаха дела шариата расстроились, появилась ересь, стало процветать взяточничество у казиев, «испортились» законоведы, исчезла справедливость и благочестие, от водки, азартных игр, распутниц (проституток) и разбойников (басмачи) город стал неспокойным, а полицмейстер (курбаши) ослабил надзор. В сочинение имеется интересный рассказ об этапировании в 1878 осужденных участников восстания 1875 – 1876 гг. из Андижана через Коканд и Худжанд в российскую губернию (по всей вероятности, в Оренбургскую) и о положении там ссыльных, среди которых был сам автор сочинения(2,316-756).

Другой автор, ташкентец, по существу, продолжает в *Та'рих-и джадида-йи Тошканд* событийную хронику, описывающие важнейшие происшествия в политической жизни Ташкента и Туркестанского края с 1865 по 1887, в том числе внешнеполитическую активность российских генерал-губернаторов. Таким образом, хроники сообщают нам некоторые полезные сведения о колониальном Туркестане, свидетельствующие о структурных переменах в общественной жизни традиционной Средней Азии, главным образом Худжанда. Эти перемены рассматриваются их авторами критически и, как правило, с консервативных позиций.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Аснаб ас-салатин ва таварих ал-хавакин, л. 1726-1776.
2. Алимкул джанг-намаси ва гариб нама, л. 316-756.
3. Арандаренко Г.А. Досуги в Туркестане 1874-1889 гг. – СПб, 1889. – 343 с.
4. Артиллерия в кокандском походе. /Туркестанский сборник. – Т. 480. – С.38.
5. Артиллерийский журнал, 1877. - №9. – С.779.
6. Биржевые Ведомости, 1875. – №259.
7. Военный сборник, 1876. - №1. – С.28.
8. Мирбабаев А., Махмудов О. Худжанд – по пути нового исторического прогресса. – Худжанд: Нури маърифат, 2009. – 172 с.
9. Стеценко И.А. Из истории народных движений в Таджикистане во второй половине XIX и начале XX вв. (1870-1917). – Душанбе: АН Тадж. ССР, 1963. – 169 с.
10. Туркестанский сборник. – Т. 43. – С.234.
11. Туркестанские Ведомости, 1875, №33.


## ИСЁН ВА Ё МУБОРИЗА БАРОИ ҲОКИМИЯТ (ОИДИ МАСОИЛИ ШӮРИШИ СОЛҲОИ 1871 – 1872)


Дар мақолаи мазкур оид ба бесуботии иҷтимоӣ- сиёсӣ дар хонигарии Қӯқанд ва роҳпаймоии одамони исёнбардошта зери роҳбарии Абдураҳмон-офтобачӣ ва лашкаркашиҳои ӯ бо мақсади васеъ намудани доираи ҳукмронии худ бар Хуҷанд, ки новобаста аз соҳибистиқлолии худ, дар ҳамаи давру замонҳо макони баҳси байни Қӯқанду Бухоро буд, сухан меравад. Ғайр аз ин нуқтаи муҳим – яке аз сабабҳои асосии ба амал омадани норозигии аҳолии таҳҷоӣ аз пайдоиши вазъияти санитарӣ-эпидемиологӣ дида баромада мешавад. Инчунин муҳофиза ва тактикаву стратегияи зина ба зинаи шумораи ками мудофиачиёни рус ва иловатан омадани низомиён аз Тошканд нуқтаи муҳим мебошад.



**Калидвожаҳо:** ҳукмфармоӣ, ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ, тафриқаи иҷтимоӣ, бемориҳои эпидемиологӣ, гарнизон, ҳамлаи қатъӣ.


## БУНТ ИЛИ БОРЬБА ЗА ВЛАСТЬ (К ВОПРОСУ ВОССТАНИЯ 1871 – 1872 ГГ.)


В настоящей статье рассматривается социально-политическая нестабильность в Кокандском ханстве и поход забунтовавшей партии людей во главе Абдурахмана-автобачи с целью расширения своей власти и подвластной территории на Худжанд, который, несмотря на свой независимый статус, был во все времена спорной территорией между Кокандом и Бухарой. Помимо этого также рассматривается важный момент, то есть один из главных причин возникновения неудовольствия местного населения с возникновением санитарно-эпидемиологической ситуации. Важным моментом также является оборона и пошаговая тактика, и стратегия русского ограниченного военного контингента и подхода дополнительного войска из Ташкента.



**Ключевые слова:** господство, национально-освободительное движение, подкуп, социальная дифференциация, эпидемиологические болезни, гарнизон, штурм.

**UPRISING OR RACE FOR POWER (TO THE QUESTION OF THE UPRISING OF 1871 - 1872 YEARS)**

Annotation: This article describes socio-political instability in the Kokand Khanate and the campaign of the rebellious party headed by Abdurakhman-avtobachi and his campaign with the aim of expanding his power and subordinate territory to Khujand, which, despite its independent status, was at all times controversial territory between Kokand and Bukhara. In addition, an important point is also being considered, that is, one of the main reasons for the displeasure of the local population with the emergence of a sanitary and epidemiological situation. An important point is also the defense and turn-based tactics and strategy of the Russian limited military contingent and the approach of additional troops from Tashkent.

**Key words:** domination, national liberation movement, bribery, social differentiation, epidemiological diseases, garrison, assault.

**Сведения об авторе:** ***Усмонов Н.Н.*** - соискатель кафедры история таджикского народа Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, E-mail: **imon_2011@mail.ru**

# МАКТАБҲОИ МУСУЛМОНИИ АФҒОНИСТОНИ ОХИРИ АСРИ XIX -ИБТИДОИ АСРИ XX

***Шарифов Р.Я.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Афғонистон охири асри XIX ва оғози асри XX монанди аморати Бухоро ва дигар хонигариҳои Осиёи Миёна новобаста ба баъзе андешаю тадбирҳои пешқадам, мисли ҷараёни маорифпарварона, таъсиси мактабҳои туземӣ дар самти маориф ва фарҳанг, бо андешаи В.В. Бартолд ҳолати сукути онҳо бештар ба чашм мерасид [2, 65-66]. Дараҷаи таълим дар шакли сода ва мувофиқи хусусиятҳои маҳалҳои Афғонистон ба роҳ монда шуда, таълими фанҳои мазмуни динӣ-мазҳабӣ дошта бештар роҳандозӣ шуда, ҳамзамон доираи маҳдуди толибилмонро фаро мегирифт. Дар баъзе манотиқи сернуфузи кишвари Афғонистон шумораи мактабҳои мазмуни дунявӣ дошта ангуштшумор буда, онҳо маъмулан аз тарафи рӯҳониёни мактабдор идора мегаштанд ва сарчашмаи даромади онҳо дар деҳоту минтақаҳои аз он калонтар, аслан аз иҷораи порчаҳои хурди замин буда, бо имкон ва ҷамъоварии маблағе чунин мударрисон метавонистанд дар шаҳрҳо соҳиби вазифаю мансаб ва унвонеро низ дарёфт кунанд. Инчунин аз рӯйи анъана ба мулло, роҳбарон ё калонсолони қабилаҳо андозаи муайяни заминҳои корам дода шуда буд [4, 180]. Мударрисони шаҳру деҳот аз ҳисоби толибилмон даромади ночизе низ мегирифтанд. Тавре маълум аст, ҳангоми бори аввал ба мактаб рафтани донишомӯз ва ё дар вақти идхоюю анҷоми таълим, волидайн ба муаллимони фарзандони хеш туҳфаҳои мухталиф, сару либос ва миқдоре маблағ медоданду киро кардани муаллимони хусусӣ барои таълими фарзандон, хосса аз тарафи сарватмандон маъмулӣ буд.

То ҷое барномаҳои омӯзишӣ ва раванди таълим, хосса дар мактабҳои аз марказ дур воқеъгардида назорати органҳои давлат қариб ки вуҷуд надошт. Барномаҳои таълимӣ фарогири забони форсӣ, адабиёти классикӣ, зиёдтар эҷодиёти Саъдию Ҳофиз ва муқаддимае аз адабиёти араб буд. Ба андешаи С. Айнӣ таҳсил дар мадрасаҳои Бухоро 19-сол давом мекард ва толибилмон дар як сол шаш моҳ, аз 22 сентябр то 22 март ва дар як ҳафта чор рӯз (рӯзҳои шанбе, якшанбе, душанбе, сешанбе) дарс мехонданд [5, 59]. Ва "дар мадрасаҳои Бухоро асосан илмҳои зерин мегузаштанд: сарфу наҳви забони арабӣ, мантиқ, ақоиди исломӣ (илми калом), ҳикмат (ҳикмати табиӣ ва илоҳӣ), фиқҳи исломӣ (таҳорат, намоз, рӯза, ҷаноза, масъалаҳои ҳаҷ, закот, ғуломдорӣ, ғуломозодкунӣ ва ғ...) , ки дар амалиёти динӣ, ё ин ки дар муомилоти ҷамъият оид аст" [1, 203-204]. Қисме аз толибилмон пас аз хатми мактаб ба зинаи баландтари таълим - мадраса роҳ ёфта, бештар ба омӯзиши илмҳои динӣ машғул буданд (доир ба барномаҳо таълимӣ ва созмонҳои умумии мадраса ба таври намуна (дар ин маврид, мадрасаҳои Балх) дар асри XVIII ва пеш аз он, нигоҳи Довудӣ). Дар чунин сатҳу дараҷа омӯзиши мадрасаҳо шакл гирифта, низоми маорифи анъанавӣ пиёда мегашт.

Дар баробари таълиму тадрис дар Афғонистон баъзе аз муаллимону роҳбарони мазҳабӣ ҳамчунин шоирон барои боло бурдани сатҳи таҳсилоти худ дар мадрасаҳои Пешовар, Ҳуштенвейгар (Ҳинд), Бухоро таҳсил карданд [3, 97]. Теъдоде ба Лоҳур, кишварҳои арабӣ барои таҳсил рафта буданд. Бинобар ин қотеона гуфта метавонем, ки қисми зиёди донишмандони Афғонистон дар асарҳои XVIII- XIX дар Бухоро ва Лоҳур таҳсил карда, аз шаҳрҳои Макка ва Мадина низ дидан кардаанд. Қобили таваҷҷуҳ мебошад, ки қисми зиёди барномаҳои таълимии мактабу мадрасаҳои Афғонистонро илмҳои динӣ ташкил медод ва ин дар ҷамоаи суннатии кишвар як навъ амри маъмулӣ ба ҳисоб рафта, нақши он дар муътадилии вазъи сиёсии ҷомеа хеле афзуда буд [6, 44].

Илмҳои дақиқ аслан камтар, ё умуман омӯхта намешуданд ва ҳатто системаи Н. Коперник ( сухан дар бораи назарияи гелиосентризм (дар маркази коинот қарор доштани Офтоб меравад. - Ш.Р.), ки аввалин маротиба дар адабиёти исломӣ дар тарҷумаи туркии "Атласи бузург" Булов (**с.**1685) зикр шуда буд, то замони маъмурияти Элфинстон соли

1809, дар Афғонистон муаррифӣ нашуда, ҳатто баъд аз он низ ба назар намерасид. Ин буд, ки то охири даҳаи дуюми асри XIX, аксарияти аҳолии Афғонистон ҳанӯз ҳам андешаи заминмеҳварӣ ё назарияи геосентризмро тарафдор буданд. Маълумотҳои ҷуғрофӣ дар бораи кишварҳои Осиё ва Аврупо низ хеле мухтасару пароканда буд. Теъдоди марказҳои илмӣ-таълимӣ хеле кам буд, аз ҷумла соли 1830 дар шаҳри Кобул се мадраса вуҷуд дошта, таълим дар он дар доираи маҳдуд ба роҳ монда шуда, дар чунин таълимгоҳҳо на танҳо дастуроти қуръонӣ, балки ҳамаи илмҳои ислом ба унвони илҳом ва ҳидояти Худованд фаҳмида мешуд. Дар бисёр маврид назари дигар, андешаҳои тоза, афкори ҷадид ва озодандешӣ дар доираҳои илмию таълимӣ сахт мазаммат гашта, тамоми кору амали инсон ва рафтору гуфтор, инчунин зиндагиаш рӯйи қонунҳои шариат як навъ амалӣ мегашт. Хусусан мардумро хуруфотпарастӣ дар торикӣ нигоҳ дошта буд. Намунаҳои зиндагӣ, ки аз насл ба насли дигар ба асар гузошта мешуд, нишоне аз тақдири инсон ҳисоб меёфт, ки Худованд насибаш гардонидааст. Андешаҳои файласуфони маъруф хеле кам ба ҳамагон маълум буд.

Дар баробари ин, дараҷаи омӯзиш дар марказҳои таълимии Афғонистон, ки замоне аз Аврупои асримиёнагӣ пешрафта буду дар сатҳи баланд қарор дошт, новобаста ба дигаргуниҳою дастовардҳои ин ҷодаи аврупоӣ ҳолати пешинро нигоҳ дошт. Аммо дар ин давр он дараҷаи поён маҳсуб меёфт. Зеро Аврупо пас аз кашфиёти ҷуғрофӣ, ташкили низоми мустамликадорӣ, воридшавии босуръат ба сохти сармоядорӣ ва ҷаҳонкушоӣ, дар илму маориф ба пешрафти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гашт. Дар баробари ин илмҳои дақиқ мисли ҳандаса, алҷабр, тиб, ҷуғрофиё, илми ҳарбӣ ва ғайраҳо дар амал истифода шуда, ҷаҳони ғарбӣ соҳиби дастгоҳҳои техникӣ (аз ҷумла дастгоҳҳои чопи китоби И.Гуттенбург), киштиҳои бузурги ҳарбию боркаш шуда, бо тезӣ истихроҷи нафт, ангишт, намак ва ғайраҳо ба роҳ монда шуда, мануфактура-корхонаҳои саноатӣ ба фаъолият сар карданд, аммо Осиё ҳамоно дар “хоби ғафлат” буду макони ашёи хом, бозорҳои аврупоӣ, майдони ҷангу ҷидолҳои навбатӣ гашта, ба доираи манфиатҳои давлатҳои абарқудрати аврупоӣ табдил ёфт. Агар дар Аврупо пайи ҳам се ҷараёни оммавӣ чун гуманизм, реформатсия ва маорифпарварӣ таъсиргузор шуда, ҷомеаро ба сатҳи баланд бароварда бошад, дар Шарқ, чун Афғонистон дар асрҳои XIX-XX дигаргуниҳо хеле бо сустӣ мегузашт.

Тавре муҳаққиқон дуруст менигоранд, дар ин кишвар як навъ хаёлбофӣ ва ифтихор аз дастовардҳои гузаштаи мусулмонон, рукуди фикрӣ, боварии зиёд ва такя ба осори бузурги гузашта ва дигар омилҳо боиси дар ҳолати ақибмонӣ қарор гирифтани Афғонистон гашт. Агар оғоз аз даврони кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ ва ба баъд дар Аврупо ҷараёнҳои равшанфикрии мухталиф кашфиёти илмии зиёд намуда, дар доираҳои илмӣ тадқиқотҳои Н.Коперник, Г.Галилей, И.Нютон, Ф. Бекон, Р.Декарт маълуму истифода шуда бошанд, пас ин ҳама он замон ба Афғонистон таъсир нагузошт.

Адабиёти ин давраи Афғонистон, ки ба ду забон форсӣ-дарӣ ва пашту навишта мешуд дар марказҳое чун шаҳрҳои Ҳирот, Кобул, Қандаҳор ва манотиқе аз Бадахшон ва Панҷшер парвариш ёфта буд, бештар ба мавзӯъҳои шахсӣ ва баъзан масъалаҳои иҷтимоӣ назар дошту халос. Ашъори шоирони кишвар фарогири мавзӯъҳои ошиқона ва ё дарсҳои таълимии ахлоқӣ бар девонҳои адабӣ буда, ба нудрат нависандае афғонистонӣ бо пасманзари асри XVIII мисли Саид Абулҳасан вуҷуд дошт, ки аз Бадахшон, Макка, Мадина фориғуттаҳсил шуда, ба Стамбул, Қафқоз ва Бухоро сафар карда, то ҷое аз вазъи умумии ҷаҳони ислом огоҳ шуд. Иддае аз нависандагон, ки барои суқути шукӯҳ ва иззати ҷаҳони ислом сӯгворӣ мекарданд, ба умқи масъалаҳо сарфаҳм нарафта, ин ҳама ҳаводисро бештар ба “тақдир”-ӯ “насиба” ва “кирдори гардуни дун” нисбат медоданд [7, 208-213].

Мавқеи нависандагон ва муҳаққиқон дар Афғонистон заиф буд ва аз назари иҷтимоӣ ва иқтисодӣ онҳо бештар зери тобеи низоми маъмулии ҳоким дар кишвар, баъзе аз онҳо таҳти ҳимояти ҳокимони афғон ё ҳокимони Ҳирот ва Бадахшон қарор доштанд [2, 134]. Қисми зиёди онҳо ба доираи уламо ва рӯҳониён мансуб буда, ба масҷидҳо роҳ ёфта зиндагии худро то ҷое таъмин мекарданд. Аммо як қисме дар баробари илму маориф ба корҳои дигар низ барои рӯзгузаронӣ машғул буданд. Чуноне ба унвони шоири дарбор, табиб, муншӣ ва муаллими хусусӣ дар дарбори ҳокимон ва ё сарватмандони кишвар фаъолият доштанд. Аҷиб аст, ки дар ҳамаи ин мавридҳо ба шиддат муттаҳид шуда, низоми ҳоким бар улумалҳаёт ва равшанфикриро ҳифз кунанд. Дар миёни донишмандони Афғонистон фақат кам аз муҳаққиқоне буданд, ки бо тиб, ҳандаса, кимиё ё дигар илмҳои дақиқ алоқа доштанд. Дар ин ҳавза, ҳатто робитаи донишмандони саршинос чун Мирзуҳуруддин Аҳмад "Зуҳур" наметавонист барои дастовардҳои илмии қуруни вустои мусулмонон гом бардорад [3, 99]. Маъмулан пажӯҳишгарони каме, ки аз Афғонистон ба Бухоро, Ҳинд, Туркияи усмонӣ ё кишварҳои арабӣ мусофират мекарданд, бештар ё барои зиёрат мерафтанд, ё ба хотири таҳсилу азбарнамоии забони арабӣ ва ҳуқуқи исломӣ. Аммо то нимаи дуюми асри XIX, сафарҳои илмӣ ва таҳқиқ кам шуда, дар ҳамон даврон авзои иқтисодӣ ва сиёсии минтақа тақрибан имкон намедод, ки доираҳои илмӣ ҳимояте бинанд ва ё маблағгузорӣ шаванд.

Донишмандон ва воқеанигорони ин давра нуфузи хеле каме бар рӯйи ҷомеаи Афғонистон доштанд. Ҳатто осори чопӣ, девони адабиёт ва дигар навиштаҳо, ки ба зевари табъ ороста мешуданд, мисли осори Қозӣ Мирҳусайн ва Ғуломмуҳаммадхон Тарзӣ бештар дар Лоҳур ё дар Қарочӣ ба чоп мерасиданд [3, 100]. Мутаассифона, аз ин осорҳо ҳам теъдоди каме боқӣ мондаанд, ё танҳо ба сурати нусхаҳои дастӣ мондаанд.

Бино бо шарҳи Лайчн Остотр вазъи ҷамоаи исломии Афғонистони асри XIX монанди Ховари Миёнаи асрҳои XV-XVI будааст: "Коргарон ва деҳқонони бесавод паҳлу ба паҳлу бо муҳаққиқони мутаххар, дарбориҳои фарҳехта ва пур аз ишқ ба китобу ҳунар истода буд, ҳатто санъатгарӣ дар авҷи тарбият шуда ва коргари фанни Шарқи он замон бесавод буд, чунонки то ҳанӯз ба казот будааст" [3, 100].

Хамчунин, сатҳи илмии пажӯҳишҳо хеле ноқис буда, ҳатто таҳқиқотҳои таърихӣ умдатан шомили афсонаю достон мешудааст [3, 100]. Метавон гуфт мактаби таърихнигорие, ки дар замони Ибни Халдун роиҷ буд, дар Афғонистони асри XIX мавҷуд набуд. Албатта, чунин ҳолати ноҷури сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ намегузошт, ки кишваре мисли Афғонистон неруманду пурқувват гардад ва зарурати баргузории ислоҳоте ба амал омада буд. Ниёз ба ислоҳоти куллӣ ба унвони як иқдом, дифоъ дар муқобили давлатҳои марзӣ, як амри зарурӣ буд. Шоҳи Эрон ва хону амирҳои Бадахшон ва Хева дар тайи даҳаи аввали қарн, ҳама то ҷое дар низоми ҳарбӣ ва давлатдорӣ дигаргунӣ намуда буданд. Ҳамчунин, ин кишварҳо ҳам ба Афғонистон чашм "дӯхта" дар он манфиатҳои сиёсии худро медиданд ва ба мулкҳои алоҳидаи он иддао доштанд. Аз тарафи дигар аз тарафи Ҳинд, аз сӯйи Осиёи Марказӣ таҳдидҳои Англия ва Русия аёнтар мегашт. Моҷароҷӯйиҳои Фаронса, Итолиё, Амрикою Англия дар ин манотиқ хатари зиёдтар дошт [3, 100]. Салтанати Эрон, ки бо тавсеаталабиҳои Русия дар Қавқоз рӯ ба рӯ буд, низ алоқаманд ба бунёди як артиши қавӣ буд. Бештарин талоши қобили мулоҳиза дар робита бо навгониҳои артишро шоҳзода Аббос Мирзо - ноибулсалтана анҷом дод, ки дар артиши ӯ ҳудуди 300 нафар сарбози афғон низ шомил мешавад. Дигаргуниҳо дар артиши Эрон то даҳаи соли 1860 идома ёфта, низоми ҳарбии Эрон ба урдуи Австрия ва Рус монанд карда шуд.

Аз соли 1806 ба баъд, ҳокимони Хева ва Бухоро монанд ба ислоҳот чизеро амалӣ карданд, ки ба қадре дар артиши хеш тағйиротҳои сифатӣ гузарониданд. Дар натиҷаи ин гуна ислоҳот вазъи хоҷагии деҳот, шабакаҳои обёрӣ ва қадре аҳволи моддию мадании мардум ҳам беҳ гашт. Баъди ба тобеияти Русия гузаштани қисмате аз Осиёи Марказӣ то соли 1870, бухороиҳо барои дарёфти кумаки низомии Русия дар аслиҳаю техника ва омӯзиш буданд [3, 100].

Вале вазъияти дохилӣ ва хориҷӣ барои Афғонистон ҳолатеро ба бор оварда буд, ки бояд дар ин кишвар ислоҳоти амалии раҳоии ҷомеа аз аносири зимни ҷори кардани асосҳои маорифи муосир ва ё он аз харитаи сиёсии олам берун шуда, ба хотираи таърихӣ меафтод.

## АДАБИЁТ


1. С. Айнӣ. Куллиёт/ С. Айнӣ. -Душанбе, 1962. Ҷ.6.- С.203-204.
2. Абдулҳай Ҳабибӣ. Таърихи мухтасари Афғонистон / А. Ҳабибӣ. -Кобул: 1372. - С.208 -213.
3. Бартолд В.В. Чаҳор таҳқиқ / В.В. Бартолд. М., 1963. - Ҷ. II. - С. 65 -66.
4. Григорян В. Зухури Афгонистони навин / В.Григорян. - Техрон, 1388. - С. 97.
5. Ибрагимова Г.С. Историческая ретроспекция. Актулаьные вопросы истории Афганистана в изложении М. Эльфинстоуна/ Г.С. Ибрагимова. - Душанбе: Истеъдод, 2011. - С.180.
6. Луис Б. Ислам и Запад / Б. Луис. -М.: «Библейско-богословский институт», 2003. - С.34.
7. Маориф – гарави пешравии ҷомеа. (Дар партави асарҳои А.Дониш, С. Айнӣ, Б. Ғафуров ва М. Турсунзода). - Душанбе: Маориф, 2015. – С.59.
8. Саидов Х.С. Афганистан и Иран: параллели этнонационального развития / Х.С. Саидов. - М.: «РАГС», 2010. - С. 44.
9. Тойнби А. Постижение истории / А. Тойнби; перевод с анг. Б.Д.Жаркова / под.ред. В.И.Уколовой и Д.Э.Харитоновича. -М.: Айрес, 2002. -С.202.


## МАКТАБҲОИ МУСУЛМОНИИ АФҒОНИСТОНИ ОХИРИ АСРИ XIX -ИБТИДОИ АСРИ XX


Дар мақола муаллиф бо истифодаи маводҳои муътамад кӯшидааст, ки вазъияти ногувори сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри X1X- ибтидои асри XX Афғонистонро ҳамчун омили асосии паст гардидани сатҳи саводнокии аҳолӣ (панҷ фоиз) нишон диҳад. Ҳарчанд аз замони ҳукмронии амир Шералихон бо ҷалби мутахассисини хориҷӣ тайёр кардани кадрҳои соҳаи мулкӣ ва ҳарбӣ шурӯъ гардида бошад ҳам, Афғонистон дар қиёс бо Эрон ва Ҳинд қафо монда буд. Хулоса, роҳҳои пешгирии сатҳи бесаводии Афғонистон дар таҳаввули асосҳои маорифи асрӣ (муосир) буда, кишварро метавонад аз ҳолати изолятсионии мавҷуди сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии аср берун оварад.



**Калидвожаҳо:** Афғонистон, маориф, ислоҳот, маълумоти анъанавӣ, маълумоти дунявӣ, мутахассисони хориҷӣ, таназзули иҷтимоӣ - иқтисодӣ, парокандагии сиёсӣ, соҳаи нуфуз.


## МУСУЛЬМАНСКИЕ ШКОЛЫ АФГАНИСТАНА В КОНЦЕ XIX И НАЧАЛЕ XX ВВ.


В данной статье автор на основе достоверных источников стремился доказать, что основными факторами безграмотности большей части населения Афганистана во второй половине X1X- начале XX вв. является политическая раздроблненность страны, социально-экономическое и культурное неугодное положение и сильное влияние представителей религиозных элит. Хотя начиная с периода правления эмира Шералихана с помощью инностраных специалистов подготовили мульковские и военные кадры, но Афганистан в этом направлении

отстает от Ирана и Индии. Автор считает, что потребностью в получении образования среди населения городов и сел Афганистана остается традиционные формы обучения. За короткое время в Афганистане в условиях политического полузависимого времени не было возможным внедрить нововведения, основы светского образования.
**Ключевые слова:** Афганистан, образование, реформа, традиционное образование, светское образование, инностранные специалисты, социально-экономический застой, политическая раздробленность, сфера влияния.

## MUSLIMS SCHOOLS OF AFGHANISTAN IN THE LAST XIX AND THE BEGINNING OF THE XX CENTURIES

On the basis of real facts in the following article the author tries to discuss the main points of being illiteracy of majority of afghan citizens on the second half of XIX$^{th}$ and the beginning of the XX$^{th}$ centuries related to the destabilization of policy of the country, disliked conditions of socio-economic and culture sphere, and great influence of religious elites to the state. Though since the ruling of Amir Sherali-khan with the help of foreign specialists some state and military staffs were prepared but in this field Afghanistan is far from Iran and India. The author considers that needs for education among the cities and provinces of Afghanistan remains like traditional forms of education. In the short time in Afghanistan in the destabilization situation was not possible to provide Soviet system of education.
**Key words**: Afghanistan, education, reform, traditional education, Soviet education, foreign specialists, stagnation of socio-economic sphere, destabilization of policy, Afghanistan got into the influence of foreign capitals.

**Сведения об авторе:** ***Шарифов Р.Я.***- кандидат исторических наук, доцент кафедры древней, средневековой истории и археологии Таджикского национального университета. Телефон: **+(992) 988-64-81-36**

# ВОПРОС О ВОЗНИКНОВЕНИИ ДЖУЙБАРСКОГО ФЕОДАЛЬНОГО ХОЗЯЙСТВА

***Э.А. Турсунов***
**Таджикский национальный университет**

Возникшее в середине XVI века крупное хозяйство бухарских духовных феодалов, известных в исторической литературе под именем «Джуйбарских шейхов», явление в средневековой истории Средней Азии не новое.

Шейхи Джуйбари, или джуйбарские ходжи, обитали в окрестности Джуйбар, на западе от Бухары. Источники сообщают, что предки первого представителя дома джуйбарских шейхов - ходжи Ислама -вели свое происхождение от имама Хусейна, сына Али (зятя пророка Мухаммада) – по мужской линии, а по женской линии от военной знати ногайских племен и от Джучи – первого правителя Золотой Орды, сына Чингисхана. Джуйбарские шейхи также называли известных святых: ходжу Абубакра Саъда и имама Абубакра Ахмеда -в числе своих предков. Мазары этих святых находились в окрестности города Бухары и на правах потомков джуйбарские ходжи стали шейхами — хранителями обеих мазаров и таким способом взяли под свой контроль вакфные земли – движимое и недвижимое имущество, обрабатываемые земли, строения, каналы, ключевые источники, оросительные сооружения, воду, а в городах – ремесленные мастерские, лавки, базарные ряды, караван-сараи, бани, а также рабов в рабочий скот, деньги и прочие ценности.

В своей статье мы также использовали некоторые биографические произведения и книги по хадисам. К исследуемому периоду относится огромное множество агиографических и биографических произведений. К числу наиболее важных произведений данного жанра относится «Рашахат айн ал-хайат» («Капли источника жизни»), принадлежащее перу Али бин Хусейна Ваъиза Кашифи, известного как «Сафи» (ум. В 932/1532). Произведение было весьма популярно в Средней Азии, о чем свидетельствуют многочисленные его рукописные списки, а также литографические издания.

Рашахат посвящено наставнику суфийского ордена Накшбандия, Ишану Убайдуллоху Ходжа Ахрару (1403-1490), одному из крупнейших владельцев вакфных земель.

При разработке данных о хозяйстве джуйбарских шейхов, вакфном землевладении мы воспользовались также некоторыми агиографическими и биографическими сочинениями, в которых фигурируют представители джуйбарских шейхов, также принадлежащих к ордену Накшбандия. Джуйбарские шейхи – Ходжа Ислам, Ходжа Саъд и Ходжа Таджиддин являлись выдающимся представителями дервишества и суфизма в Средней Азии, пользовались большим духовным авторитетом среди населения и имели высокое имущественное и социальное положение.

Они владели огромным богатством и бескрайними землями. Их считали своими наставниками не только простые труженики, но и представители правящих и имущих слоев. Они владели большими земельными наделами и водой и на территории Бухарского ханства.

К числу основных источников, рассказывающих о роли и положении джуйбарских шейхов в политической и экономической жизни Средней Азии XVI-первой половины XVII в., относится трактат «Матлаб ут-талибин» («Цель ищущих»), написанный Абулаббасом Мухаммадом Талибом, сыном Ходжи Таджиддина и внуком Ходжи Ислама. Он повествует об истории дома джуйбарских шейхов, в частности о периоде между его взлетом в середине XVI в. и падением в XVII в. [1, л.26].

Дата написания трактата до сих пор не определена. Основное содержание «Матлаб ут-талибин» составляет описание жизни представителей дома Джуйбарских шейхов, начиная с Ходжи Ислама (ум. в 1563) и кончая Ходжой Иусифом, старшим братом автора, умершим в 1061/1650-1651 г. В этом отношении произведение имеет важное значения для генеалогической науки [8, 69].

Таким образом, в семейном трактате Мухаммада Талиба отражена жизнь нескольких поколений шейхов ордена Накшбандия. Но не только это составляет содержание трактата. Автор нередко дает также и картины политической и социальной жизни того времени.

На наш взгляд, сведения Мухаммада Талиба о хозяйственной жизни носят более обобщенный, чем конкретный характер. Несмотря на всю ограниченность содержания «Матлаб ут-талибин», произведение содержит достаточно полезных для нашего исследования сведений.

Абулаббас Мухаммад Талиб уделяет много внимания происхождению джуйбарских ходжей, их генеалогии. Кроме того, в более сжатом виде родословная джуйбарских шейхов упоминается также в Абдулла-наме [3, лл 44б; 46а; 47а; 48а]. Еще более краткие сведения о генеалогии джуйбарских шейхов до шейха Ислама и его сына Саъда приводятся «Мухит ут-таварихе» Мухаммада Амина [5, 26-29].

Биограф в „Матлаб-ут-талибин" утверждает, что отец ходжи Ислама Джуйбари, ходжа Ахмед являлся очень богатым человеком и был убит толпой во время беспорядков. Эти беспорядки начались в результате неправильного перераспределения земельной собственности, когда наделы мелких землевладельцев перешли в руки более богатым землевладельцам. Кроме того, также имеется свидетельство, что в 1544 году ходжа Ахмед купил у султана Искандера большое количество мульковых земель. Несмотря на то, что на части купленной земли размещалось большое селение, но вся покупка обошлась Ахмеду в 3000 тенге. После смерти отца, ходжа Ислам получил в наследство все отцовское богатство. Надо отметить, что ходжа Ислам Джуйбари еще в юности стал последователем одного из самых популярных в Средней Азии суфиев, ходжи Касани, известного также под почетным прозвищем Махдум-и Аъзам. В 1549 году ходжа Касани скончался и все его ученики и мюриды перешли к ходже Исламу. Среди них был и султан Искандер, на сына которого Абдуллу, впоследствии ставшего выдающимся правителем и полководцем, ходжа Ислам имел огромное влияние [1, л.63].

Хозяйственное богатство и политическое влияние рода джуйбаридов начинается с правления ходжа Мухаммада Ислама, знаменитого также под прозвищем Джуйбари, который и считается первым представителем джуйбарских шейхов. Как сообщают источники, джуйбарские шейхи примерно в середине XVI века получили широкую известность в Мавераннахре и за его границами. Джуйбарские шейхи крепко держали в своих руках народные массы, направляя их по своему усмотрению и по своей воли, иногда более сильной и независимой, чем воля и власть ханов, эмиров и других представителей светской власти [2, л.174б].

Таким образом, Ходжа Мухаммад Ислам не только укрепил хозяйственную мощь этой фамилии, но и обеспечил ее широкое политическое влияние.

Духовные правители, известными под названием джуйбарских шейхов, имели огромный авторитет и влияние среди правящего класса и народа в Бухаре. В середине XVI века они сумели сформировать свое феодальное хозяйство. Этот процесс начался примерно в 1499-1500 годах, в то время, когда Мухаммед Шейбанихан с помощью кочевых узбеков захватил город Бухару. Затем армия Шейбанихана заняла Самарканд, а также взяла в плен правителя ходжу Мухаммаду Яхя. Через короткое время Яхя был убит, и все его владения и огромное богатства достались узбекским ханам и приближенным. Теперь все тимуридские владения принадлежали им. Позднее внутри новых правителей появились разногласия, и в процессе таких столкновений джуйбарские шейхи использовали подходящий момент для формированию своего феодального хозяйства.

Джуйбарские шейхи играли важную политический роль, и об этом в одном из источников говорится, что «все властители до пределов Хотана, падишахи, султаны, государи Мерва и Хорезма и даже шахи Нисы и Маверды безусловно подчинялись их указам». О влиянии и роли джуйбаридов также свидетельствует путешественник Антоний Дженкинсон. Он первый европейский путешественник, который посетил город Бухару в 1558-1559 годах и сообщает, что «в Бухаре есть духовный глава. Его больше слушают, чем короля; он может сместить короля и посадить другого по своей воле и желанию» [9, 182].

Как сообщает Мухаммад Юсуф Мунши, после смерти Абдумуъмин-хана, положение на территории государства Шейбанидов ухудшилось. Во всем государстве начинались беспорядки и хаос, никто не хотел быть под властью другого. Во многих краях государства Шейбанидов появились разные ханы. В городе Бухаре водворился Пирмухаммед-султан, дядя Абдулла-хана по отцу [4, л. 24а-б].

Пирмухаммед-хан сыграл значительную политическую роль еще до Абдулла-хана. После гибели верховного хана Шейбанидов Навруз Ахмед-хана в 1561 году ханом был избран Пирмухаммад-султан по чингизидским обычаям, но джуйбарские шейхи с этим не согласились и вместо него предпочли молодого Абдулла-хана и признали его лидером узбеков.

Приближенные и окружающие люди хотели узнать причину недовольство Ходжа Ислама на лидерство Пирмухаммада, поэтому обращались с вопросом: почему великий ишан не признает его. Но ходжа Джуйбари только ответил, что «тот факт, что хан Пирмухаммад старший по возрасту от Абдуллы и выбирали его согласно закону Чингисхана ничего не меняет и меджлис дервишей не имеет никакого отношения к этому. Если узбеки избрали Пир-Мухаммад-хана, то Абдулла-хану избрал сам Аллах. Дервиши поддаются постановлению Аллаху». Но все же правящая верхушка не могла открыто нарушить закон Чингисхана: верховным ханом Шейбанидов стал старший по возрасту Пирмухаммад с резиденцией в Балхе, фактически же государем Бухары был Абдулла-хан. Таковым его признавали шейхи Джуйбари еще тогда, когда он был царевичем [10, 57].

Бадриддин Кашмири приводит многие интересные факты о жизни и деятельности джуйбаридов, причем в большинстве из них описываются события вокруг ходжи Ислама, из которых выясняется, какими силами и влиянием обладал ходжа Ислам. Одно из таких событий -это неудачная сделка Пирмухаммада и Абдулла-хана об обмене. В 968 году хиджри правитель Бухары Абдулла-хан и правитель Балха Пирмухаммад встретились в Балхе. Там они договорились об обмене своих владений и согласно этому подписанному соглашению, Пирмухаммад должен был воцариться в Бухаре, а Абдулла-хан в Балхе. Вскоре эта сделка стала известна ходже Исламу. Святейшему ишану сообщили, что «его величество победоносный хан Абдулла-хан вилайет Бухару взаимно обменял на город Балх и Пирмухаммад-хан также взаимно принял эту идею и дал согласие на такую взаимную сделку». Также сообщили, что Пирмухаммад-хан с многочисленном отрядом кочевников собирается в столицу ханства Бухару [2, л.177б].

Услышав эту новость, ходжа Ислам разозлился и громко заявил: «Не говорите ерунды. С этого момента Бухара не принадлежит Абдулле, и он никак не может вручать ее Пирмухаммаду. У Бухары свой хозяин. Никаких вмешательств в государственные дела не может быть при нас».

После того как Абдулла-хану стало известно, что его муршид ходжа Ислам недоволен по поводу обмена, он поспешно направился в Бухару, чтобы извиниться и поклониться перед ишаном. Ходжа Джуйбари упрекал Абдуллу, что Джуйбарские шейхи на протяжении нескольких лет рисковали своей жизнью ради Абдулла-хана, чтобы он и его потомки смогли счастливо царствовать в течение многих веков.

Спустя нескольких дней Искандер-султан, отец Абдулла-хана обрел ханский престол Бухары и на его имя начали читать хутбу намаза джумы и чеканить монеты вместо имени Пирмухаммада. С этого момента хан Абдулла стал правителем всех владений государства Шейбанидов, однако до 1583 года он считался наместником Искандера. Благодаря старанию, большому авторитету и духовно-политической роли ходжи Джуйбари, Абдулла-хан смог достичь такого успеха.

После всего произошедшего Ходжа Ислам всегда напоминал Абдулле, что он стал ханом благодаря джуйбарским шейхам и если ишаны увидят что-либо неразумное со стороны хана, сразу же могут лишить его престола.

Абдулла, став ханом, назначил ходжи Ислама главой мусульман и присвоил ему титул шейх-ул-ислама, но при этом ишан еще остался основным советником и духовным наставником хана. Абдулла-хан всегда относился к своему муршиду ходже Джуйбари с большими уважениями и подарил ему орошаемые земли, фруктовые сады, виноградники и другие подарки. Во многих источниках встречаются данные о таких пожалованиях. Среди них можно упоминуть о заботе Абдулла-хана о пожалованных ходже Джуйбари землях в окрестности Сумитан. Но ограничимся лишь упоминанием о той заботе, которую Абдулла-хан проявил в отношении пожалованных Ходже Исламу землях в местности Сумитан под Бухарой. По приказу хана в течение 8 лет, от 1558 до 1566 года на орошаемых земли Сумитана заложили многие фруктовые сады и виноградники, а также построили красивые и высокие здания [6, 51].

Важно отметить, что окрестности Сумитан и все деревни поблизости были освобождены от налога, а также были объявлены дарубастом в пользу Ходжи Ислама и его потомков. Хан Абдулла приказал заключить Сумитан в городские стены, чтобы владения джуйбарских шейхов были в безопасности.

Со временем ходжа Ислам распространил эти привилегии на все свои владения и широко пользуясь отсутствием налогов, стал еще богаче и могущественнее. Автор «Матлаб-ут-талибин» так пишет о богатства своего деда: «Богатства и имущества у его святейшества было скоплено столько, что табуны его коней, верблюдов, баранов и стада прочих животных день и ночь беспрерывно проходили по степям и пустыням. В каждой степи и на каждом поле он проводил оросительные каналы для того, чтобы поверхность земли цвела и зеленела от его высоких пашен» [1, 139]. Все крупные земельные участки в городе Бухаре, Несефе, Миянкале, Мерве и Каракуле относились к лидеру мусульманского духовенства, то есть ходже Исламу. Кроме того, ходжа имел 500 верблюдов, более 500 лошадей и 10 тысячи баранов, а также у него в запасе были 7 тысяч золотых монет для оплаты путешествий и хаджа в святые города Мекку и Медину. На землях ишана работали зависимые от ходжи земледельцы и более 300 рабов.

Ходжа имел ряд караван-сараев, дуканы и ремесленные мастерские и год за годом их количество увеличивалось. Только за период с 1544 до 1563 год ходжа Ислам купил 104 дукана и 7 мельниц, и их стоимость составила более 8000 тысяч тенге [7, 18].

Земля осталась основным азартом ходжи Ислама до конца его жизни. Перед смертью ишан имел около 2500 га орошаемые земель со стоимостью 30 тысяча тенге. Ходжа Джуйбари, покупав земли у мелких землевладельцев и даже у бедных, обрабатывал и поливал их. По данным источников он также проявлял интерес к покупке дворов и незаконченных сооружений и передавал их своим зависимым - работникам (которые трудились на его землях) для временного пользования как жилищный дом. Кроме земледелия и скотоводства, ишан, также занимался торговлей. Покупка и продажа лавок и ремесленных мастерских со стороны ходжи является доказательством вышесказанного.

Важно отметить, что такие феодальные хозяйства как у джуйбаридов были распространены в Мавераннехре того времени, однако шейхи отличаются от других крупных землевладельцев своей ключевой ролью и духовными орденами. Как уже было отмечено, ходжа Ислам был главой суфийско-дервишеского ордена накшбандия и ему покорялось множество наставников и талибов.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Абулаббас Мухаммед Талиб ибн ходжи Таджиддин. Матлабу-т-талибин / Абулаббас Мухаммед Талиб ибн ходжи Таджиддин. -Рукоп. ИВ АН РУз. 1461/IV. -№ 80.
2. Бадриддин ал-Кашмири ибн Абдусалам ал-Хусейн ибн Сейид Ибрахим. Равзат-ур-ризван ва хадикат-ул-гилман / Бадриддин ал-Кашмири ибн Абдусалам ал-Хусейн ибн Сейид Ибрахим. -Рукоп. ИВ АН РУз. -№ 2094.
3. Хафиз-и Таниш Бухари. Абдулла-наме, рукоп / Хафиз-и Таниш Бухари. - ИВ АН РУз. -№ 88.
4. Мухаммед Юсуф Мунши. Тарих-и Муким-хани, РКП / М. Ю. Мунши. -АН РУз. -№ 789.
5. Мухаммад Амин. Мухит ут-таварих / М. Амин. -Рукоп. ИВ АН РУз. -№ 89.
6. Иванов П. П. Хозяйство джуйбарских шейхов. К истории феодального землевладения в Средней Азии в XVI-XVII вв. / П. П. Иванов. -М.-Л., Изд. АН СССР, 1954, -380 с.
7. Вяткин В. Л. Шейхи Джуйбари / В. Л. Вяткин // Сборник «Икд ал-джуман», В. В. Бартольду. - Ташкент, 1927. - С.3-19.
8. Кушматов А. Нигоҳе ба таърихнигории хоҷагии бузурги хоҷагони Ҷӯйборӣ (аз миёнаи садаи XVI то нимаи садаи XVII) / А. Қушматов // Маҷаллаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: Илм ва фановарӣ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - Душанбе: Сино, 2014. -№2. - С.67-73.
9. Дженкинсон А. Путешествие в Среднюю Азию 1558-1560 гг., кн. «Английские путешественники в Московском государстве в XVI в.» / А. Дженкинсон; перевод с английского Ю. В. Готье. -Л., 1937. - С.165-215.
10. Абдураимов М. А. Очерки аграрных отношений в Бухарском ханстве в XVI-первой половине XIX века / М. А. Абдураимов. –Ташкент: Изд. «Фан» УзССР, 1966. -Т. I. -370 с.


## МАСЪАЛАИ ПАЙДОИШИ ХОҶАГИИ ФЕОДАЛИИ ҶӮЙБОРӢ


Мақола ба масъалаи пайдоиш, ҳаёт ва фаъолияти рӯҳониёни бузурги машҳур – шайхҳои ҷӯйборӣ дар миёнаи садаи XVI бахшида шудааст. Шайхҳо худро аз насли Муҳаммад паёмбар ва Чингизхон мешумориданд. Онҳо бо истифода аз нуфӯзе, ки дар байни доираи ҳукмрон доштанд, тавонистанд хоҷагии бузурги феодалии худро таъсис диҳанд. Дар байни шайхон хоҷа Ислом ва писари ӯ хоҷа Саъд то ин ҳад обрӯ доштанд, ки ҳатто хон наметавонист бидуни маслиҳату ризояти онҳо барои коре иқдом кунад.



**Калидвожаҳо:** Шайхҳои ҷӯйборӣ, эшонҳо, ҳокимони динӣ, хоҷагии феодалӣ, Хонигарии Бухоро, ҳаёти сиёсии Бухоро дар асри XVI.


## ВОПРОС О ВОЗНИКНОВЕНИИ ДЖУЙБАРСКОГО ФЕОДАЛЬНОГО ХОЗЯЙСТВА


Статья посвящена вопросу возникновения, жизни и деятельности великих известных священников – джуйбарских шейхов в середине XVI века. Шейхи считали себя потомками пророка Мухаммеда и Чингисхана. Они, пользуясь влиянием, которое имели среди правящей верхушки, смогли сформировать свое крупное феодальное хозяйство. Среди шейхов ходжа Ислам и его сын ходжа Саъд имели настолько огромный авторитет, что даже хан не мог что-то предпринять без их совета и согласия.



**Ключевые слова:** Джуйбарские шейхи, ишаны, духовные правители, феодальное хозяйство, Бухарская ханства, политическая жизнь Бухары в XVI веке.


## THE PROBLEM OF FEUDAL ECONOMY OF JUYBARI


The article deals with the emergence, life and activities of the great known Muslim priests - Juybar sheikhs in the middle of XVI century. Sheikhs considered themselves as descendants of the Prophet Mohammed and Genghis Khan. They, using their influence, which had among the ruling clique, could form the large feudal economy. Among sheikhs Khaja Islam and his son Khaja Sa'ad had so great authority, that even the Khan could not undertake something without their council and the consent.



**Key words:** Juybar sheikhs, ishans, spiritual rulers, feudal economy, Bukhara Khanate, Bukhara's political life in the XVI century.



**Сведения об авторе:** ***Турсунов Эхсон Аъзамжонович*** - аспирант дневного отделения кафедры историографии и архивоведения исторического факультета Таджикского Национального Университета. E-mail: eazamian@mail.ru. Телефон: (+992) 934-46-64-42.

# ДИГАРГУНСОЗИҲО ДАР СОЛҲОИ 20–УМИ АСРИ XX ДАР НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН

*Зубайдуллоев С.Х.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандии солҳои 20–уми асри XX иқтисодиёти Бухори Шарқӣ хароб гардида, аҳолӣ ба мушкилоти зиёд мувоҷеҳ гардид. Дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ солҳои 1921–1923 нисбат ба давраи тоҷангӣ ҳудуди заминҳои кишти лалмӣ ба 72,1%, обӣ 73%, саршумори умумии чорво 60,3% аз ҷумла аспҳо, 78% кам гардид [9,63].

Дар натиҷаи ҷангҳои тӯлонӣ шумораи аҳолӣ низ зиёда аз 250 ҳазор нафар кам шуд [8,351]. Манзилҳои зисти аҳолӣ, хусусан хоҷагиҳои деҳқонон, пурра хароб гардиданд. Аз ҷумла дар ноҳияи Қӯрғонтеппа 80%, Сарой Камар (феълан Панҷ) 63%, Арал (феълан А.Ҷомӣ) 45%, Ҷиликӯл (феълан Дӯсти) 25% ва Қубодиён 12%–ро ташкил медод [2,159].

Дар Анҷумани I–уми Шӯроҳои Умумибухороӣ ба масъалаҳои мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ расонидани ёрӣ ба деҳқонони дар ҷанги шаҳрвандӣ хонахаробгардида диққати калон дода шуда [10,119], тибқи қарори Анҷумани I–уми Шӯроҳои Умумибухороӣ дар ноҳияи Қубодиён низ як қатор корҳои фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шуда, кӯмаки моддӣ ба деҳқонони дар ҷанг зарардида расонида шуд.

6–уми сентябри соли 1922 бюрои сиёсии КМ ҲКР (б) дар бораи ёрии ҳарбӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ ба ҶХШ Бухоро қарор қабул карда, 200 ҳазор пуд ғалла фиристонд. Нархи фӯруши пахта низ баланд бардошта шуд [5, 56].

Анҷумани Умумибухороӣ моҳи октябри соли 1923 қарор қабул кард, ки мувофиқи он барои камбағалони Бухорои Шарқӣ ба миқдори 200 ҳазор пуд тухмии ғалла ва олоти меҳнати кишоварзӣ ҷудо карда шуд [9, 64].

Ҳизби Коммунистии Бухоро аз рӯйи нишондодҳои КИМ ҲКР (б) амал мекард. Дар асоси қарорҳои анҷумани X–уми ҲКР (б) дар Бухоро Сиёсати нави иқтисодӣ ҷорӣ шуд. Сиёсати нави иқтисодӣ (НЭП) дар Анҷумани III–Умумибухороии Шӯроҳо аз 15–18–уми августи соли 1922 маъқул дониста шуд. Анҷуман қарор қабул кард, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ андози озуқаворӣ ҷорӣ карда шавад [5,56]. Соли 1923 КИМ Шӯрои Умумибухороӣ «Қонуни асосии ҶХШ Бухоро доир ба истифодаи замин»-ро қабул кард, ки мувофиқи он тамоми заминҳои киштбоб ба фонди давлат дохил карда шуданд. Замин ба ашхоси синнашон аз 19–сола боло дода мешуд. Ба оилае, ки то панҷ нафар аъзо дошт, 30 таноб[1] замин дода мешуд [5, 56]. Ба деҳқонон ёрии моддӣ расонида, қарзҳои дарозмуддати пулӣ, тухмӣ, озуқа ҷудо карда мешуданд. Ҳукумати Шӯравӣ аҳолии Тоҷикистони ҷанубу марказиро аз андозҳои хоҷагии қишлоқ барои солҳои 1925–1927 озод намуд [5, 56]. Ёрии моддии ҳукумат имконият дод, ки деҳқонони ноҳияи Қубодиён низ хоҷагиҳои худро рушд дода, сатҳи ҳосилнокиро дар заминҳои корам баланд бардоранд.

Маҳз натиҷаи чунин дастгирӣ буд, ки дигаргунсозиҳои чашмрас дар ноҳияи Қубодиён мушоҳида мешуданд. Дар соли 1924–1925 дар ноҳияи Қубодиён 1.710 ҳазор хоҷагӣ мавҷуд буд ва хоҷагиҳо 8.379 ҳазор нафар аъзо доштанд [4,137]. Дар ҳамин солҳо майдони кишти ғалладона дар хоҷагиҳои мазкур чунин буд: кишти гандум дар заминҳои обӣ 881 ҳисса, (сотиқ) ҷав 1.238 ҳисса, (сотиқ) шолӣ 1.350 ҳисса, (сотиқ) ҳосилнокии ғалла дар заминҳои корида шуда аз ҳар як ҳисса (сотиқ) 26,4 сентнерро ташкил медод [4,137].

Ҷамъоварии ҳосили ғалладона дар ноҳия дар солҳои 1924–1925: гандум–232.58 пуд,[2] ҷав–32.683 пуд, биринҷ–86.400 пудро ташкил медод. Аз рӯйи баҳисобгирии соли 1925 дар ноҳияи Қубодиён 121.1527 пуд ғалла истеҳсол карда шуд, ки он 59,4%–и талаботи ноҳияро қонеъ мегардонд (ба ин миқдор ғаллаи тухмӣ дохил намешуд). Аз рӯйи истеъмол ба ҳар як нафар аҳолӣ 14,5 пуд ғалла рост меомад, ки 76,7%–и талаботро ташкил медод [4,137].

Аз рӯйи маълумоти дастрас дар ноҳияи Қубодиён аз ҳаҷми талабот зиёдтар ҳосили ғалла ба даст оварда мешуд. Агар талабот ба ҳар як нафар 9,6 пуд ғалларо ташкил медода бошад, дар Қубодиён нисбат ба ҳар як нафари аҳолӣ 4,9 пуд ғалла зиёдтар истеҳсол карда мешуд ва онро ба фурӯш мебароварданд [4,87–96]. Дар ин давра дар Қубодиён 4123 десятина замини корам мавҷуд буд, ки 2% он барои кишти пахта ҷудо карда шуда буд [4,68]. Аз ин маълум мешавад, ки дар ин давра дар ноҳияи Қубодиён аз пахтакорӣ дида, ба соҳаи ғалладона диққати бештар дода мешуд. Ноҳияи Қубодиён дар он солҳо ба яке аз ноҳияҳои ғаллакор дар миқиёси вилоят ва ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт.

Соли 1929 дар ноҳияи Қубодиён 2948 гектар замини корам барои кишти гандум, 1888 гектар барои кишти арзан, 652 гектар барои кишти биринҷ ва 5280 гектари дигар бошад, барои кишти пахтаи навъи амрикоӣ ҷудо карда шуд [1, 54].

Тараққиёти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, алалхусус ноҳияи Қубодиён ба обёрӣ вобастагӣ дошт. Бо ин мақсад соли 1925 дар назди ҳукумат Идораи хоҷагии об (ИХО) таъсис дода шуд, ки он дар тӯли 5 сол дар мақоми Комиссариати Халқӣ кор

[1] Таноб–ченаки паймоиши масоҳати замин, чоряки гектар.
[2] Пуд–ченаки вазн, ки ба 16 кг баробар аст.

бурд.Тақсимоти обӣ маъмурии ИХО ҶМШС Тоҷикистон созмон дода, ба тақсимоти қаламрави вилояти онвақтаи кишвар қариб ки рост меомад. Ин тақсимот барои кор аҳамияти калон дошт. Масалан, оби округи Вахш ба вилояти Қурғонтеппа, Қизилсу ба вилояти Кӯлоб, Кофарниҳон бошад ба Ҳисор, Қубодиён ва Шаҳритуз тааллуқ дошт [7, 404]. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ зарари калон дида, харобии шабакаҳои обёрикунанда дар маҷмӯъ 80%–ро дар бар мегирифт, [3,12] ки он дар ноҳияи Қубодиён низ ба назар мерасид, зеро як қисми заминҳои ноҳия аз беобӣ ба қатори заминҳои бекорхобида дохил мешуданд. Дар кори шабакаҳои обёрикунандаи майдонҳои кишт камбудиҳои зиёде ҷой доштанд. Тирамоҳи соли 1924 дар қаламрави ҶМШС Тоҷикистон 113 ҳазор гектар замини обёришаванда мавҷуд буд, ки аз ҷумла 6,7 ҳазор гектари он дар округи обии Вахш ва 30 ҳазор гектари дигар дар Кофарниҳон вуҷуд дошт [7, 406]. Дар соли 1926 барои обёрӣ кардани заминҳои Қӯрғонтеппа ва Ҷиликул дар дарёи Вахш 9 канал сохта шуда буд, ки калонтарини он Афғонҷа буд, ки 800–гектарро обёрӣ мекард. Каналҳои дигар ба монанди Карелон 400–гектар, Ёрибек 500–гектар, Аксан 100–гектар, Катаған 600– гектар, Доэмен 200 – гектар, Дҷада 700 – гектар, Кум 600–гектар, Хоҷа–холла 3000–гектаро обёрӣ мекарданд. Умуман ин каналҳо 9600 гектарро обёрӣ мекарданд [4,166].

Дар соли 1926 барои обёрӣ намудани заминҳои ноҳияи Қубодиён як қатор чораҳо андешида шуд, ки дар натиҷа 6 канал ба нақша гирифта шуда, сохта шуданд, ки калонтарини он Ката–Арик буд. Қанҷаға барои шодоб гардондани 500–гектар, Оруалӣ, Кобия ва Шартуа барои 200–гектар ба нақша гирифта шуданд. Дар маҷмӯъ ин каналҳо бояд 11.250 гектар заминҳои ноҳияи Қубодиёнро обёрӣ мекарданд [4,166].

Солҳои 1927–1931 аз дарёи Кофарниҳон ба воситаи каналҳо 22.000 гектар заминҳои ноҳияи Қубодиёнро обёрӣ мекарданд [4,166]. Аз ин рақамҳо маълум мешавад, ки вазъи обёрӣ намудани заминҳои бекорхобидаи ноҳия нисбат ба солҳои пештара хеле беҳтар гардидааст. Аз ин пешравиҳо аҳолии ноҳия рӯҳбаланд шуда, ба ташкил намудани хоҷагиҳои нав дар заминҳои обёришуда камар бастанд.

Дар бораи барқарор кардани шабакаҳои пешинаи обёрӣ ва зиёд намудани майдонҳои кишти пахта Анҷумани 15–уми Ҳизби Коммунисти (б) ҶШС Ӯзбекистон ва конфронси вилоятии Ҳизби Коммунистии (б) ҶМШС Тоҷикистон моҳи октябри соли 1927 баргузоргардида қарорҳои дахлдор қабул карданд. Анҷумани 15–уми Ҳизби Коммунистии (б) ҶШС Ӯзбекистон системаи ирригатсиониро дар дасти давлати пролетарӣ танзимбахши тавонои раванди истеҳсолот ва аслиҳаи ҷумҳурӣ, дар дастгирии деҳқонони камбағал ва миёнаҳол шуморид [7,407].

Шароити табиии ноҳияи Қубодиён барои рушди соҳаи чорводорӣ хеле мусоид мебошад. Бо ҳамин мақсад Ҳукумати Шӯравӣ ба соҳаи мазкур диққати ҷиддӣ медод. Аз маълумотҳо бармеояд, ки дар соли 1925 дар ноҳия саршумори чорво чунин миқдорро ташкил мекард: асп – 767 сар, ҳайвони калони шохдор – 6344, шутур – 17, гӯсфанди ҳисорӣ – 8618, гӯсфанди қарокулӣ – 342, буз – 1744, хар – 855 сар. Дар маҷмӯъ ноҳияи Қубодиён дорои 18.707 сар чорво буд [4,113]. Аз ин маълум мегардад, ки ноҳияи Қубодиён ноҳияи зироаткору чорводор ба ҳисоб мерафт. Агар ба ҳар хоҷагӣ 2,4 ҳисса замин, ё ин ки 0,4 ҳисса замин рост ояд, пас ба ҳар як шахс 2,2 ё ба ҳар хоҷагӣ 10,9 сар чорво рост меомад.

Бо молҳои зарурӣ таъмин намудани аҳолии ноҳияи Қубодиён ҳамеша дар мадди назари ҳукумати марказӣ қарор дошт. Дар ҳар нуқтаи аҳолинишин дӯконҳои тиҷоратии Узбекторг фаъолият мекарданд, ки ба аҳолии ноҳия бо нархи нисбатан арзон хизмат мерасониданд. Тиҷорати хусусӣ низ дар солҳои 1926–1927 дар ноҳия амал мекард, ки он дар дасти тоҷирони хурд буд. Дар ин давра дар ноҳия ду бозори маҳаллӣ фаъолият доштанд, ки рӯзҳои душанбе ва панҷшанбе амал мекарданд [4, 247–248].

Вазифаи ташкили тиҷоратӣ беруна бо Афғонистон ба зиммаи ҳамин Ӯзбекторг вогузор карда шуда буд. Ӯзбекторг бошад, дар вилояти Қӯрғонтеппа 11 нуқтаи савдои худро ташкил карда буд, ки онҳо дар ноҳияи Қубодиён, низ амал мекарданд [4,173]. Ин нуқтаҳо дар Қубодиён бо он мақсад ташкил карда шуда буданд, ки ноҳия бо Афғонистон ҳамсарҳад буда, баровардани молҳо бо воситаи ноҳия хеле қуллай ва осон буд. Ба воситаи ҳамин нуқтаҳо ба Афғонистон тиҷорат ба роҳ монда шуда буд.

Миёни муаррихон ва манобеи зиёди таърихии ин давра проблемаи пайдоиши ислом дар нимҷазираи Арабистон ва гаравиши бештари он аз ҷониби мардумони ғайриараб низ,

андешаҳои мухталиф роиҷ буда, бештари сарчашмаҳои таърихӣ истиқрори исломро дар Мовароуннаҳр дар омилҳои зиёди фарҳангӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ вобаста медонанд. Дар баробари ин, дар арафаи зуҳури ислом парокандагии сиёсӣ ва вазъи ногувори иҷтимоиву иқтисодӣ, ҷамъоварии хироҷҳои мустақим ва ғайримустақим вазъи иқтисодии мардумро ниҳоят вазнин карда буд.

Агар ҷанбаҳову сабабҳои исломпазирии эрониёнро таҳлил намоем, омилҳои зиёде ба чашм мерасанд, ки муҳимтарини онҳоро ба се тоифа: омилҳои фарҳангӣ, омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, омилҳои сиёсӣ, ҷудо намудан бамаврид аст:

***1. Омилҳои фарҳангӣ:***

-вазъи ногувори ҳолатҳои эътиқодӣ;

-мавҷуд набудани идея ва дини ягонаи муттаҳидкунанда дар давлати Сосониён;

-сукути динҳо, мазҳабҳо ва ҷараёнҳои собиқ;

-муносибатҳои хешутаборӣ ва омезиш ёфтани халқиятҳо;

-муносибатҳои хешутаборӣ ва омезиш ёфтани арабу аҷам;

-даркнамоии моҳияти таълимоти исломӣ аз ҷониби эрониён.

***2. Омилҳои сиёсӣ:***

-парокандагии сиёсии низоми давлатдорӣ ва аз даст рафтани қисмати шарқии давлат;

-низоми судӣ ва қонунгузории зиддибашарӣ ва зиддиинсонӣ;

- хиёнати ҳокимони маҳаллӣ дар раванди забткориҳо;

-дар мансабҳои давлатӣ роҳ ёфтани маволӣ ва давлатшарик гардидани онҳо.

***3. Омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ:***

-таназзули сохти ғуломдорӣ ва ташкилёбии ҷамъияти феодалӣ;

-бавуҷудоии низоми шадиди табақотии нобаробарҳуқуқ;

-мавҷуд набудани муносибатҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ;

-ба кор бурдани низоми иқтисодӣ ва иҷтимоии ғайрифаъол дар давлати Сосониён;

-раҳоӣ аз ҷизя;

-аз ҷониби ҳокимияти сиёсӣ татбиқ ва ҷорӣ намудани қонунгузории исломӣ дар ҳаёти мардум.

Буҳрони дохилии иқтисодӣ ва сиёсӣ, кам шудани захираҳои иқтисодӣ, аз ҷиҳати ҳарбӣ камқувват будан ва тезутунд гардидани зиддиятҳои иҷтимоиву сиёсии Руму Эрон ва неру гирифтани туркҳо дар қисмати шарқии давлат омилҳои асосие мебошанд, ки ба арабҳо имконият доданд, ки ин кишварҳоро забт намоянд.

Бештари исломшиносони рус, аз ҷумла П.А. Грязневич сабабҳои исломпазирии ақвоми эрониро дар солҳои 30-40-уми асри VII дар омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебинад [1]. Ислом ба маънои баргардони ҳуқуқҳои иқтисодии кишоварзон, ки қисмати зиёди ҳосили бадастовардаи худро ба заминдорону хироҷгундорони расмӣ ва ғайрирасмӣ тақдим мекарданд, хизмат намуда, дар рӯзҳои аввали гаравиши мардумони эронӣ ба он ҳуқуқҳои иқтисодии онҳоро дар бобати доштани замин ва хироҷу андози ягона таъмин намуд. Ба омилҳои сиёсии гаравиши ислом иддаи каме аз аҳолӣ ва ё ҳокимону мансабдорон шомил буданд, ки ҳангоми ниҳоят заиф шудани ҳокимияти Сосониён на аз рӯйи майлу рағбат, балки барои дар мансабу манзалати худ боқӣ мондан ислом меоварданд.

Ин масъала дар бештари манбаъҳои таърихӣ инъикоси худро ба таври зайл ёфтааст: - Ҳангоме ки Яздигурд ба Рай фирор намуд ва марзбони он Обон Ҷодуя Яздигурдро ба зӯрӣ водошт ва ангуштарии ӯро гирифт, то санадҳо навиштанд ва бар онҳо муҳри Яздигурдро биниҳод ва ҳамаи он санадҳоро ба Саъд ибни Ваққос бурд, ки бад-ин сабаб Саъд волигии Райро ба ӯ бахшид [2].

Дар «Футӯҳ-ул-булдон»-и Балозурӣ қазияи Яздигурд бо ҳокими Марв Моҳӯя тасвир ёфтааст, Моҳӯя аз сабаби надоштани ҷойи зарурӣ барои рикоби 4000-нафараи Яздигурд дарро ба рӯйи онҳо накушод. Ислом овард ва худро ба назди Алӣ ибни Абӯтолиб расонид, ки Алӣ (ъ) бо ӯ чунин муносибат кард:

«Гӯянд Моҳӯя дар замони хилофати Алӣ ибни Абитолиб дар Басра буд, ки волигии Марв ёфт ва Алӣ номае ба деҳқонон ва асирон бинавишт, ки ҷизяро ба Моҳӯя диҳанд» [3].

Дар навбати худ, ҳокимони мазбур дар гароиши мардумони минтақа ба ислом саҳмгузор гардиданд. Илова бар ин, зуҳури силсилаҳои мустақили ҳокимони маҳаллии мусалмони форсзабон боиси густариши бештари ислом миёни сокинони Мовароуннаҳр гардид.

Яке аз омилҳои асосии истиқрори ислом дар Мовароуннаҳр омилҳои иқтисодӣ ва раҳоӣ аз ҷизя маънидод мешавад. Дар ин маврид Умар ибни Абдулазиз (717-720) ба волии худ дар Хуросон Ҷарроҳ навишт, ки: «Бибин, ҳар кӣ сӯйи қибла намоз мегузорад, ҷизяро аз гардани ӯ соқит кун» [4]. Пас аз расидани ин амр мардум ба пазируфтани ислом шитобиданд. Ин омили истиқрори исломро бо далели дигаре аз гуфтори Наршахӣ низ метавон собит намуд, ки чунин овардааст: «Қутайба ибни Муслим масҷиди ҷомеъ бино кард андар ҳисори Бухоро ба соли наваду чаҳор (713). Ва он мавзеъ бутхона (буд мар-аҳли Бухороро. Фармуд) то ҳар одина дар он ҷо ҷамъ шуданди, чунонки ҳар одина мунодӣ фармудӣ: «Ҳар кӣ ба намози одина ҳозир шавад, ду дирам бидиҳам». Ва мардумони

Бухоро ба аввали ислом дар намоз Қуръон ба порсӣ хондандӣ ва арабӣ натавонистандӣ омӯхтан» [5]. Пас аз чанде дар баробари амалӣ намудани ин амри волии Хуросон иддае аз сокинони қисматҳои шимолу шарқии Мовароуннаҳр исломро пазиро шуданд.

Сабаби дигари истиқрори ислом дар Мовароуннаҳр дар наздикшавӣ ва ҳамхуншавии ин қавм ба қавми араб инъикос меёбад. Ҳанӯз аз ибтидои зуҳури ислом издивоҷи аъроб бо эрониён ва ҳукумат кардани эрониён дар гӯшаҳои мухталифи хилофат ба чашм мерасад, ки ин омил низ раванди густариши исломро дар миёни эрониён метезонид. Ислом овардани Салмони Форсӣ ва яке аз аъзоёни оилаи Пайғамбар (с) шумоtoday ӯ ва дар замони хилофати Умар волии Мадоин интихоб гардиданаш шоҳиди ин гуфтаҳост [7]. Илова бар ин, издивоҷи Шоҳофарид – духтари эронӣ бо халифаи уммавӣ Валид ибни Абдулмалик, ва аз инҳо ба хилофат расидани Язид ибни Валид ибни Абдулмалик инчунин издивоҷи халифа Зиёд бо Марҷона ва аз инҳо ба хилофат расидани Убайдуллоҳ ибни Зиёд давлатшарикӣ ва рӯҳонияти ягонаи ин қавмҳоро инъикос менамояд [8]. Инчунин, дар ибтидои хилофати Уммавиён раванди дигари гароиши ислом ба чашм мерасад, ки ба таври сунъӣ таҳмил намудани ин раванд аз ҷониби халифаҳои уммавӣ ба чашм мерасад.

Ба гуфтаи Іеродот: «..эрониён барафроштани парастишгоҳҳо ва нигораҳо ва меҳроб ва одорёнро (оташи муқаддасро) нораво медонанд ва касонеро, ки чунин мекунанд, аблаҳ мешуморанд, зеро эрониҳо монанди юнониҳо худоёнро ба гуна ва сиришти инсон намеангоранд. Расми онҳо чунон аст, ки бар фарози баландтарин қуллаҳо боло рафтааст. Онҳо инчунин Хуршед, Моҳ, Замин, об ва бодҳоро муқаддас мешуморанд ва оини муғонро устувор доранд» [8].

Эрониён то замони ба сари қудрат омадани Сосониён мазҳаби расмӣ надоштанд ва ақвоми тобеаи Эрон ҳар як дар муътақидоти мазҳабии худ озод буд [9]. Масалан, дар қисмати шарқии давлати Сосониён, дар ҳудуди Мовароуннахр худоёни маҳаллии Нана, Митра, Аҳурамаздо, Вайю, Рашну, Раман, Йима ва Зарвон парастиш карда мешуданд [10]. Инчунин ҳар оила дорои худои худ буд, ки миёни худоёни онҳо Шива дар Панҷакент нуфузи бештарро соҳиб буд [11].

Инчунин, дар саросари мамолики шарқ аз Суғд сар карда, то баҳри Каспий арвоҳи Дэсиро парастиш мекарданд. Дар Самарқанду Ромитан ва Бухоро дар охири ҳукмронии Сосониён бутҳои тиллоии қиматбаҳо ва оташи муқаддас парастиш карда мешуд [12].

Дар қисмати ғарбии империяи Сосониён низ, мардумони Осиёи Ғарбӣ ва Африқои Шимолӣ ба истисноі мардуми банӣ Исроил аслан бутпараст буданд. Сумариҳо, аккадиҳо, калдониҳо, осуриҳо, финиқиҳо ва мисриҳо қувваҳоеро дар шакли муҷассама парастиш мекарданд [13]. Сокинони Мовароуннаҳр дар замони зуҳури ислом аз динҳову эътиқодҳои гуногун пайравӣ мекарданд. Махсусан дар Бухоро оташкадаҳо ва бутхонаҳое бо бутҳои заррин мавҷуд буданд, ки мардум ба онҳо эътиқоди ниҳоят қавӣ доштанд ва халал расонидан ба онҳоро гуноҳи азим мешумориданд. Ҳангоме ки Қутайба ибни Муслим Бухороро фатҳ намуд, бутхона ва оташкадаҳоро вайрон кард ва зарру симе, ки бо онҳо бутҳоро зинат дода буданд, аз они худ намуд. Чун мардум бечорагии худоёни худро мушоҳида карданд, ба ислом рӯ оварданд. Ба гуфтаи Балозурӣ: «Аҷамон мегуфтанд дар он ҷо (Бухоро) бутҳое ҳастанд, ки агар касе ба онҳо тавҳин раво дорад, ҳалок хоҳад шуд. Ҳангоме ки Қутайба бутҳоро ба дасти худ оташ зад, ҷамоате аз эшон ба ислом гаравиданд» [3].

Дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ маълумоти сареҳтаре вуҷуд дорад, ки аз давраҳои исломпазирии зоҳирӣ ва ботинии сокинони Бухоро ва Мовароуннаҳр дарак медиҳад, ки мазмунаш чунин аст: «Ҳар боре аҳли Бухоро мусулмон шудандӣ ва боз чун араб бозгаштандӣ риддат овардандӣ. Ва **Қутайба ибни Муслим се бор эшонро мусулмон карда буд**, боз риддат оварда кофир шуда буданд. Ин бори чаҳорум Қутайба ҳарб карда, шаҳр бигирифт. Ва аз баъди ранҷи бисёр ислом ошкоро кард ва мусулмонӣ андар дили эшон бинишонид, ба ҳар тариқе кор бар эшон сахт кард ва эшон ислом пазируфтанд ба зоҳир ва ба ботин бутпарастӣ мекарданд. Қутайба чунон савоб дид, ки аҳли Бухороро фармуд як нима аз хонаҳои хеш ба араб доданд, то араб бо эшон бошанд ва аз аҳволи эшон бохабар бошанд, то ба зарурат мусулмон бошанд.

Бад-ин тариқ, мусулмонӣ ошкоро кард ва аҳкоми шариат бар эшон лозим гардонид ва масҷидҳо бино кард ва осори куфр ва расми габрӣ бардошт» [5].

Аз таҳлили муфассали сарчашмаҳо маълум мегардад, ки раванди гироиши ислом дар Мовароуннаҳр бештар бо роҳи иҷборӣ сурат гирифтааст, на бо роҳи мусолеҳа. Чун аъроб пай бурданд, ки аз миён бурдани ҳувияти қавмии мардумони бумии Мовароуннаҳр имкон надорад ва фарҳанги устуворашон тағийрнопазир аст, аз роҳи дигари густариш додани ислом – омезиш ёфтани қавмҳо ва фарҳангҳо истифода намуданд, ки ин раванд низ дар китоби “Забони миллат – ҳастии миллат”-и Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо далоили зиёди таърихӣ тасвир ёфтааст.

Зиёд ибни Абисӯфён Рабеъ ибни Зиёдро дар соли 671 волии Хуросон таъйин кард ва қариб панҷоҳ ҳазор тан аз аҳли Басраву Куфаро ҳамроҳи хонаводаҳояшон бо вай кӯч дод [3]. Раванди ҷоринамоии ислом дар миёни бумиёни Хуросон дар давраҳои мухталиф чанд

маротиби дигар низ ба чашм мерасад. Баъд аз муқимӣ шудан мусалмонони кӯчбаста бо эрониёни бумии минтақаҳо омезиш меёфтанд ва наздикшавии муносибатҳои хешӣ ва иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ сокинони бумии ин минтақаҳоро ба ислом наздиктар мекард ва онҳо худ ба худ исломро бештар пазиро мешуданд.

Ҳузури ҷамоаҳои бузурги муҳоҷири арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр на танҳо боиси тағйир пазируфтани фазои диниву эътиқодӣ дар ин сарзамин гардид, балки муҳити этникӣ ва забониро низ дигаргун кард. Арабҳо кӯшиш мекарданд, ки забони мардуми таҳҷоиро аз саҳнаи сиёсату қудрат дур намоянд, сарватҳои маънавии онҳоро нобуд созанд ва ба тағйири хатти он тафвиқ ёбанд. Арабҳо бо ин мақсад ба муқобили забонҳои мардуми тасхиршуда бархоста, ҳама гуна осори хаттии ба ин забонҳо сабтшударо бо баҳонаи «осори куфру зилол» нобуд месохтанд. Барои дар амал татбиқ намудани ин сиёсат аввалин бор Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф дар соли 697 амр кард, ки забони расмӣ ва коргузории хилофат забони арабӣ эълон дошта шавад, то соли мазкур низоми коргузориву идорӣ комилан ба забону хатти паҳлавӣ сурат мегирифт.

Дарвоқеъ аъроб баъди истилои сарзаминҳо ғояҳои ибтидоии ислом «муъмин бародари муъмин»-ро фаромӯш сохта, бо сокинони бумии манотиқи мухталифи тобеъшудаашон бо чашми таҳқиру нафрат менигаристанд, ки сабти ин амри воқеӣ дар маъхазҳои таърихӣ зиёд ва сахт маъруф аст.

Волии Ироқ Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф рустоиён ва деҳқононеро, ки бар асари шиканҷаву зулми зиёд хонаҳои худро тарк карда, ба шаҳрҳо паноҳ мебурданд, «ваҳшиёни аҷнабӣ» гуфта хитоб мекард ва фармон медод, то ба ҷойи худ баргарданд ва ба даст ё гардани фирориён муҳр мезаданд, то макони зист ва ҷизяи онҳо муайян шавад.

Халифаи аввали Уммавиён Муовия (661-679) барои таҳқир ва дар корҳои пасту нолоиқ равона намудани мардумони ғайриараб, бахусус эрониён, дар номае ба номи волии Ироқ Зиёд ибни Абиқ чунин навишта буд: «Муроқиби эрониёни мусалмон бош, ҳаргиз онҳоро бо араб ҳампоя қарор мадеҳ. Араб ҳақ дорад аз онҳо зан бигирад ва онҳо ҳақ надоранд. Ҳаддалимкон ҳуқуқи онҳо камтар дода шавад ва корҳои паст ба онҳо вогузор шавад, марзбонӣ ва қазоватро ба онҳо во магузор».

Чунин таҳқир ва тазаллуми маънавии хоҷагони нав ба дӯши мардумони мутамаддини зердасти онҳо вазнин меомад ва тоқатиононро мешикаст. Бинобар ин аз ҳамон лаҳзаҳои аввали воридшавии арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр неҳзатҳои миллӣ ва озодихоҳии эрониён ба вуҷуд омада буданд. Аввалин ҳаракати зиддиарабии мусулмонони Хуросону Мовароуннаҳр – наҳзати шуубия буд, ки онҳо аз ҳукмронии номатлуби аъроб дар сиёсати этникӣ ба сутӯҳ омада, ҳарчи зудтар пойдории баробариву бародарии тамоми халқҳоро хоҳон буданд. Неҳзати шуубия тавонист ва пайравони аҷамитабори он тавонистанд исломро дар дуртарин манотиқи тоҷикнишин бо роҳи осоишта паҳн ва густариш диҳанд.

## АДАБИЁТ


1. Ислам религия, общество, гасударство. –М.: Наука, 1984. – С. 10.
2. «Таърих»-и Ибни Халдун; тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ. –Теҳрон: Парчам, 1363. – Ҷ.1. – С. 548.
3. Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобири Балозурӣ. Футух-ул-булдон / Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобири Балозурӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. –Техрон: Катиба, – С. 568-569, 570-571.
4. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, – С. 144-145.
5. Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. Таърихи Бухоро / Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ; тарҷумаи Муҳаммади Қубовӣ. –Теҳрон: Чопхонаи «Мазоҳирӣ», 1363. –С. 15.
6. Ҷаъфар Муртазои Омулӣ. Салмони Форсӣ / Ҷ. М. Омулӣ. –Теҳрон: Таблиғоти исломӣ, 1370. - С. 10.
7. Муртазо Мутањњарї. Хадамоти мутаќобилаи Ислом ва Эрон / М. Мутањњарї. – Душанбе: Пайванд, – С. 95.
8. Набунист О. Дини эронӣ / О. Набунист; тарҷумаи Баҳмани Саркоротӣ. –Теҳрон: Табрез, 1370. – С.15.
9. Њасани Пирниё. Таърихи Эрон аз оѓоз то инќирози Ќољория / Њ. Пирниё, А. Иќбол. – Тењрон: Хайём,1370. – С. 252.
10. Фрай Р.Н. Мероси Осиёи Марказї / Р.Н. Фрай. – С.261.
11. История таджикского народа. -Том II. – С.273.
12. Ѓафуров Б.Г. Тољикон. Таърихи ќадимтарин, ќадим, асрњои миёна ва давраи нав / Б.Ѓ. Ѓафуров. –Душанбе, 1998. -12 С. – С. 376-78.
13. Ҳасани Пирниё. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория / Ҳ. Пирниё. А. Иқбол. – Теҳрон: Хайём,1370. – С. 264.
14. Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобири Балозурӣ. Футух-ул-булдон / Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобири Балозурӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. –Теҳрон: Катиба, 571 с.
15. Мавлютов Р. Ислом / Р. Мавлютов, Р. Маҷидов. – Душанбе: Ирфон, 1980. -107 с.
16. Эдуард Браун. Таърихи адабиёти Эрон / Э. Браун; тарҷумаи Алипошои Солеҳ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1336. – Ҷ. 1. -800 с.


## ИНЪИКОСИ АВОМИЛИ ИСТИҚРОРИ ИСЛОМ ДАР МОВАРОУННАҲР ТИБҚИ САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХИИ АСРҲОИ IX-XII


Дар мақолаи мазкур омилҳои истиқрори ислом миёни бумиёни Мовароуннаҳр, аз қабили омилҳои фарҳангӣ эътиқодӣ, сукути динҳо, мазҳабҳо ва ҷараёнҳои собиқ, муносибатҳои хешутаборӣ ва омезиш ёфтани арабу аҷам, омилҳои сиёсӣ, парокандагии сиёсии низоми давлатдорӣ ва аз даст рафтани қисмати шарқии давлати Сосонӣ, низоми судӣ ва қонунгузории зиддибашарӣ ва зиддиинсонӣ, хиёнати ҳокимони маҳаллӣ дар раванди забткориҳо, омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, таназзули сохти ҷамоаи ғуломдорӣ ва ташкилёбии ҷамъияти феодалӣ, бавуҷудоии низоми шадиди табақотии нобаробарҳуқуқ, раҳоӣ аз ҷизя ва ғ.

мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Инчунин, дар мақолаи мазкур омилҳои зикршудаи исломпазирӣ дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳқиқотҳои олимони муосир матраҳ гардидаанд.
**Калидвожаҳо:** омилҳои исломпазирӣ, омилҳои фарҳангӣ, омилҳои сиёсӣ, омилҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, коренные жители Великого Хорасана, ҷизя, сарчашмаҳои таърихӣ, муаррихон, Наршахӣ, Ибни Халдун, Балозурӣ, Қутайба, Бухоро, Мовароуннаҳр.

**ОТРАЖЕНИЕ ФАКТОРОВ УПРОЧЕНИЯ ИСЛАМА В МАВЕРАННАХРЕ В ИСТОРИЧЕСКИХ ПЕРВОИСТОЧНИКАХ IX-XII ВЕКОВ**

В данной статье рассмотрены такие факторы упрочения ислама, как культурные факторы, вера, безмолвие религий, бывшие секты и течения, родственные отношения и смешение арабов и неарабов, политические факторы, политическая раздробленность государственной системы и потеря восточной части государства Сасанидов, античеловеческая судебная и законодательная система, предательство местных правителей в процессе захватнических войн, социально-экономические факторы, падение рабовладельческого строя и формирование феодального общества, жестокое образование неравноправных сословий и джизья (дискриминационный налог на немусульман) среди коренных жителей Мавераннахра. Также в данной статье рассмотрены указанные в статье факторы упрочения ислама на основе исторических первоисточников и исследований современных ученых.
**Ключевые слова:** факторы признания ислама, культурные факторы, политические факторы, социально-экономические факторы, бумиёни Хуросони Бузург, джизья, исторические первоисточники, летописец, Наршахи, Ибни Халдун, Балозури, Кутайба, Бухоро, Мавераннахр.

**REFLECTION OF THE FACTORS OF IMPROVEMENT OF ISLAM IN MAVERANNAHRE IN THE HISTORICAL FIRST STORIES OF THE IX-XII CENTURIES**

The following article deals with the problem of accepting Islam of Movarounahr's inhabitant as cultural issues, awkward positon of believers, stop of religions, directions and mazhabs, relations and mixing of arabs with strangers, political issues, parting of running states, losing easten part of Sosony State, abolition of court system, economic, trade and other important issues. It should be noted that the following article is written under analysis of historical sources and mareials of modern scientific reaserches.
**Key words:** accepting Islam, cultural issues, political issues, socio-economic prolems, Great Khoroson, historical sources, authors, historics, Ibni Khaldun, Narshakhi, Balozuri, Kutaiba, Bukhara, Movarounahr.

**Сведения об авторе:** ***Гуломов Т.М.***- кандидат философких наук, доцент кафедры историографии и архивоведения Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 907827090** E-mail: **Tojiddini_82@mail.ru**

# ВАЗЪИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАҲСОЛАИ ОХИРИ АСРИ XX ВА ТАЪСИРИ ОН БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

***Мирзоев Парвиз***
**Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон**

Аз таърихи гузаштаамон медонем, ки ғолибон ва низоми сиёсии таъсисдодаи онҳо, чи рангу тобише ҳам дошта бошад, дар навбати аввал таърихро тахти назорат гирифта, дар хизмати ҳокимияти хеш қарор медиҳанд. Ҳамеша, дар ҳама ҷо, дар ҳама низомҳо дар гузашта ва имрӯз ҳамин гуна буду ҳаст.

Бояд ба назар гирифт, ки бистсолаи аввал барои Тоҷикистон марҳалаи содаву беғубор набуд. Муқобилияти мусаллаҳона ба иқтисодиёти давлат зарари ниҳоят бузург расонид ва ба талафоти калони инсонӣ боис шуд. Ҳаёти даҳҳо ҳазор одамон, ки дар ин солҳои фоҷиавӣ аз байн рафтанд, бебаҳост [1].

Соли 1991 бо пош хӯрдани кишвари паҳновари Шӯравӣ мувозинати манфиатҳои геополитикию геостратегии давлатҳои абарқудрати ҷаҳон халалдор гардид. Дар таърихи аҳли башар марҳилаи сифатан нави сиёсӣ давраи нави зери таъсири абарқудратон қарор гирифиани минтақаҳои ҷаҳон, пеш аз ҳама, қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Аврупои Шарқӣ фаро расид. Соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон ба ҳамин давраи ҳассоси рушди ҷомеаи башарӣ рост омад. Тоҷикистони тозаистиқлол ҳам ба мисли ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ ба бӯҳрони амиқи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ рӯ ба рӯ гардид.

Нишонаҳои нахустини ҳолати бӯҳронӣ ҳанӯз аз соли 1990, зуҳур карданд. ҳодисаҳои солҳои 1990 ва 1991-и асри гузашта ва оқибати даҳшатҳои соли 1992 бараъло собит намуданд, ки мардуми Тоҷикистон, пеш аз ҳама роҳбарияти онвақтаи ҷумҳурӣ ба чунин гардиши чархи таърих омода набуд. Тамоми мақомоти давлатӣ дар як муддати нисбатан кӯтоҳ зимоми роҳбарии кишварро аз даст доданд. Соли 1992 гурӯҳҳои тундрави ифротгарон чун неруи қавии қудратталаб шакл гарифта, ба муборизаҳои ошкоро баромаданд. Дар натиҷа мардуми аз сиёсат ва низоъҳои хатарноки манфиатдорони дохилию хориҷӣ бехабар ба ду сангар тақсим шуданд. Талабу дархостҳои мардуми ду майдон комилан муқобили ҳамдигар буд. Бо рӯй додани чунин ҳолат вазъияти сиёсии пойтахт ва умуман кишвар шиддати бесобиқа пайдо намуд. Айбдоркунӣ ва таҳдидҳои мутақобилаи гирдиҳамомадагони ду майдон то ба ҳадде шиддат гирифт, ки дигар онҳо гӯшу ҳуши шунидан ва таҳамулли алфози ҳамдигарро надоштанд.

Дар шаҳри Душанбе аз ҷониби неруҳои мухолифи ҳукумат як созмоне бо номи Ситоди наҷоти Ватан ташкил шуд, ки асосан як дастгоҳи истинтоқу шиканҷаи ашхоси ба кори онҳо муқобил буд. Моҳи апрел гурӯҳҳои тундрави мухолифин чандин бор

кормандони дастгоҳи президент, ҳукумат ва Шӯрои Олии мамлакат, аз ҷумла 15 нафар вакилони Шӯрои Олӣ ва ду муовини раиси Шӯрои вазирони мамлакатро гаравгон гирифтанд.

Рӯзи 3-юми майи соли 1992 дар назди бинои қозиёти мамлакат ба гирдиҳамомадагони тундрави майдони Шаҳидон аслиҳаи оташфишон тақсим карда шуд. Роҳбари гвардияи президентӣ генерал Баҳром Раҳмонов ба ҷониби мухофилини ҳукумат гузашт. Баъди ин ҳодиса Президенти Тоҷикистон Раҳмон Набиев аз ҳисоби гирдиҳамомадагони майдони Озодӣ гвардияи нави миллӣ ташкил намуд. Ҳамин тариқ намояндагони ҳарду майдон аввал ба калтаку оҳанпора, сипас бо силоҳи оташфишон мусаллаҳ шуданд. Дар миёни ду майдон аниқтараш дар чорраҳаи хиёбони Рӯдакӣ ва ҳозира кӯчаи Шириншоҳ Шоҳтемур, ки дар наздикии меҳмонхонаи Тоҷикистон қарор дорад, ҳатто як тӯпхона аслиҳаи вазнини алтилерӣ рӯ ба ҷониби майдони Озодӣ гузошта шуда буд. 5-уми майи соли 1992 бори нахуст дар шаҳри Душанбе силоҳи оташфишон садо баровард ва аз тири он сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» Муродулло Шерализода дар ҳавлии бинои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалок шуд.

Муборизаҳои сиёсӣ он рӯз рӯ ба муқовимати ҳарбии мусаллаҳона ниҳод ва аз оғози ҷанги хунини нангини дохилӣ хабар дод. Ба хотири авҷ нагирифтани амалиёти ошкорои ҷангӣ дар шаҳри Душанбе ва пешгирӣ аз хунрезии зиёд гирдиҳамомадагони майдони Озодӣ пароканда шуда, тарки пойтахт карданд. Президенти кишвар Раҳмон Набиев зимоми идораи давлатро аз даст дода, аз таҳдиди хатари ошкоро ба ҷони худ, нахуст дар бинои Вазорати амнияти миллӣ ва сипас дар қароргоҳи дивизияи 201-якуми Русия паноҳгоҳ ҷуст. Моҳи май ҳукумати мусаллаҳи миллӣ таъсис дода шуд, ки ба он 9-нафар аз роҳбарони мухолифин шомил гаштаанд. Аммо ин тадбир ба ором намудани авзои сиёсии кишвар ҳеҷ таъсири мусбӣ нарасонд х [2].

Моҳи июни соли 1992 шиддати муборизаҳои сиёсӣ аз пойтахт ба онвақта вилояти Қӯрғонтеппа интиқол ёфта, ба ҷанги хонумонсӯзи дохилӣ мубаддал шуд. Ба вилояти Қӯрғонтеппа рост омадани авҷи асосии ҷанг аз он сабаб буд, ки дар ин минтақа ҳам ҷонибдорони сохти конститутсионӣ ва ҳам неруҳои мухолифин таъсиру нуфузи баробар доштанд. Ба дасти шахсони тасодуфию беандеша афтодани аслиҳаи оташфишон, озоду ошкоро бо силоҳ гаштани онҳо, сари ҳар қадам ташкил додани дидбонгоҳҳои ашхоси мусаллаҳ, ки аксаран ба касе итоат намекарданд, қатлу куштори бетаҳқиқу бенизоми одамон, ғорати амволу ашёи рӯзгори аҳолӣ ва ба коми оташ кашидани хонаҳои ҳамдигар ба воқеияти муқаррарии он рӯзҳо дар водии Вахш табдил ёфт.

Ҷанги шаҳрвандӣ барои бақои давлату миллати мо то ҳадде хатарнок буд, ки ҳатто бародарро бо бародар, модарро бо духтар паси сангарҳои бо ҳам муқобил мегузошт. Ҳисси бадбинӣ, тарсу ҳарос ва нобоварӣ миёни тарафҳои даргир ба ҳадде расид, ки хатари пош хӯрдани давлати навбунёди Тоҷикистон ва пароканда шудани миллати тоҷик ба миён омад. Дар натиҷаи ҷанги бародаркуш ҳазорон нафар ҳамватани мо бе хонаю сарпаноҳ монданд. Беш аз як миллион гуреза дур аз маҳали зисти худ, берун аз Тоҷикистон паноҳ ҷустанд. Қариб ҳеҷ хонаводае намонда буд, ки ҷангро дар худ эҳсос накарда бошад.

Моҳи августи соли 1992 дар шаҳри Душанбе Иҷлосияи 15-ми Шӯрои Олӣ баргузор гардид. Зимни он фаъолияти неруҳои мухолифи ҳукумати мамлакат зиддиконститутсионӣ арзёбӣ гардид. Рӯзи 24 август прокурори генералии мамлакат Нурулло Ҳувайдуллоев аз ҷониби ашхоси мусаллаҳи неруҳои мухолиф ваҳшиёна кушта шуд. Президенти онвақтаи кишвар Раҳмон Набиев ба қароргоҳи дивизияи 201 Русия паноҳ ҷуст. Рӯзи 7-уми сентябр Раҳмон Набиевро дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе ҳангоми фирор ба шаҳри Хуҷанд дастгир намуда, маҷбур карданд, ки ба аризаи истеъфои худ аз вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гузорад.

Дар ин вақт вазъият дар шаҳри Душанбе басо пурхатар буд. Ҳокимияти давлатӣ дигар вуҷуд надошт. Бинобар ин неруҳои ҷонибдори ҳокимияти конститутсионӣ маҷбур буданд, ки ҳаракати мардумро бар зидди табаддулотчиён дар вилояти Кӯлобу Қӯрғонтеппа, Суғд ва Ҳисор созмон диҳанд. Моҳҳои сентябр ва октябр неруҳои ҷонибдори моқомоти давлатӣ аз ҷониби мардум интихоб шуда, дар вилояти Қӯрғонтеппа вазъиятро комилан зери назорати худ даровcovered. Акнун қуввае лозим буд, ки барои барқароркунии сохти конститутсионӣ роҳбарии ин муборизаро ба уҳда гирад. Барои ин даъвати Иҷлосияи Шӯрои Олӣ лозим буд.

Вазъи ҷамъиятию сиёсии ногувори шаҳри Душанбе ва гаравгонгирии вакилони мардумӣ имкон намедод, ки Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ дар пойтахти ҷумҳурӣ баргузор гардад. Аз ин хотир, Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати 12, 16-ҳуми ноябри соли 1992 дар ноҳияи Хуҷанди вилояти Суғд ба кори худ шурӯъ намуд. Ҷамъ овардани вакилони мардумӣ, баргузор кардани Иҷлосияи Шӯрои Олӣ дар он шабу рӯзи пурталотуб кори басе сангин буд. Аз ин хотир барои ба маҷрои сулҳу созиш ворид намудани кори иҷлосия ва баррасии масъалаҳои муҳимтарини кишвар рӯзи 16- уми ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоб нахуст маҷлиси машваратии намояндагони минтақаҳои кишвар доир гардид [3].

Иштироккунандагони маҷлис суханронии Раиси комиҷроияи вилояти Кӯлоб, вакили мардумӣ Эмомалӣ Раҳмонро бодиққат шунида, аз он ба гармӣ истиқбол карданд. Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумла изҳор дошт «Ҷанги шаҳрвандӣ хисороти зиёдро ба миён оварда, сабабгори ҳалокати даҳҳо ҳазор нафарро ба миён овард. Даҳсолаҳо лозим мешавад, ки то зулму ҷароҳатҳои ин фоҷиҳа муолиҷа шавад. Давом додани хунрезӣ беақлист ва то ба он мекӯшем, ки дар ҳар як хонавода сулҳ ва оромӣ ҳукумфармо бошад. Маҳз бо ҳамин хотир мо ба Иҷлосия омадем» суханронии кӯтоҳ, вале пурмуҳтавои вакили мардумӣ Эмомалӣ Раҳмон аз нутқи иштирокдорони маҷлис аз он фарқ мекард, ки масъалагузориҳо воқеӣ ва мушаххас буданд. Дар вазъияти даҳшатбори бухронӣ Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ дар таърихи муосири давлати навини Тоҷикистон нақши тақдирсоз бозид.

Чандин сиёсатмадорони ботаҷрибаи дигар пеш аз Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ пешниҳод шуданд, вале аз ин масъулияти гарон худро канор гирифтанд. Баъзе сиёсатмадорону сиёсатшиносон ҳатто гуфта буданд, ки умри ин ҳукумат зери сарварии Эмомалӣ Раҳмони ҷавон аз ду ҳафта зиёд нахоҳад монд. Вале воқеият нишон дод, ки дар симои Эмомалӣ Раҳмон Офаридгори олам ба мардуми Тоҷикистон пешвои фидокор ва ғамхору дилсӯзро ато намуд. Эмомалӣ Раҳмон дар назди худ чунин ҳадаф гузошта буд, ки бояд мардумро дубора сарҷамъ карда, давлати навини тоҷиконро аз парокандагӣ наҷот диҳад.

## АДАБИЁТ


1. Абдуфаттоҳ Шарифзода. Наҷотбахши миллат / А. Шарифзода, А. Ғафуров. -С.6-7.
2. Хушбахт Абдуназаров. Вахшонзамин / Х. Абдуназаров. -С. 86-88.
3. Ғоиб Ғоибов. Чехраи Хатлон / Ғ. Ғоибов. -С.27-28.
4. Абдулфатоҳ Шарипов. Президенти мо! Эмомалӣ Раҳмон / А. Шарипов. –Душанбе, 2006. -С.218.


## ВАЗЪИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАҲСОЛАИ ОХИРИ АСРИ XX ВА ТАЪСИРИ ОН БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН


Баъд аз пошхӯрии иттиҳоди Шӯравӣ барои Тоҷикистон марҳилаи нави сиёсӣ ва иқтисодӣ расид. Ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ давлатҳои мустақил гардиданд. Истиқлолият ин тӯҳфаи бебаҳои таърих аст ва масъулияти бузург оиди нигоҳдорӣ ва мустаҳкамсозии он бар души насли имрӯза вогузор аст. Дафъатан баъд аз бадастории истиқлолияти сиёсӣ Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд ва хушбахтона бо сарбаландӣ аз ин варта раҳоӣ ёфт. Имрӯз халқи Тоҷикистон ба амалисозии мақсадҳои тақдирсози стратегӣ саъю кӯшиш дорад. Истиқлолияти бадастомада рӯйдоди бузург аст. Истиқлолият дар таърихи навини мо ҳамто надорад. Бо шарофати он халқи тоҷик тавонист ба ҳаёти орому офаринанда расад. Дар мақолаи мазкур муаллиф вазъи сиёсии Тоҷикистонро дар даҳсолаи охири асри **XX** ва таъсири онро ба вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор додааст..



**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, истиқлолият, вазъи сиёсӣ, вилояти Хатлон, рушди иқтисод, тақвияти сиёсати иҷтимоӣ, мустаҳкам кардани амният, сохти ҷомеаи шаҳрвандӣ.


## ПОЛИТИЧЕСКАЯ ОБСТАНОВКА В ТАДЖИКИСТАНЕ В ПОСЛЕДНЕЕ ДЕСЯТИЛЕТИЕ XX И ЕЕ ВЛИЯНИЕ ХАТЛОНСКУЮ ОБЛАСТЬ


После распада СССР для Таджикистана, наступил новый политический и экономический период. Бывшие союзные республики стали независимыми государствами. Независимость - это бесценный дар истории, и ответственность за её сохранение и укрепление несёт нынешнее поколение. Сразу после обретения политической независимости он оказался втянутым в гражданскую войну. В настоящее время народ Таджикистана стремится к осуществлению судьбоносных стратегических целей. Достигнутая независимость является великим событием. Она не имеет аналогов в нашей новой истории. Благодаря ей, таджикский народ смог достичь спокойной и созидательной жизни. В данной статье автором подвергнута изучению и рассмотрению политическая обстановка в Таджикистане в последнее десятилетие **XX** века и ее влияние на Хатлонскую область.



**Ключевые слова:** Таджикистан, независимость, политическая обстановка, Хатлонская область, рост экономики, усиление социальной политики, укрепление безопасности, построение гражданского общества.


## POLITICAL SITUATION IN TAJIKISTAN IN THE LAST DECADE OF THE XX AND ITS INFLUENCE OF THE KHATLON REGION


After the collapse of the Soviet Union for Tajikistan, a new political and economic period has come. Former Union republics became independent states. Independence is an invaluable gift of history, and the present generation is responsible for its preservation and strengthening. Immediately after gaining political independence, he was dragged into a civil war. At present, the people of Tajikistan are striving to fulfill their fateful strategic goals. Achieved independence is a great event. It has no analogues in our new history. Thanks to it, the Tajik people managed to achieve a calm and creative life. In this article, the author is subjected to study and consideration of the political situation in Tajikistan in the last decade of the 20th century and its impact on the Khatlon region.



**Key words:** Tajikistan, independence, political situation, Khatlon region, economic growth, strengthening social policy, strengthening security, building civil society.



**Сведения об авторе:** ***Мирзоев Парвиз*** - преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин Энергетического института Таджикистана в Хатлонской области. Телефон: **93-588-99-22**

# СТРОИТЕЛЬСТВО МАЛЫХ ГЭС НА ТЕРРИТОРИИ ПАМИРА В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Мирзоашрафов П. И.***
**Хорогский государственный университет им. М. Назаршоева**

В начале девяностых годов, перед молодой независимой республикой Таджикистан стала очень трудная задача – обеспечение населения республики электроэнергией. Стоит отметить тот факт, что несмотря на работу Нурекской, Кайракумской и других крупных электростанций на территории Таджикистана, ежегодно республика удовлетворяла свои потребности в электроэнергии за счет соседних республик Узбекистана и Туркмении. В целях налаживания работы этой отрасли и привлечения инвестиций в отрасль энергетики, 24 июля 1992 года на вместо Государственного Управления «Таджикэнерго» была создана Акционерная холдинговая кампания «Барки Точик» [1]. С первых дней начала своей деятельности, Акционерная холдинговая кампания «Барки Точик» приступила к строительству малых электростанций и привлечению зарубежных инвесторов к этому строительству. В 1995 году по иницативе Правительства Республики Таджикистан было проведено исследование по программе «Использование гидроэнергоресурсов малых и средних водотоков ГБАО средствами малой энергетики», которую финансировал Исламский Банк развития. Эта программа предусматривала строительства МГЭС на Памире [2]. Специалисты по результатам исследований пришли к выводу, что малые электростанции могут быть построены практически повсеместно в отдалённых населенных пунктах на водотооттоках используемых для мельниц. Согласно данным научно исследовательского института Гидроэнергетики Республики Таджикистан, территория ГБАО обладает огромными ресурсами для строительства гидроэлектростанций мощностью 100 – 300 тысяч кВт часов электроэнергии [3].

Как было отмечено, по некоторым рекам, таким как Вандж, Шохдара, Язгулом, отсутствуют проектные разработки по использованию их энергетических ресурсов. Однако, по имеющимся данным, потенциальные гидроэнергетические ресурсы реки Вандж составляют 338 тыс. кВт мощности с возможной среднегодовой выработкой электроэнергии – 2.96 млрд. кВт час, реки Шохдара 325 тыс. кВт и 2.85 млрд. кВт час и реки Язгулом – 282 тыс. кВт. мощности и 2.47 млрд. кВт часов выработка электроэнергии в год [4].

Потребность в строительстве малых ГЭС прежде всего объясняется тем, что в высокогорных условиях строительство больших станций занимает большие территории для водохранилища. Также большие станции требуют больших капиталовложений, при этом на указанных территориях отсутствуют предприятия, которые бы использовали эту энергию. Но строительство малых станций в свою очередь способствует развитию важных для страны отраслей, которые связаны с территорией Памира. Например, в 1995 году на базе астрологической обсерватории «Памир» была создана новая международная астрологическая обсерватория «Санглох» в Мургабском районе ГБАО. Несмотря на международный статус, из-за отсутствия электроэнергии станция работает с перебоями, так как дизельная энергия не позволяла обеспечить налаженную работу телескопа РС - 700 и всей станции. Эта станция по всем своим рабочим характеристикам превосходила аналогичные станции, такие как Европейская южная обсерватория Ласила в Чили, Обсерватория Кит Пик в США и обсерватория Мауний Паломар в США [5].

В начале 90 – х годов энергетический кризис охватил всю территорию Горно-Бадахшанской автономной области. График подачи электроэнергии был введен даже в городе Хороге, который не имел места с 1940-го года. В районах области из-за отсутствия дизельного топлива приостановили свою работу дизельные электростанции. Исходя из этого, было принято решение обеспечения некоторых районов области электроэнергией за счет Южно- Таджикской энергетической системы. В 1992 году была построена высоковольтная линия Пошхарв – Даштак длинною 17 км, которая соединила Ванджский сетевой район с Южно-Таджикской энергосистемой. [6]В 1995 году было завершено строительство ГЭС Техарв, мощностью 360 кВт, а в 1999 году была введена в строй малая электростанция Андарбак, мощностью 300 кВт часов электроэнергии. Благодаря строительству этих станций более 80% территории Ванджского района было обеспечено электроэнергией [7]. Но строительство линий электропередач из Южно Таджикской энергетической системы не могло обеспечить электроэнергией другие районы области. Перед Правительством республики встала задача обеспечения электроэнергией остальные районы Горно-Бадахшанской автономной области. К этой деятельности активно подключились международные организации и доноры. Активное участие в реализации проектов строительства малых ГЭС на Памире в эти годы принял Фонд Ага-хана. В 1997 году началась программа строительства малых ГЭС по линии финансирования со стороны МСДСП Фонда Ага-хана. В 1998 – 1999 годы благодаря донорам Фонда Ага-хана были построены малые электростанции Андарбак и Техарв в Ванджском районе, Басид, Барчидев, Нисур, Бардара, Вамд, Япшорв, Шпад, Чадуд, Дех в Рушанском районе Бодом в Рошткалинском районе [8].

За годы независимости на территории ГБАО были построены 20 малых ГЭС общей мощностью 1500 кВт. К 2008 году по области были построены и сданы в эксплуатацию 32 малых ГЭС. [9]Такие малые ГЭС были построены в посёлках Вишхарх и Поймазор Ванджского района, Бардара, Лангар и Вомар Рушанского района, Вездара и Тусиён Рошткалинского района, Ёгед Дарвазского района и Сохарв Шугнанского района. Всего за период с 1996 по 2005 годов на территории области были построены 20 малых ГЭС [10]. Но несмотря на это, более 71 процента территории области по-прежнему обеспечивается электроэнергией за счет ГЭС «Памир-1».

В целях дальнейшего развития малой энергетики 3 октября 2006 года было принято Постановление Правительства Республики Таджикистан под №449 «Программа развития Малой энергетики в Таджикистане на период 2007-2020 годы». Для реализации этой Программы были созданы все условия для производителей электроэнергии внутри республики и для зарубежных инвесторов. Для создания законодательной базы для деятельности энергопроизводящих предприятий и доноров, финансирующих проекты, строительства малых ГЭС были приняты следующие нормативные акты:

1. Закон Республики Таджикистан «Об инвестициях» от 12 мая 2007 года;
2. Постановление Совета Министров Республики Таджикистан от 5.04. 1993 года под №139 «О мерах по стимулированию строительства МГЭС и увеличению добычи угля в РТ»;
3. Постановление Совета Министров Республики Таджикистан «Положение о порядке и строительстве установок, использующих нетрадиционные источники энергии»;
4. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 4 июня 1997 года №267 «О развитии малой энергетики в Республике Таджикистан»;
5. Закон Республики Таджикистан «Об энергетике» 29 ноября 2000 года;
6. Закон Республики Таджикистан «Об энергосбережении»;
7. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 3 августа 2002 года об утверждении «Концепция развития отраслей топливно -энергетической комплекса РТ на 2003-2015 годы» [11];

По программе строительства малых ГЭС МСДСП с 1997 года по 2010 построены 29 малых ГЭС общей мощности 2204 кВт и линии электропередач мощностью 35 кВт на расстоянии 41 км. В результате реализации этого проекта были обеспечены электроэнергией более 30 деревень на территории области с населением 3279 человек и 2168 хозяйств [12].

В 2008 году в посёлке Ширг Дарвазского района завершено строительство нового малой ГЭС мощностью 1300 кВт, строительство которой идёт по договору Памирской энергетической кампании с Ходжентским энергетической организацией и финансируется Государственной компанией «Барки точик». В 2008 году началось строительство МГЭС «Ширг-1» с 2-мя агрегатами общей мощностью 260 кВт часов электроэнергии, строительства которой было завершено в 2009 году. При сдаче этого объекта был заложен первый камень в строительство МГЭС «Ширг-2» мощностью 594 кВт, которую сдали в 2011 году [12].

На 1 апреля 2007 года количество мини ГЭС на территории ГБАО составило 46 станций, из которых только семь станций были построены в период бывшего СССР, 15 станций построены со стороны Фонда Ага-хана, 20 станций построены усилиями МСДСП совместно с местными органами власти. Но при строительстве всех станций существует один недостаток – это нехватка воды в зимний период. Именно по этой причине производство электроэнергии в зимний период сокращается на 50%. Так, на малой электростанции Вездара при проектной мощности 2200 кВт, реальная выработка электроэнергии составляет 80 кВт, на станции Аксу при проектной мощности 640 кВт реальная выработка составляет 180 кВт часов электроэнергии. Из всех этих станций только 11 находятся на балансе Памирской энергетической кампании.[13]

В 2009 году продолжались работы на строительстве МГЭС Шитхарв-2, Шитхарв-3, Шитхарв-4, Шитхарв-5 и Вичкут Ишкашимского района, общая мощность которых составляла 340 кВт часов электроэнергии. В Дарвазском районе усилиями предпринимателей завершено строительство малых ГЭС Шугун и Джорф. В 2009 году в Рошткалинском районе в кишлаках Тусён и Вездара усилиями местных жителей завершено строительство малых ГЭС мощностью 132 кВт и 200 кВт часов электроэнергии.

В Рушанском районе усилиями Фонда Ага-хана и международной организации СИДА завершено строительство малых электростанций в кишлаках Рошорв мощностью 20 кВт и Чадуд мощностью 15 кВт часов электроэнергии [14].

В 2010 году со стороны Президента РТ был заложен первый камень строительства ГЭС «Аксу-2» в Мургабском районе мощностью 2 МВТ.[15] ГЭС Аксу была построена в 1964 году мощностью 640 кВт, но в связи с уменьшением воды мощность станции уменьшилась до 130 кВт часов электроэнергии. Поэтому принято решение о реабилитации ГЭС «Аксу -1» и увеличении её мощности до 800 кВт [16]. Наиболее приемлемым для строительства малых станций является территория Бартангского ущелья. Здесь усилиями Правительства Таджикистана, Фонда Ага-хана и других международных организаций на притоке реки Бартанг

и впадающих в него малых реках построены несколько малых станций. Одна из таких станций построена в кишлаке Басид Рушанского района, мощность которой составляет 75 кВт.

Житель кишлака Басид Рушанского района Одинаев Сарафроз в беседе с автором так описывает строительство малой станции: «В нашем селении, которое называется Басид, существует около ста хозяйств. В кишлаке действует общеобразовательная школа, где обучаются около 230 детей нашего кишлака. На одном из притоков реки Бартанг, которая течет из ущелье Девлох, на расстоянии одного км выше нашего кишлака в 1996 году при помощи МСДСП Фонда Ага-хана была построена МГЭС мощностью 75 кВт электроэнергии. Данная МГЭС работала до 2006 года и в результате нехватки воды и колебания напора воды генератор вышел из строя. В этом же году населением были собраны денежные средства, на которые был отремонтирован старый генератор выпуска Советского периода мощностью 30 кВт. Сегодня наш МГЭС также вырабатывает электроэнергию, но 15 кВт в летнее время и 10 кВт в зимнее время. При такой мощности мы не можем использовать телевизор, магнитофон и другие приборы, так как напряжение тока составляет всего 70 вольт, а в самые многоводные периоды 100 вольт. Наш кишлак находится на расстоянии 90 км от развилки райцентра Рушанского района. Дальше на 5 км вверх в сторону озера Сарез находится кишлак Чадуд, где при помощи МСДСП построена МГЭС, которая вырабатывает столько энергии, что они могут использовать все бытовые электроприборы. Далее на расстоянии 15 км от нас находится кишлак Бардара, где также построена МГЭС, обеспечивающая это селение электроэнергией. Ниже нас на расстоянии пять км находится кишлак Дорж, где проживают всего 8 хозяйств и им со стороны Правительства выделены солнечные батареи, которые обеспечивают жителей этого кишлака электроэнергией» [17].

Второго февраля 2009 года, в целях обеспечения энергетической независимости Таджикистана была принята новая Программа строительства малых электростанций в Таджикистане. Именно поэтому Постановлением Правительства Республики Таджикистан «О долгосрочной Программе строительства МЭС на период 2009-2010 годы» перед энергетиками были поставлены новые задачи в деле строительства малых электростанций. Программа строительства малых станций охватывает краткосрочные проекты, которые рассчитаны на 2009-2011 годы, среднесрочные и долгосрочные проекты на 2012-2015 годы. По Программе строительства малых станций при краткосрочных проектах было запланировано строительство 66 МГЭС, из которых пять малых электростанций должны быть построены на территории ГБАО. В том числе намечено строительство малых станций Язгулом-1 и Язгулом-2 в Ванджском районе, и Аксу-1 и Аксу -2 в Мургабском районе [18]. По среднесрочной программе на 2012 – 2015 годы на Памире намечено строительство 52 станций на всей территории республики, из которых три станции будут поостренны на территории ГБАО. Из этого числа намечено строительство ГЭС Ванд и Ширговад мощностью 500 и 1000 N кВт, а также ГЭС Вахдат в Мургабском районе. Электростанция Вахдат в Мургабском районе будет строиться при поддержке Германского Банка КФВ и строительной кампании Фитчнер [19].

Для своевременного обеспечения этих станций необходимыми деталями, турбинами и генераторами при Государственном Унитарном предприятии ПО «Таджиктекстильмаш» в 2002 году налажен цех по выпуску агрегатов для малых и средних ГЭС мощностью до 35 кВт и 50-60 кВт, модели НРО 60-325-37 ЭР, турбины модели МГ. Также Чкаловский завод машиностроения «Востоккредмет» выпускает турбины Фг-1а, Фг-2а, Фг-1б, Фг-2б, которые предназначены для малых электростанций. Одним из последних проектов Памирской энергетической кампании и Правительства Республики Таджикистан является строительство новой станции КОИКА в посёлке Мотравн, Ванджского района. МГЭС КОИКА, мощностью 300 кВт будет построено в кишлаке Мотравн Ванджского района за счет инвестиции малого гранта ODA Южной Кореи. Основные проектные работы будут выполнены со стороны фирмы PMC (Project Management Consulting) KOICA/DOHWA «Дохва Энжиниринг», которая официально приступила к работе 16 февраля 2012 года. На церемонии открытия офиса этой фирмы в городе Хороге прибыли официальные представители из Южной Кореи - заместитель президента фирмы Дохва Энжиниринг Конг Чонг Бок, начальник отдела фирмы Дохва Энжиниринг Ким Мёнг Рим и специалист фирмы Дохва Энжиниринг О Мин Хван. Со стороны Таджикистана на этой церемонии участвовали представитель Министерства энергетики и торговли Дурманча Атолимшоев, заместитель Председателя местного органа государственной власти ГБАО Исроров Исроф, Генеральный директор кампании «Помир Энержи» Далер Джумаев и другие лица. Общая стоимость этого проекта составляет 2,8 миллиона долларов США. Экологической особенностью этого проекта является отсутствие плотины и водохранилища, так как при вращение турбин планируется использовать естественный поток воды, стекающий с горной поверхности. Все работы планируется завершить до июня 2012 года, в результате вместе с МГЭС «Андарбак» мощность обеих станций составит 600 кВт, что позволит обеспечить электроэнергией 6 кишлаков в Мотравне с 695 хозяйствами и населением 6120 человек. После сдачи в эксплуатацию МГЭС КОИКА эти селения получают бесперебойную электроэнергию в течение 24 часов в сутки.

Ещё в 1974 году Клеандров М.И. в своей работе «Экономика Советского Горного Бадахшана», указывая, на необходимость строительства малых электростанций на Памире, в частности, указал следующее: «На территории ГБАО даже в отдаленной перспективе пока не определились крупные потребители электроэнергии, на которые могли бы быть ориентированы Рушанские и Хоставские ГЭС. С другой стороны, представляется нецелесообразным рассматривать эти ГЭС в отрыве от других перспективных станций Пяджского каскада, а также энергетическую мощность на реке Вахш в Южном Таджикистане, с которыми Пянджские ГЭС ГБАО при любых условиях должны быть связаны линиями электропередач. Таким образом, строительство в ГБАО больших ГЭС в настоящее время может рассматриваться как проблема отдаленного будущего - 25 - 30 лет».

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Нозир Ёдгори. Барки точик / Н. Ёдгори, У. Гулмирзоев. -Душанбе, 2001. -С.10.
2. Годовой отчет отдела экономики Местного Органа Государственной Власти ГБАО за 2010 год.
3. Хоразмшоев А. Развитие энергетики в ГБАО, Республиканский симпозиум Экономика и наука ГБАО: прошлое, настоящее и будущее / А. Хоразмшоев. -Хорог, 2005. -С.18.
4. История Горно-Бадахшанской автономной области / под общей ред. Х. П. Пирумшоева, Ш. П. Юсуфбекова. - Душанбе, 2005. – Т. II. – 352с.
5. Ибадинов Х. Состояние и перспективы астрологической обсерватории «Памир», Республиканский симпозиум Экономика и наука ГБАО: прошлое, настоящее и будущее / Х. Ибадинов. - Хорог, 2005. -С.13.
6. Нур дар Боми чахон. - 2011. -№ 20.
7. Паёми донишгохи Хоруг. – 2000. - № 2. - С.117.
8. Лутфишоев Б. Состояние энергетики ГБАО / Б. Лутфишоев // Паёми Донишгох. -2000. - № 2. -С.119.
9. Чашни фархундаи миллӣ // Бадахшон. -2008. -№ 38.
10. Диловаршоев Н. Сегодня и завтра энергетики Памира / Н. Диловаршоев // Бадахшон, плакат архива ГБАО.
11. Годовой отчет отдела экономики Местного Органа Государственной Власти ГБАО за 2010 год.
12. Нур дар Боми Чахон. - 2009. - № 8, 3.
13. Памир энерджи, отчет за 2007 год.
14. Из отчетов экономического отдела МОГВ ГБАО за 2008 год.
15. Проекты ПЕК //Нур дар Боми Чахон. -2011. - № 15.
16. Проекты ПЕК //Нур дар Боми Чахон. – 2009. - №9.
17. Из беседы автора с Одинаевым С. -5 апреля 2012 года.
18. Годовой отчет отдела экономики Местного Органа Государствнной Власти ГБАО за 2010 год.
19. Нур дар Боми Чахон. - 2009. - № 8.


## ДУРНАМОИ РУШДИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКАИ ХУРД ДАР ПОМИР ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола масоилҳои таърихи сохтмони нерӯгоҳҳои хурди обии баркӣ дар ҳудуди Бадахшони Кӯҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф ошкор намудааст, ки барои сохтмони нерӯгоҳҳои хурди обии баркӣ ҳудуди дараи Бартанги ноҳияи Рушон қобили қабул аст. Ҳамин тариқ, дар давраи истиқлолият дар ин ҷо бо кӯшишҳои Хукумати Тоҷикистон, Фонди Оғо-хон ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ дар саргаҳи дарёи Бартанг ва дарёҳои хурди ба он ҷоришаванда якчанд нерӯгоҳҳои хурди обии баркӣ сохта шудааст.



**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, истиқлолият, Бадахшон, Помир, Бартанг, Фонди Оғохон, нерӯгоҳи обии баркӣ, созмонҳои байналмилалӣ, экология, нерӯи барқ, интиқоли барқ, масоил.


## ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ МАЛОЙ ГИДРОЭНЕРГЕТИКИ НА ПАМИРЕ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В статье рассматриваются проблемы истории строительства малых ГЭС на территории Горного Бадахшана. Автор выявил, что наиболее приемлемым для строительства малых станций является территория Бартангского ущелья Рушанского района. Таким образом, в период независимости здесь усилиями Правительства Таджикистана, Фонда Ага-хана и других международных организаций на притоке реки Бартанг и впадающих в него малых рек построены несколько малых станций.



**Ключевые слова:** Таджикистан, независимость, Бадахшан, Памир, Бартанг, Фонд Ага-хана, гидроэлектростанция, международные организации, экология, электричества, электропередача, проблема.


## PERSPECTIVS FOR THE DEVELOPMENT OF SMALL HYDROPOWER IN THE PAMIRS DURING THE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


The article discusses the problems of the history of the construction of small hydropower plants on the territory of Gorno-Badakhshan. The author found that the most suitable for the construction of small plants is the territory of the gorge Bartang Rushan district. Thus in the period of independence their efforts the Government of Tajikistan, the Aga Khan Foundation and other international organizations on a tributary of the river Bartang and flowing into it a few small rivers of small stations built.



**Keywords:** Tajikistan's independence, Badakhshan, Pamir, Bartang, the Aga Khan, hydroelectric power, international organizations, environment, electricity, power, problem.



**Сведения об авторе:** ***Мирзоашрафов П.И.*** - старший преподаватель, заведующий кафедрой истории таджикского народа Хорогского государственного университета имени М. Назаршоева. Телефон: **(+ 992934239992,** E-mail: **payrav84@mail.ru**

# ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

В период, когда Европа встала на путь секуляризации, арабский мир был почти вне сферы иностранного влияния. Также арабское общество демонстрировало полное равнодушие ко всяким изменениям, происходящим в мире. Этот период продолжался до похода Наполеона Бонапарта в Египет, т.е. до 1798 г. Это было первое иностранное вторжение в страну после завоеваний Османского халифата. Оно приблизило арабское, в том числе и мусульманское сообщество, в целом к политическим играм Европы, к политике управления миром и его изменениям. Так началось столкновение восточной и западной цивилизаций .

К этому времени Запад уже имел промышленность и развитую экономику, а Восток находился в средневековье. Это был период, когда западные страны очень быстро оккупировали мусульманские земли. Когда отсталое мусульманское общество столкнулось с мощной и беспощадной силой, оно почувствовало громадную опасность, угрожающую его идентичности, ценностям, традициям и духовности. Как писала Е. А. Фролова, «на этом политическом и культурном фоне робко пробуждалась философская мысль» [1, 146].

Мусульмане хорошо осознавали, что их политические, социальные и культурные права и свободы и даже их религиозная свобода находятся в опасности. Миссионерская деятельность других религий еще более усугубила обстановку того времени. В результате этих изменений исламское учение стало восприниматься как идеал жизни, как символ протеста против чужеземцев. Многие просветители Востока на основе исламских убеждений пропагандировали самопознание и социальные свободы мусульман, освобождение от деспотизма западных колонизаторов [3, 91-92]. Из большого числа восточных просветителей этого времени особо можно выделить Саида Джамалиддина Афгани, Мухаммада Абдо, Рашида Рида, Абдуррахмана аль-Кавокиби, Мухаммада Икбала, Ахмада Дониша и др. Их деятельность и реформаторские методы отличались друг от друга, но все они стремились к одному – просвещению своего народа.

Если говорить о Мухаммаде Абдо, то никто какне повлиял на ход преобразований и обновление мусульманского мира как он. [4; 128] В арабском сообществе Абдо прозвали «аль -

Устоз уль - Имам». Сегодня его также упоминают под этим именем, [3, 101] что является показателем его репутации и авторитета среди современников. Один из писателей Египта – Камиль аш-Шиннави, описал жизнь Абдо в своём произведении «Из жизни одного посланника и одного героя» [3, 101]. О нем писали Мустафа Лабиб, Мустафа Абд-ар-Розик, Аббас Махмуд аль-Аккад, Осман Амин, Мухаммад Аммора, Тахир Танохи, Арнольд Томас, М.Т. Степанянц, В.С. Блант, Рафи ат-Тахтови и др. Опираясь на достоверные источники, особенно на произведения самого Абдо, попытаемся конкретизировать его личность и деятельность. По словам Абдо, он прожил тяжёлую жизнь, а на его становление как образованного человека повлияли многие выдающиеся личности той эпохи, например, Шейхе Дервиш и Саид Джамаледдин Афгани особенно сильно повлияли на мировоззрение Мухаммада Абдо [4, 37].

Мухаммад Абдо старался воплотить свои идеи посредством реорганизации университета аль-Азхар и с помощью, фетв которые он издавал как главный муфтий Египта. Его взгляды и деятельность оказали огромное влияние на развитие философской и общественной мысли современного арабского Востока [6, 6]. В рассуждениях Абдо складывалась идея исламского общества, совмещенная с идеями о конституционной власти и парламентским правлением, которые имели европейское происхождение [7, 155].

Абдо не ограничивал себя только знаниями исламских учёных и философов. Он был знаком с оригинальными произведениями европейских мыслителей и обогатил свои знания путешествиями по странам Африки и Европы. Он переписывался с такими известными европейскими учеными и мыслителями, как Блант, Герберт Спенсер, Гюстав де Бон, а также с Львом Толстым [3, 106]. Отмечая его отношения с Львом Толстым и анализируя его переписку с ним, можно сделать вывод, что он хорошо был знаком с русской литературой и с русской философией и указывал на мировое значение русской культуры.

Абдо в основном высказывал гуманистические и прагматичные мысли [2, 288]. Он всегда подчёркивал, что философия должна постоянно развиваться, она должна руководить общества, научить людей ответственности и отдалять их от затворничества. В свою очередь логика, правильное мышление неразрывно связано с благотворительностью. По его словам, логика и природа научного мышления играют высокую нравственную роль в развитии человека. Когда Абдо учился в аль-Азхаре, исламская философия уже находилась на грани исчезновения. В университете были только книги по логике и мусульманской теологии, которые были разрешены для преподавания. Эти книги были написаны в XIII и XIV вв. Внимание молодёжи к изучению классических произведений и возрождению исламской философии старался привлечь еще Саид Джамалиддин Афгани. Он призывал читать основные источники вместо чтения малопонятных толкований и заметок (хошия), которые были, по его мнению, не нужными. Сам же Афгани начал изучать сочинения Ибн Сино, которые были для него постоянным источником вдохновения.

Религиозные фанатики и учёные аль-Азхара расценивали эти взгляды Афгани, по словам Мухаммада Абдо, как «неожиданную наглость». После 1875 г. Абдо тоже обратился к изучению трактатов классической логики, и трактат по логике Авиценны был одним из первых [5, 278]. Когда Абдо был еще студентом, он под впечатлением этих трактатов писал статьи, в которых защищал логику и калам. Он утверждал, что вера укрепляется окончательным доказательством и что правильное понимание логики необходимо, прежде всего, для исламской философии калама [8, 23-24].

Во время проживания в Бейруте Абдо обнаружил трактат по логике под названием «аль-Басоир-ун-Насирия» и в 1897 г. написал к нему толкование, которое опубликовал. Система логики самого Абдо свидетельствует о том, что он находился под влиянием Аристотеля, Аверроэса, Ибн Сины. Одновременно Абдо выступал против слепого подражания и одобрения без веских доказательств сектантских убеждений. Он писал: «Некоторые люди ошибочно предполагают, что двери иджтихада стали более открытыми от того, что были всё время закрыты, что эти двери открыты до такой степени, что охватывают все проблемы, которые подвергаются обсуждению в новых условиях жизни. Речь, конечно, не касается древних произведений или великих людей, которые давно умерли, а идет о реформистском духе и внимании к всеобщему благодеянию» [3, 108].

В 1875 г. Абдо выступил с содержательным докладом в институте «Дар-уль-улум» на тему «Введение Ибн Халдуна». На основе своих выступлений он написал книгу «Социальная философия и история». К сожалению, рукопись этого произведения утеряна [3, 108]. Для знакомства с воззрениями Абдо по этому вопросу обратимся к сохранившимся произведениям. По нашему мнению, общественные взгляды Абдо по данному вопросу совпадают с убеждениями Ибн Халдуна и Огюста Конта. Как и Ибн Халдун, Абдо считает историю реальной наукой, и ее изучение схоже с изучением философии. В толковании 213 аята суры «Корова» [9, 276-283]. история характеризуется как дорога, по которой прошло человечество [10, 143]. Соответственно его представлениям, Бог направляет человека по пути развития одного мировоззрения. При этом каждый индивид имеет свои физические, моральные и умственные запросы и должен жить в обществе, имеющем свои законы и порядки. Конечно, желательно, чтобы люди помогали друг другу. Человеку трудно было бы жить среди себе

подобных без чувства сострадания и взаимопомощи. Социальное единство для Абдо – это не просто теоретизирование по проблемам социума, потому что сам он служил людям, был примером действенного сотрудничества и осуществления многих социально значимых целей. Интересен тот факт, что Абдо рассматривал и права и свободы женщины, защищал их честь и достоинство наравне с мужчинами, но при этом свобода и права были для него понятиями относительными.

Занимаясь судейскими обязанностями Абдо, как социолог, приходит к выводу, что 75% исков так или иначе связано с родственниками. Причиной этих разбирательств были чувства ненависти и вражды, порожденные неправильным воспитанием в семье, а если смотреть шире, то и в обществе в целом.

По мнению Абдо, в своем развитии человеческое сообщество прошло три этапа. Первый этап – это время, когда человек находится в мире своих чувств и эмоций, когда он был подчинён природе, пользовался ее готовыми продуктами и сам ничего не производил. Второй этап – это время пророчеств. Человечество благодаря опыту, накопленному в прошлые века, больше и лучше постигает законы природы и принципы формирования общества. Далее Абдо размышляет: первый шаг в самопознании общества – опыт; второй шаг – это учения пророков, выступающих в качестве предводителей общества и предлагающих людям послания, в которых говорилось о том, как следует жить. Третий этап он называл последним веком, это наше время. Поскольку мы отдаляемся от времен существования пороков, наши сердца становятся жестокими, в человеке побеждает похоть. Общество отвлекается от устойчивого уразумения и нравственных принципов.

Сторонники философии калама, считал Абдо, смешивали учение Аллаха с пустословием. Они использовали Коран соответственно своим целям. В итоге религия утрачивала своё влияние. Если же политика смешивается с верой, то это ведет к разногласию и противоречию [3, 115-116]. В своих идейных исканиях Абдо большое значение придавал совести, которая и помогает обществу найти правильную дорогу. Разум и нравственность в этом процессе тоже играют весьма важную роль. Такая позиция Абдо очень близка идеям Сократа, древних стоиков и Жан-Жака Руссо. Он верил, что человек не может совершенно осознанно поступать неправильно, потому что по своей природе он всегда склонен к благодеянию. Если же он творит злодеяние, то это результат неправильного общественного воспитания. Абдо относительно этому говорит: «… Бог одарил человека такими качествами, благодаря которым он резко отличается от других живых существ, и дал ему в достатке разум, и поэтому он имеет преимущество среди всех сотворённых и в состоянии открыть тайны мира» [3, 116]. Итак, Бог создал человека доброжелательным по отношению к другим людям. По мнению Абдо, добро заложено в природе человека, и даже одним советом или упоминанием добродеяний человек уже отдаляется от зла. Поэтому общество нуждается в таких людях, которые более рассудительны, по сравнению с простонародьем, способны осознать значение добра и стать предводителями людей. Он пишет: «Лучи, которые Бог ниспосылает на человечество через посланников, не нуждаются в том, чтобы расположиться в душах и сердцах людей. Они только напоминают о том, что Бог ранее оставил в их натуре, а они об этом не знают» [11, 240-243].

Абдо, подобно стоикам, мечтал о таком обществе, в котором бы, несмотря на религиозную, расовую, языковую принадлежность, все люди были равны. Если человечество будет действовать, согласно своей природе, склонной к доброте, то это будет способствовать его духовному единству. Так в сознании людей зарождается мысль, что все они по природе равны, и это осознание, понимание этого порождает взаимопонимание, сочувствие к друг другу и миру.

Большинство исследователей жизни и творчества Абдо считало, что он был религиозным миротворцем, посвятившем всего себя исламскому сообществу [12, 75]. С таким утверждением можно согласиться, но, по нашему мнению, если деятельность Абдо рассматривать глубже, то можно увидеть, что в первую очередь он стремился (и всячески это пропагандировал) к нравственному совершенствованию общества. По его мнению, калам и философия всегда уделяли огромное внимание решению проблем, касающихся повышения морального уровня человека. При этом он выступал против народных обычаев и правил, которые воспринимались как суть шариата, критиковал социальное и политическое насилие, стремился изменить систему образования в университете аль-Азхар, но всегда на первом месте у него стояла проблема морального обновления исламского общества. Можно утверждать, что движение за религиозное обновление в исламском мире, которое было связано с именем Мухаммада Абдо, было только средством морального возрождения общества. Сам он по этому поводу писал: «Цель религиозного возрождения заключается в том, чтобы направить убеждения мусульман на изменение моральных устоев для улучшения их социального положения. Задача мусульманского реформатора – упорядочение религиозных убеждений, исправление тех ошибок, которые происходят от искаженного познания Корана, чтобы деяния людей соответствовали морали, определение истинных источников пороков общества» [10, 114-115].

Согласно Абдо, мышление восточных людей еще недостаточно созрело. Для того чтобы принять один – единственный принцип, нужно исправить религиозные понятия. Он пишет:

«Если какой-нибудь реформатор хочет прямо и непосредственно исправить мораль или разум общества, не опираясь на религиозные законы, то это схоже с тем как строить здание, не имея ни нужного материала, ни необходимой рабочей силы. Но когда религия может повысить уровень нравственности, улучшает поведение, заставляет людей искать счастья соответствующими средствами, тогда почему нельзя использовать её для исправления общества» [8, 23-24]. Согласно меткому замечанию об этих идеях Абдо М. Т. Степанянц отмечает: «Мусульманские идеологи отрицают обязательность халифатской формы правления или же отождествляют её с властью президента в республике» [6, 15-16].

Абдо, как мы уже писали, был учеником Саида Джамалиддина Афгани, который считался основоположником реформаторских идей, но ученик рассуждал о системе власти мусульман иначе. Некоторые, исходя из его идей о необходимости политической сплоченности мусульманских стран, ошибочно полагали, что реформы Абдо направлены против представителей других религий. Он, открыто критикуя идеи и намерения исламского единства, то есть панисламизма, называл его иллюзией, которая проникла в мышление некоторых утопистов, и осуществление такого единства очень далеко от действительности [13, 126].

Один из египетских исследователей высказывается по этому поводу: «Абдо и его единомышленники имели две основные цели: одна – очищение исламской религии от предрассудков и выдумок, другая – приближение мусульманского сообщества к новой цивилизации, чтобы мусульмане получили пользу от науки, промышленности, торговли, культуры и политики новой эпохи. Но были и фанатично настроенные группы людей, которые имели противоположную точку зрения. По их мнению, мощь мусульман ослаба, и для восстановления ее мусульманам нужно сплотиться под руководством халифа для создания мусульманского государства. Но Абдо считал эту идею необоснованной, потому что такая структура власти, как халифат, противоречит сегодняшним требованиям исламского сообщества» [4, 116]. Конечно, Абдо был сторонником объединения всех мусульман, но не силовым методом. Он хорошо понимал, что нельзя сплотить в составе одного государства мусульман, которые живут на разных континентах, говорят на разных языках, имеют разные обычаи и традиции, и, что особенно важно, – разные национальные ценности и интересы.

Абдо был уверен в том, что для культурного обновления общества, мусульмане должны иметь хорошее личное воспитание. Он ставил обучение и воспитание общества на первое место. Когда Афгани в Париже учреждал газету «аль-Урват аль-вуска», он пригласил Мухаммада Абдо, который находился в Сирии как беженец [2, 286]. Абдо принял приглашение Афгани и через некоторое время предоставил своему учителю Саиду Джамалиддину проект по созданию группы учеников, которые должны были стать помощниками в процессе осуществления намеченных ими реформ. Ахмад Амин писал, что Абдо после этого пытался избежать политики. Он отмечал, что из истории жизни Шейха Мухаммада Абдо можно сделать вывод, что он не любил политику, проклинал её и даже пытался не произносить этого слова [15, 279]. Думается, этот реформатор и не мог отойти от политики, поскольку его основной целью было обновление восточного сообщества, изучение разных культур и цивилизаций, что вне рамок политики невозможно. Он стремился к просвещению общества на основе обновления исламского мировоззрения путём осведомлённости народов Востока об их правах и недугах общества.

Заметим, что в истории Востока существовало много реформаторов, деятельность которых не дала желаемого результата, например, потому, что они не придавали значения тому, как к их реформам относится населения. Были и такие, которые во имя реформ брали в руки меч, но это оказалось бесполезным. В качестве примера можно привести предводителя секты ваххабитов. Успехов же добивались те, кто использовал в своей деятельности благожелательное слово, был образован и воспитан, кто призывал людей к исправлению вероисповедания и светской жизни. Абдо был именно таким [14, 114].

Он критиковал мусульман за то, что они искажали религию и упрекал улемов в том, что они используют веру с целью материального обогащения. Не обошел он вниманием и тот факт, что новые права и обычаи обусловили возникновение ересей, которые проникли в религиозную практику мусульман после эпохи Пророка и его сподвижников. Он отмечал, что улемы ислама равнодушны к интересам и благополучию своей Родины. Они занимаются различными интерпретациями и пишут заметки к книгам, которых сами не понимают. Их толкования понять труднее, чем оригинальные тексты.

Абдо категорически отрицал культ личности руководителей, правителей, вождей. Он писал: «Хотя приказ правителя, по шариату, обязателен к исполнению, однако нужно знать, что правитель тоже человек и допускает ошибки, тоже движется страстью и похотью и остановить его могут от этих недугов и пороков разве что действенные слова и беспристрастное отношение людей» [15, 65]. Согласно Абдо, сущность социальных изменений и преобразований можно понять, если знаешь их причины. И такое знание спасет нацию от краха, а государство – от различных катаклизмов.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Фролова Е. А. История арабо-мусульманской философии. Средние века и современность: учеб. пособие / Е. А. Фролова. –М., 2006. – С. 146.
2. Амондуллоев Б. Фаъолиятиислоҳотии Муҳаммад Абдуҳ = [Реформатрские идеи Мухаммада Абдо] / Б. Амондуллоев // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе, 2011. –С. 285-289.
3. Таърихи фалсафа дар ислом =[История философия в ислам]// Под ред. Мухаммада Шарифа Миёна.–Тегеран, 1370. -Т. 4. -С. 91-92. (на перс. яз.)
4. Аммора Мухаммад. ал-Аъмал-ул-камилати ли-л-имам Мухаммад Абдо (Полная биография Мухаммада Абдо) / А. Мухаммад. - Каир: Дору-ш-шурук, 1993. -Т.1. –С. 128. (на араб.яз.)
5. Аккад Аббас Махмуд. Мухаммад Абдо / А. А. Махмуд. –Каир: Мактабат–ул–адаб, б.г. –С. 37. (на араб. яз).
6. Степанянц М. Т. Ислам в философской и общественной мысли зарубежного Востока (XIX-XX вв.) / М. Т. Степанянц. –С. 6.
7. Левин З.И. Андешахо ва джунбишхои навини сиёсиву иджтимои дар джахони араб=[Развитие арабской общественной мысли] / З.И. Левин; пер. Юсуфа Азизи. –Тегеран, 1378. –С. 155. (на перс. яз.)
8. [Электронный ресурс].www.marefa.org/ Абдо, Мухаммад. Ал-Акидат-ул-Мухаммадия. –С.23-24.
9. Абдо Мухаммад. Тафсир аль-Манар / А. Мухаммад. -Т. 2. –С. 276-283. (на араб. яз.)
10. Афгани С. Д. аль–Асар–ул–камила. Ал–Урват–ул–вуска (Полное произведение. Прочные узлы) / С. Д. Афгани; под. ред. Саида Хади Хусравшахи. –Каир, 2002. –С.143. (на араб.яз.)
11. Абдо Мухаммад. Тафсир аль-Манар / А. Мухаммад. -Т. 1. –С. 240-243. (на араб. яз.)
12. Рида Мухаммад Рашид. Таърих аль-устад аль-имам аш-Шайх Мухаммад Абдо / Р. М. Рашид. -2006. -Т. 1. –С.75. (на араб.яз.)
13. Мухаммад Мухит Таботабои. Саид Джамалиддин Асадабади ва бедории машриқзамин =[Саид Джамалиддин Асадабади и пробуждение Востока] / М. М. Таботабои. -Издательство выпуска исламской литературы, 1372. – С. 126. (на перс. яз.)
14. Ахмад Амин. Зуамо–ул–ислах фи–л–асри–л–хадис=[Лидеры реформаторства современной эпохи] / А. Амин. – Каир: Мактабат–ул–адаб, 2009. –С. 279. (на араб.яз.)
15. Рида Мухаммад Рашид. Таърих аль-устад аль-имам аш-Шайх Мухаммад Абдо / Р. М. Рашид. -2006. -Т. 3. – С.114. (на араб.яз.)

**САМТИ ИСЛОҲОТХОҲОНАИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ВА МАОРИФПАРВАРОНАИ МУҲАММАД АБДУҲ**

Дар мақола ҷанбаҳои иҷтимоӣ-сиёсии афкори ислоҳотхоҳонаи Муҳаммад Абдуҳ баррасӣ гардида, муаллиф дар заминаи таҳлили осори Абдуҳ хусусиятҳои андешаҳои ислоҳотхоҳонаи ӯро нишон додааст. Ҳамзамон, дар мақола таҳлили муқоисавии таъсири афкори Абдуҳ ба ислоҳотхоҳону донишмандони дигар мушоҳида мешавад.

**Калидвожаҳо:** ҷомеа, дин, ислоҳ, ахлоқ, хирад, илм, мактабу маориф.

**СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКАЯ И ПРОСВЕТИТЕЛЬСКАЯ НАПРАВЛЕННОСТЬ РЕФОРМАТОРСТВА МУХАММАДА АБДО**

В статье рассматриваются социально-политические аспекты реформаторских идей Мухаммада Абдо. Автор на основе анализа его наследия выделяет основные идеи реформатора, определяя их сущность и направленность. Также проведен сопоставительный анализ взглядов Абдо и показано его влияние на других реформаторов и мыслителей.

**Ключевые слова:** общество, религия, реформа, мораль, разум, наука, школа и образование.

**SOCIO-POLITICAL AND EDUCATIONAL ORIENTATION OF REFORMATION MUHAMMADA ABDO**

The article deals with the social and political aspects of the reformist ideas of Muhammada Abdo. The author based on an analysis of its heritage allocates the main ideas of the reformer determining its nature and orientation. Also conducted a comparative analysis of the views of Abdo and showed influence on other reformers and thinkers.

**Key words:** society, religion, reform, morals, reason, science, school and education.

**Сведения об авторе:** ***Амондуллоев Б.С.*** **-** ассистент кафедры истории философии и социальной философии Т Н У. Телефон**: 93 534 34 60 (amoni79@mail.ru)**

# ҲАМОҲАНГИИ ФАЛСАФА ВА ДИН ДАР АШЪОРИ НОСИРИ ХУСРАВ

***Шомуқим Саидиброимов***
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Носири Хусрав мутафаккир, олими аз илму дониш баҳравар ва файласуфи машҳури олам буд, ки дар мавзӯъҳои мухталифи ҳаёт тадқиқотҳову ковишҳоро анҷом додааст. Ҳамзамон файласуф барои ҳамоҳангии фалсафа ва дин саъю кӯшиши зиёдро ба харҷ дода, ба муваффақиятҳои назаррас соҳиб гардидааст. Таърих гувоҳ аст, ки Н. Хусрав дар баробари мутолиаи асарҳои динӣ ба мутолиаи асарҳои дуниявӣ, аз ҷумла тадқиқу таҳлил намудани асарҳои фалсафӣ ва илмӣ муштағил буд. Носири Хусрав ақидаи Арасатуро тарафдорӣ намуда, барои ҳамоҳангии фалсафа ва дин далелҳои зиёдро дар асарҳо пешкаши хонандагон намудааст.

Н. Хусрав дар тадқиқотҳои фалсафии хеш аз мероси олимони тавоно, файласуфону донишмандони машҳур Афлотун ва Арасту мисолҳо меорад. Маълум аст, ки Арасту яке аз шогирдони беҳтарини Афлотун буд ва ӯ низ, дар навбати худ, ба устодаш эҳтироми

беандоза дошт. Аммо гуфтан ҷоиз аст, ки ҷаҳонбинӣ ва таълимоти олимони мавсуф куллан хилофи якдигар буд. Арасту ҳанӯз ҳангоми таълим гирифтан дар Академияи устоди азиз ба идеализми ӯ норозигии худро баён мекунад. “Афлотун барои ман азиз аст, лекин ҳақиқат пеши ман азизтар аст” [3, 225].

Ин аст, ки Арасту ҳама вақт ҳақиқатро ҷустуҷӯ мекард. Арасту мавҷудияти олами моддӣ, маҷмӯи ашё ва ҳодисаҳоро медонист ва онҳоро эътироф мекард. Материя дар ҷаҳонбинии Арасту нақши бағоят муҳим дошт. Ҳамаи он чӣ ки дар табиат вуҷуд дорад, аз материя ва шакл иборат аст. Арасту бар ин ақида буд: “Бе материя на табиат буда метавонад, на ашёҳо”. Арасту материяро субстрат (ҷавҳар), яъне асоси ҳар як ашё медонист. Ашё ҳамчун моҳият - фард дар муносибат ба материя дуюм ҳисоб мешавад. Ашё, таъкид мекунад Арасту, дар натиҷаи ба материя ворид шудани шакл ба вуҷуд меояд” [3, 227].

Афлотун бошад, муборизаи байни ду равияи фалсафӣ будани таърихи фалсафаро дарк карда буд. Ӯ бар ин ақида буд, ки файласуфони гурӯҳи аввал бидуни ашё мавҷудияти ашёро қабул надоранд. Аммо аз нигоҳи гурӯҳи дигар ҷисмро ба сифати ҳастӣ эътироф надоранд ва ин мухолифатро дар байни ду гурӯҳ ба вуҷуд меорад. Ва Н. С. Саидов дар китоби хеш “Таърихи фалсафа” овардааст: “Афлотун дар мавқеи гурӯҳи дувум қарор дошт”.

Аз ҷиҳати назарияи маърифати худ Арасту дар миёни сенсуализм ва ратсионализм мекалавид. Парменид ва Афлотун донишҳои ҳиссӣ ва ақлиро бо ҳам муқобил мегузоштанд, вале Арасту хилофи ақидаи ин ду файласуф буда, донишҳои ҳиссӣ ва ақлиро бо ҳам муқобил нагузоштааст. Масалан, таносуби донишҳои ҳиссӣ ва ақлӣ баъди масоили таносуби фарду кул ва нафсу тан масъалаи сеюм ба шумор меравад, Арасту дар ҳалли онҳо оҷиз мондааст.

Бояд тазаккур дод, ки Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар бисёр мавридҳо ба ақидаҳои Арасту ва Афлотун ҳамфикр буда, дар бештар мавридҳо муқобил аст. Масалан, Ҳаким Носири Хусрав низ тарафдори ҳақиқат ва ҷустуҷӯи якумра буд ва бар он ақида буд, ки инсон бояд дар тамоми умри хеш дар ҷустуҷӯи ҳақиқат бошад ва дар ин замина Носири Хусрав тарафдори ақоиди Арасту мебошад: “Хирадманд бояд бидонад, ки вай дар ин дунё бар мисоли мусофир аст ...ва ин мусофири хирадманд ва соҳиби ақл воҷиб аст, ки ин ҳақиқати бузургро бидонад ва ҷустуҷӯ намояд [4,180].

Барои дарёфти ҳақиқат лозим аст, ки инсон ба маънои зоҳириву ботинии дину дунё ва илм хуб сарфаҳм рафта, пайваста талош намояд, ки ҳақиқатро дарёбад. Бингарем ба фалсафаи исломии асрҳои IX-XII, ки таносуби илм ва дин дар ақидаҳои мутафаккирони бузурги форсу тоҷик то кадом дараҷа мавқеи муайянро доранд. Яке аз хусусиятҳои хосси ин фалсафа иборат аст аз пайванди ақидаҳои динӣ бо фалсафа. Намояндагони намоёни ин равия: ал-Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд мебошанд, ки дар ин самт ковишҳои зиёд анҷом додаанд. Ҳар яке аз ин мутафаккирон барои пайванди ақидаҳои динӣ бо фалсафӣ асарҳои зиёд офаридаанд ва инчунин далелҳо овардаанд, то ҳамоҳангии фалсафаи Юнонро бо ақидаҳои динии ислом равшан созанд.

Сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки донишманди бузург, файласуф ва симои дурахшони адабиёти тоҷику форс Абӯалӣ ибни Синои низ, ҳақиқатро, ки дину илм тарафдори он ҳастанд, талқин мекунад ва тарафдори ростиву дурустӣ ва ҳақиқатпарастӣ мебошад. Асарҳои Сино саросар мазмуни таълимӣ, тарбиявӣ-ахлоқӣ дошта, ӯ дар офариниши асарҳои фалсафии худ зоҳирпарастӣ ва пӯшидани ҳақиқатро маҳкум мекунад. Шоир тарафдори ростӣ ва ошкорбаёнӣ буд:

*Бо ҳар хасе зи рӯйи ҳаво дӯстӣ маҷӯй,*
*Дар кӯйи мардумон зи пайи дӯстӣ мапӯй.*
*Гар боядат, ки кам нашавад обрӯи ту,*
*Фармону ихтилоти фурӯмоягон маҷӯй.*

Дар ҳамоҳангӣ бо ақидаҳои равшанфикронаи Сино, Носири Хусрав ҳамчун «Ҳуҷҷат»-и Имом Мустансири Биллоҳ ва таблиғгари кеши исмоилӣ тарафдори озодандешӣ буда, тавонист, ки таълимоти ин оинро ба тақозои замон мувофиқ кунад. Н. Хусрав пешқадам буданро талқин мекунад ва ба воситаи фалсафа ва илм пайравонро маърифатнок менамуд.

Масалан, Носири Хусрав манфиат гирифтан аз зиндагӣ ва таҷрибаи дигаронро омӯхтану паҳн намуданро ҳаётан муҳим ва мақсаднок мешуморад. Ҳаким барои расидан ба ҳақиқати дину дунё истифодаи бамавқеи ҳис, фоида гирифтан аз зиндагӣ, таҷрибаи худ ва дигаронро омӯхтан, хулосабарорӣ намуданро талқин менамояд. Бертелс овардааст, ки

Носири Хусрав ҷамъоварӣ, баён ва дифои таълимоти файласуфони исмоилияро (аҳли ботин, аҳли таъвил, аҳли таъйид) вазифаи аслии худ медонист. Чунин ковишҳо дар тадқиқоти Н. Хусрав нақши асосӣ дошта, мутафаккир онҳоро дар замони хеш тақвият мебахшад.

Яке аз пурарзиштарин китоби Носири Хусрав "Ҷомеъ-ул-ҳикматайн" мебошад. Ин асари илмӣ- фалсафӣ буда, дар он муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки фалсафаи юнонӣ ва илоҳиёти исломро бо ҳам ҳамоҳанг созад. Файласуф аз он изҳори таассуф мекунад, ки дар замони ӯ байни фалсафа ва дин ҷудоӣ афтодааст: "Ва касе намонд ба-дин сарзамин, ки ёд кардем, ки илми дини ҳақро, ки он аз натоиҷи руҳ –ул-қудус аст, бо илми офариниш, ки он аз алоиқи фалсафа аст, ҷамъ тавонист кардан, аз баҳри он ки файласуф мар ин уламолақабонро ба манзалати сутурон ангошт ва дини исломро аз ҷаҳли эшон хор гирифт. Ва ин уламолақабон мар файласуфро кофир гуфтанд, то на дини ҳақ монд бад-ин замин ва на фалсафа" [6,38].

Инчунин, Носири Хусрав сарнавишти инсониятро вобаста аз ҳафт сайёраи осмонӣ (Миррих, Муштарӣ, Зуҳро, Зуҳал, Уторид, Шамс, Қамар) ва чаҳор унсур (хок, об, ҳаво, оташ), ки ҳар як хосияти саъду наҳсияти худро доранд ва чи имрӯз, дӣ ва фардо хоҳад шуд, як тарзи пасту баландиҳои зиндагии инсонҳоро мефаҳмад. Яъне, Зуҳалу Миррих наҳс, Муштариву Зуҳро нек ва он сеи дигар андар миёнҳо:

*Чу буд олам вақте ҳама саодат буд,*
*Ва ҳар ду наҳс фурӯ наистода буд аз кор,*
*Кунун ҷаҳон ҳама наҳс асту ҳарду саъд ба ҷой,*
*Ҳамон тулӯу гурубу ҳамон масиру мадор,*
*Ва боз фардо чун дӣ бувад, чунин хабар аст,*
*Аз анбиёву ҳакимону зиммиён ҳамвор.*
*Чи чиз диву чи имрӯз, боз фардо чист ?*
*Аз ончунин зи чи рӯй, в-аз инчунин зи чӣ кор! [5,117].*

Дар истинод бар гузаштагони маънавии хеш, Носири Хусрав низоми махсуси фалсафаи каломи исмоилияро ба вуҷуд овард, ки дар он маҷмӯи ақоид дар бораи офарида будани олам асоснок гардида, таълимот дар бораи абадияти модда ва сифоти он рад мешавад. Мабдаъҳои онтологии фалсафиеро, ки ӯ ташаккул дод, комилан бар зидди асосҳои таълимоти даҳриён ва асҳоби ҳаюло буд, ки онҳо дар мавқеи эътирофи абадияти модда, ҳаракат, замон ва ҷаҳон қарор доштаанд. Ба ақидаи муаллиф дар соҳаи геносеология, ғояи асосии Носири Хусрав аз эътирофи қобили маърифат будани олам ва тамоми мавҷудот ва зарурати омӯзиши он иборат аст. Мероси насриву назмии Носири Хусрав рӯҳияи устувори антипанегирикӣ дошта, рӯшан ва ошкор мавзӯъҳои ахлоқӣ, динӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ватандӯстиро инъикос мекунад.

Носири Хусрав на танҳо ҳамчун ҳакиму файласуф, балки ҳамчун шоир дар миёни халқи форсу тоҷик мақоми хос дорад. Ашъори ӯ ба мавзӯъҳои панду ахлоқ, илму дин, инсоният, зебогии табиат, этика эстетика ва мақоми инсон дар ҷомеа бахшида шудааст. Қисми дигари ашъор, бештар хусусияти рӯҳонӣ дошта, ба ситоиши пайғамбарон ва имомон бахшида шудааст. Ниҳоят қисмати савуми ашъори мутафаккир ба мавзӯи ватандӯстӣ ва диёри азиз бахшида шудааст. Такяи асосии Носири Хурав бар Қуръони карим ва ҳадиси Ҳазрати Паёмбар(с) буд ва ӯ дар тасвири ахлоқи ҳамидаи инсонӣ бар ин каломи Худовандӣ такя намудааст. Дар бораи он, ки дар ашъори худ мутафаккир ба навиштаҳои муқаддас ва ҳадиси Ҳазрати Расул(с) такя карда, аз онҳо васеъ истифода бурдааст, худи Носири Хусрав дар «Девони ашъор»-аш ишораҳои зиёде кардааст:

*Гузинам «Қуръон» асту дини Муҳаммад,*
*Ҳамин буд азеро гузини Муҳаммад.*
*Яқинам, ки гар ҳар ду онро биварзам,*
*Яқинам шавад чун яқини Муҳаммад [5,129].*

Чунин абёт Дар «Девони ашъор»-и Носири Хусрав фаровон ба назар мерасанд.

Хулоса, дар ин бахш бархӯрди Носири Хусрав аз мафоҳим ва мавзӯъҳои илм ва ақл, ахлоқ, шаҳрвандӣ, ҷомеа ва парваришу омӯзиш мавриди баҳс қарор гирифтанд ва ба таваҷҷуҳи хонанда тақдим шуданд. Аз мундариҷаи мақолоти дар боло овардашуда хулоса баровардан мумкин аст, ки Носири Хусрав тавонистааст дарк намояд, ки ҷомеаҳоеро, ки ифодакунандаи ормони ӯ ва мутафаккирони он асрҳо буданд, танҳо дар гуногунрангии фарҳангии халқҳои гуногун бунёд кардан мумкин аст. Аз ҷониби дигар, ин ва ҷанбаҳои дигари масоили иҷтимоӣ ва ахлоқии инсон, ки дар таҳқиқоти дар боло овардашуда зикр

шудаанд, аҳамияти омӯзиш ва таҳаққуқи ғояҳои таълимоти Носири Хусравро дар ҳаёти воқеӣ муайян мекунанд.

**АДАБИЁТ**

1. Амир Ҷ. Нақши ориёиҳо дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ (хулосаи мақола ва гузоришҳои конференсия) / Ҷ. Амир, М. Холов. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2006. - 134 с.
2. **Му**ҳаммад Рашод. Фалсафа аз оғози таърих / **М.** Рашод. -Душанде: Ирфон, 1990. - 478 с.
3. Саидов Н.С. Таърихи фалсафа / Н.С. Саидов. - Душанбе: Собириён, 2011. –С. 227.
4. Носири Хусрав. Зод-ул-мусофирин / Н. Хусрав. –Лондон, 1341 ҳ.
5. Носири Хусрав. Куллиёт / Н. Хусрав; таҳияи А. Девонақулов, С. Раҳимзода, М. Бақоева, А. Шоҳхуморов, Л. Саломатшоева, Э. Басир. Дар 2 ҷилд. – Душане: Ирфон, 1991. - 636 с.
6. Карамхудоев Ш.Х. Фалсафа / Ш.Х. Карамхудоев. –Душанбе, 2013. -С.38.

**ҲАМОҲАНГИИ ФАЛСАФА ВА ДИН ДАР АШЪОРИ НОСИРИ ХУСРАВ**

Яке аз пурарзиштарин китоби Носири Хусрав “Ҷомеъ-ул-ҳикматайн” мебошад. “Ҷомеъ-ул-ҳикматайн” асари илмӣ- фалсафӣ буда, дар он муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст , ки фалсафаи юнонӣ ва илоҳиёти исломро бо ҳам ҳамоҳанг созад. Файласуф аз он изҳори таассуф мекунад, ки дар замони ӯ байни фалсафа ва дин ҷудоӣ афтодааст.

**Калидвожаҳо:** илм, фалсафа, ислом дин, ҳақиқат, Носири Хусрав, ашъори Носири Хусрав, фалсафаи юнонӣ, илоҳиёти ислом, фалсафа ва дин.

**СОЗВУЧИЕ ФИЛОСОФИИ И РЕЛИГИИ В НАСЛЕДИИ НОСИРА ХУСРАВА**

Одним из наиболее ценных книг Носира Хусрава, считается «Джоме-ул-хикматайн». Это научно-философская работа Носира Хусрава, где он пытается интегрировать греческую философию и исламскую теологию. Носир Хусрав сожалеет о том, что в его время было разделение между философией и религией.

**Ключевые слова:** наука, философия, ислам, религия, правая вера, Носир Хусрав, наследие Носира Хусрава, греческая философия, исламская теология.

**CONSTELLATION OF PHILOSOPHY AND RELIGION IN NOSIR HUSRAV'S HERITAGE**

One of the most valuable books of Nosir Khusrava is considered to be "Jome-ul-hikmatayn". This is the scientific and philosophical work of Nosir Khusraw, where he tries to integrate Greek philosophy and Islamic theology. Nosir Khusraw regrets that in his time there was a separation between philosophy and religion.

**Key words:** science, philosophy, Islam, religion, right faith, Nosir Khusrav, Nosir Khusraw's legacy, Greek philosophy, Islamic theology.

**Сведения об авторе:** ***Саидиброимов Ш.*** -аспирант Таджикского государственного института языков им.Сотима Улугзода. Телефон**: 93-700-05-80**

## ТАЪЛИМОТИ АХЛОҚИИ ИБНИ БОҶА

***Назаров С.Т.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ибни Боҷа ҳамчун мутафаккир ва гуманисти бузурги замонаш ба масъалаҳои ахлоқӣ таваҷҷуҳи махсус дошт. Ӯ фалсафаи ахлоқии Арастуро пайравӣ мекард, бинобар ин таълимоти ахлоқии ӯ хусусияти муроқибавӣ дошта, ба ақл ва ақлгароӣ асос ёфтааст. Дар асари ахлоқии ӯ, ки «Тадбир ул-мутаввахид» («Дастур ба зоҳидон») ном дорад, манзараи камолоти ахлоқии фард, ки туфайли ба ақли фаъол пайвастани ақли инсон ва хушбахт гардидани ӯ фаро мерасад, таҷассум гардидааст [1, 45]. Асари дигари худ «Рафтори зоҳид»-ро бошад, Ибни Боҷа ба масоиле бахшидааст, ки тавассути ҳалли онҳо зоҳид саодати кулл ба даст меорад. Туфайли ин иттиҳод ва таҷаллии ақли фаъол, инсон ҳақиқати комили ашёро дар меёбад, ҳарчанд донистани онҳо одатан барои ақл гаронӣ меорад. Неруи бихрадона, дарки дуруст ва дарёфти накукорӣ на хаёли ботил, ҳаракат ва андешаварзии бемаънии чанд сӯфӣ, роҳест ба сӯйи саодат. Барои ҳамин ҳам чунонки файласуф қайд мекунад: «Ҳадафи охирини зоҳид ба туфайли донишҳои назариявӣ саодатманд шудан аст» [1, 45].

Вале, тавре, ки Ибни Боҷа қайд мекунад, дониши ақлӣ бояд ба мақсадҳои нек. некукорӣ ва тарбия намудани хислатҳои хуб нигаронида шуда бошад [1, 45]. Аз ин *лиҳоз,* инсон бояд худро бо зевари некукорӣ оро бидиҳад, «вақте рӯҳи аклонӣ (ин ҷо ҳадаф ақли назарист) чизеро дархост, рӯҳи ҳайвонӣ монеи ин нахоҳад шуд» [1, 45].

Ибни Боҷа ҳаракатҳои инсонӣ ва тартиби онҳоро бар асоси сабабҳои барангезандаашон пайиҳам таҳлил кардааст. Ҳамин тавр, он чи аз рӯйи хоҳиши дил ба амал меояд, нияти касеро мемонад, ки мехоҳад танҳо амал содир кунад. Ва он чи ки бо андеша сурат мегирифт, амалест, ки барои дарёфти ҳақиқат сурат гирифта ва ин аст амали дақиқ [1, 45]. Рӯҳе, ки ҳавас фарояш гирифтааст, дар талаби ҳамешагист ва ин ҳавас лаззатро монад ва набудани он ноумедию аламро. Касеро, ки амал чунин бошад, ҳайвонвор рафтор мекунад. Ва касоне, ки амалашон ҳосили андеша аст, он чи содир мекунанд, ки шоистаи инсонӣ хоҳад буд. Агар амали содиршуда ба шарофати фаровонӣ устувор бошад, он гоҳ фарҷомаш пешакӣ муайян аст. Ва фарҷом вобаста ба хислати

одамон гуногун мешавад. Мисли ин ки баъзе барои пойафзолдӯзӣ ва бархе дигар барои сайри ҳунарҳо зода мешаванд. Ҳамин тавр, одамон бо касбҳои гуногуни худ маҳсули зарурие барои ҷамъият тайёр мекунанд ва бо ин вазифаи иҷтимоии худро иҷро менамоянд [2, 167].

Ин ҷо бояд қайд кард, ки Ибни Боҷа чун мутафаккирони пешгузаштааш, инсонро табиатан иҷтимоӣ дониста, муттаҳидӣ ва робитаҳои иқтисодию маънавӣ доштани онҳоро нишон додааст. Инсон фақат дар робитаи байниҳамдигарӣ талаботашро қонеъ гардонида метавонад. Касбу кори мухталиф пайдо кардани мардум ҳам маҳз ба ҳамин талабот вобаста аст. Ва фарҷоми кори онҳо барои ҳама якранг аст. Аз ин ҷо фарҷоми инсонӣ асосист [2, 167].

Баъзеҳо табиатан ба соҳаи пасти фаъолият қобилият доранд, дигарон бошанд, соҳиби қобилияти баландтаранд. Онҳое, ки дар соҳае истеъдод доранд, аз рӯйи каму зиёд такомул ёфтани истеъдодашон аз якдигар фарқ мекунанд. Одамони табиатан яхела низ вобаста ба мақоми дар анҷоми корҳо доштаашон аз ҳамдигар тафриқа доранд. Онҳое, ки маълумоти яхела доранд, низ аз ҳамдигар бо қобилияту идрокашон фарқ мекунанд. Касе, ки бо қобилияти беназири идрок дар ягон соҳа афзалият дорад, барои касе аз ин қобилият бенасиб роҳбар мешавад. Лекин фарҷоми ҳамаи корҳо, тавре ки ибни Боҷа тасаввур мекунад, тобеи мақсади ягона аст. Роҳбарон аз рӯйи таълими гирифтаашон ва дараҷаи омодагиашон аз якдигар фарқ мекунанд. Касе раҳбари дигаре мешавад, ки ӯро таълим дода метавонад. Ва баръакс, шахсе, ки дар ягон соҳаи илм маълумоти хубу дониши мукаммал нагирифтааст муҳтоҷи шахси донишманд мешавад. Касе, ки дар ягон навъи дониш истеъдоди табиӣ дорад ва бар замми ин таълими хуби ҳаматарафа гирифтааст, ба касе, ки таълим нагирифтааст ё маълумоташ мукаммал нест, роҳбарӣ хоҳад кард.

Ибни Боҷа муътадиқ аст, ки такмили маънавин инсон воситаи инкишофи ҳаматарафаи давлат мебошад. Дар ҷамъияте, ки сокинонаш дорои камолоти маънавианд, адовату хусумат нест ва ба адл ҳам зарурат намемонад, зеро онҳо аз рӯйи принсипи муҳаббати тарафайн зиндагӣ мекунанд. Файласуф қайд мекунад, ки сокинони мадинаи фозила байни ҳамдигар баробаранд ва аз ягон ҷиҳат байни худ фарқ намекунанд. Садоқату муҳаббати онҳо нисбат ба якдигар ниҳоят устувор аст. Агар дар ягон ҷузъи шаҳр, манзил, деҳа муҳаббат нест шавад, дар байни сокинони он хусумат пайдо мешавад. Ва ин хусумат фақат дар натиҷаи барқарор гардидани муҳаббат бартараф мешавад. Сокинони шаҳри фозила ҳама хушфеълу накукирдоранд, ки хусусияти ин шаҳр ҳамин тавр аст. Аҳли он шаҳр ғизоҳои зарарнокро намехӯранд. Аз ин ҷиҳат онҳо ба донистани доруҳо эҳтиёҷ надоранд. Ҳар гоҳ ки онҳо аз варзиш даст кашанд, ҳатман амрози зиёд дар ҷисмашон пайдо мешавад. Бисёре аз беморон ҷароҳаташонро худашон муолиҷа мекунанд. Дар «Мадинаи фозила» табиб ва довар нест. Агар сокинони мадина аз хусусиятҳои хуби худ, фазилат, сидқу сафо, муҳаббату эҳтироми тарафайн ҳар қадар дур гарданд, ҳамон қадар ба табибу қозӣ эҳтиёҷманд мегарданд [2, 167].

Ҳамаи афкори одамон дар ин шаҳр солим буда, фикри дурӯғу нодуруст ҷо надорад. Ибни Боҷа чун Форобӣ ба мадинаи фозилу комил шаҳриёни гумроҳшударо муқобил мегузорад. Сокинони ин шаҳрҳо фақат дар бораи лаззатҳои шахсии худ фикр мекунанд, хурсандӣ ва хушвақтиҳои сабукро дӯст медоранд. Файласуф қайд мекунад, ки «Ҳар фикре, ки аз ғайри мадинаи фозила мебарояд, дурӯғ аст, ҳар амале, ки акси амали маъмулии мадинаи фозила аст, хатост» [3, 153].

Сокинони ин мадинаҳои ғайрифозил барои ба мақсади худ расидан дурӯғу фиребро истифода бурда, ба саодате, ки тарзи худашон мефаҳманд, кӯшиш мекунанд. Онҳо чунин корҳое мекунанд ва ақидаҳоеро қабул мекунанд, ки барои саодати ҳақиқӣ расидан имконият намедиҳанд. Ибни Боҷа кайд мекунад, ки чунин одамоне, ки аз заифии ақл ба фарқ кардани чизе қудрат надоранд, ба сохтакорӣ роҳ медиҳанд. Ва ҷое, ки фаҳмиданаш ба онҳо мушкил аст, воқиф мемонанд. Барои ҳамин ҳам онҳо ба саодати ҳақиқӣ соҳиб шуда наметавонанд [3, 153].

Ибни Боҷа чун Форобию Ибни Сино бар хилофи Афлотуну навафлотуниён, ки саодати ҳақиқиро фақат пас аз ҷовидонии нафс мумкин медонистанд, зид баромада, қайд мекунанд, ки саодат дар ҳамин дунё ҳам вуҷуд дорад. Ӯ саодати реалии ин дунё гуфта, ҷустану барпо намудани дӯстиро дар назар дорад.

Муҳимтарин омиле, ки инсонро ба саодати ҳақиқӣ мерасонад, ин дӯстӣ, муҳаббати тарафайни одамон мебошад. Касе, ки дӯстиро, муҳаббатро эътироф мекунад, вай соҳиби дӯст ва саодатманд аст. Дар ҷое ки муҳаббат аст, иззату эҳтиром, адлу инсоф, ғамхорӣ ҳам вуҷуд дорад. Дар муҳаббат ӯ моҳият ва мақсади ҳаёти одамонро мебинад, инкишофи ҷамъият ва ахлоқ, ба фикри ӯ, муҳаббат мебошад.

Лекин бояд кайд кард, ки андешаи Ибни Боҷа оид ба муҳаббат маҳдуд аст, чунки ӯ сабаби нобаробарии гурӯҳҳои мухталифи ҷамъиятӣ ва тафовути қатъии тарзи зиндагии онҳоро ошкор карда натавониста, халқҳоро ба муҳаббату дӯстӣ даъват мекунад, ки ин аз як тараф, ба гуманистбудани ӯ шаҳодат диҳад, аз тарафи дигар, ҷаҳонбинии танги ӯро баръало маълум мегардонад.

Дар ин ҷо ҷоиз аст қайд кунем, ки Ф. Энгелс дар осораш «Людвиг Фейербах ва хотимаи фалсафаи классикии немис» чунин навишта буд: «Муҳаббатро Фейербах, дар

ҳама ҷо мӯъҷизакоре медонад, ки ин муъҷизакор бояд аз ҳамаи душвориҳои ҳаёти амалӣ наҷот диҳад, ин ҳам бошад дар ҷамъияте, ки ба синфҳои манфиатҳояшон тамоман зидди ҳамдигар тақсим шудааст. Ба ҳамин тариқ, аз фалсафаи Фейербах охирин боқимондаҳои характери ҷаҳишнокии он нест шуда меравад ва фақат: якдигарро дӯст доред гуфтани ашӯлаи кӯҳна боқӣ мемонад» [2, 109]. Ахлоқ, барои ҳамаи замонҳо, барои ҳамаи халқҳо, барои ҳамаи ҳолатҳо ба вуҷуд оварда шудааст ва маҳз барои ҳамин дар ягон ҷо ва ҳеҷ вақт татбиқ шуда наметавонад». Ин фикри Ф. Энгелсро ба ақидаҳои Ибни Боҷа ки аз Фейербах ҳафт аср пештар, дар давраи хеле паст будани дараҷаи инкишофи қувваҳои истеҳсолӣ зиндагӣ мекард, пурра татбиқ кардан мумкин аст.

Барои ҳамин ҳам, маҳз натиҷаи нафаҳмидани моҳияти синфии ахлоқ, файласуф дар бораи муҳаббат ва одаму одамгарӣ ба таври хаёлӣ сухан меронад.

Лекин дар шароити асрҳои миёнаи феодалӣ барои ҳама новобаста аз мазҳаб, нажод ва миллаташон нигоҳ накарда, ба дӯстӣ даъват намудани файласуф фақат орзуи нек буду халос. Ибни Боҷа ҳамчун гуманист бар зидди ҷабру зулм эътироз баён карда, дар ҳаққи меҳнаткашон некӣ ва ғамхорӣ карданро талаб менамуд. Ба фикри вай адолату раиятпарварӣ вазифаи аввалини ҳокимон мебошад. Барои он ки дар мамлакат сулҳу амонӣ ҳукмфармо гардад, ҳаёти маданӣ-маишии одамон хуб бошад, бояд дар атрофи ҳоким донишмандон ва кормандони ботамкин гирд омада бошанд. Дар замони зиндагии Ибни Боҷа, дар натиҷаи ҷангҳои ғоратгаронаи байни ҳокимон аҳволи халқ хеле ба танг омада буд. Дар тамоми кишвар беадолатӣ, бераҳмӣ ва хараҷу мараҷ боло гирифта буд. Аз ин ҷост, ки Ибни Боҷа, ки худ шоҳиди ҷабру зулми амалдорон буд, ба хулосае омада, таъкид менамояд, ки раият асоси ҳукумат мебошад ва барои он, ки ҷамъият, мамлакат инкишоф ёбад, аҳволи раиятро хуб кардан лозим аст.

Ин андешаҳои файласуф дар шароити феодализми асримиёнагӣ ҷомаи амал пӯшида натавонист, лекин ба росткорию адолат ва раъиятпарварӣ даъват намудани мутафаккир аз гуманистии ӯ шаҳодат медиҳад.

Ибни Боҷа дар «Тадбир-ул-мутаваҳҳид» («Дастур ба зоҳидон») дар хусуси некию бадӣ изҳори андеша намуда, дар некӣ таҷассуми ҳаёт ва дар бадӣ нишони адамро мебинад. Дар адам ақли инсонӣ танҳо як бор арзи вуҷуд мекунад, зеро ин ҷо барои мавҷудияти ин монеае нест. Ақл ба ҳастии абадӣ бидуни таҳриб даст меёбад. Ҳам некӣ ҳам бадӣ аз ақл бармеояд. Бадиро ӯ некии тасодуфӣ меномад. Бартарии бадӣ ба андоза бузург бошад, асари он ба дараҷаи нестӣ хоҳад буд. Некию бадӣ аз ҳаракату фаъолияти инсон бармеояд. Вақте ки инсон дар бораи саодат фикр мекунад, дар ӯ хоҳиши пурзӯри бо ёрии қувваи амалӣ дарккунанда ба даст овардани он ҳосил мешавад. Сипас, он амалиётеро, ки ногузирии иҷрои он пухта мерасонад, онро бо роҳи хоҳишмандӣ анҷом медиҳад. Қувваи нексириштона қувваи фаҳмро ёрӣ медиҳад, то ки инсон саргарми амалиёте гардад, ки вайро сӯйи саодат раҳнамун созад. Некӣ ва бадие, ки аз ирода пайдо мешавад, фақат ҳамин тавр ба вуҷуд меояд.

Ибни Боҷа мисли Форобӣ ҳамон некиро лоиқи таҳсин ме**донад,** ки он ба манфиати умум нигаронида шуда бошад. Агар хилофи ин бошад, бадист. Мутафаккир, қайд мекунад, ки чи неку чи бад аз ҷараёни зиндагӣ пайдо мешаванд.

Ба ақидаи Ибни Боҷа инсон мавҷудоти аз ҳама олӣ мебошад, вай ки шарафи одамро гирифтааст, бояд фақат адолату некиро парварад ва бо ҳамин номи некашро дар хотири насли оянда боқӣ монад. Ибни Боҷа бо ин ақидаҳояш (некӣ ва бадӣ), пеш аз ҳама, ба адён, ашрофони феодалӣ, ҳокимон, ки меҳнаткашони шаҳру ашрофони феодалӣ, ҳокимон бошанд, меҳнаткашони деҳотро бераҳмона ғорат мекарданд, муроҷиат мекунад. Ҳамчун гуманисти бузурги замонааш мутафаккир ҳамаи он чизеро, ки бар зидди камбағалон, бечорагон, бенавоён равона карда шуда буд, бадӣ ҳисоб мекунад. Ва баръакс, ҳамаи он чизе ки ба ҳавасмандии одамон ба манфиати халқ равона карда шудааст, онро некӣ ҳисоб мекунад. Бинобар ин, ба қавли ӯ инсонро аз хурдсолӣ дар роҳи некукориву адолатпарварӣ тарбия кардан лозим аст.

Бояд қайд кард, ки Ибни Боҷа ниёзмандии инсониро натуралистона шарҳ дода, онро ба сатҳи тараққиёти истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва муносибатҳои истеҳсолӣ вобаста намекард. Ба вай маълум набуд, ки андозаи ба ном эҳтиёҷоти зарурӣ тарзҳои қонеъ гардидани он амали номуваффақонаи талабот бар истеҳсолот мебошад.

Хулоса, бар хилофи ақидаҳои сӯфиёна ва махсуси ақидаҳои пантеистии Муҳаммад Ғаззолӣ, Ибни Боҷа фалсафаи ахлоқӣ ва иҷтимоиро офарид, ки дар он илму дониш ва маърифати инсонӣ авлавият дошт.

**АДАБИЁТ**


1. Ибни Боҷа. Тадбир-ул-мутаваххид / Ибни Боҷа. - Бейрут. – 1956. -С.45.
2. Энсиклопедияи форсӣ иборат аз 10 ҷилд. –Ҷ. 3. –Теҳрон, 1983. -С. 167.
3. Григорян С. Н. Средневековая философия народов Ближнего и Среднего Востока / С. Н. Григорян. -М., 1966. -С. 153-184.
4. Игнатенко А.А. Ибн-Баджа: Добродетельный одиночка в порочном городе / А.А. Игнатенко //В поисках счастья: (Общественно-политические воззрения арабо-исламских философов средневековья). -М.: Мысль, 1989. -С. 97-98.

5. Кирабаев Н.С. Добродетельный город Ибн Баджжи / Н.С. Кирабаев // V Российский философский конгресс «Наука. Философия. Общество» Материалы. Том II. - Новосибирск, 2009. -С.59

**ТАЪЛИМОТИ АХЛОҚИИ ИБНИ БОҶА**

Дар мақолаи мазкур таълимоти ахлоқии мутафаккир ва файласуфи бузурги Шарқи исломӣ дар такя ба осори бою ғании мутафаккир таҳлилу баррасӣ гаштааст. Бояд қайд кард, ки таълимоти ахлоқии Ибни Боҷа дар осори фалсафии мутафаккир мақоми намоёнро ишғол намуда, ба файласуфони баъдинаи Шарқу Ғарб таъсири муассир расонидааст.

**Калидвожаҳо:** ахлоқ, Ибни Боҷа, башардӯстӣ, дӯстӣ, рафоқат, Якдигарфаҳмӣ, Муттаҳидӣ, Табиати иҷтимоӣ, Адолат, яаиятпарварӣ.

**ЭТИЧЕСКИЕ ВОЗЗРЕНИЯ ИБН БОДЖА**

В данной статье анализируются нравственные учения великого средневекового мыслетеля Ибн Боджа. Ибн Боджа подчеркивает, что человек является высшим мыслящим существом и его образование является основным фактором роста его социального статуса.

**Ключевые слова:** Ибн Боджа, этика, гуманизм, дружба, любовь, взаимопонимание, единство, социальная натура, справедливость, человекалюбие.

**ETHICAL VIEWS OF IBN BOJA**

The article analyzes the moral teachings of the great medieval thinker Ibn Boggio. Ibn Boja emphasizes that man is the highest being thinker and his education is the main factor in the growing of his social status.

**Key words**: Ibn Boja, ethics, humanism, friendship, love, understanding, Unity, social nature, Justice, humanity.

**Сведения об авторе*: Назаров С.Т.*** - ассистент кафедры онтологии и теории познания философского факультета Таджикского национального университета. Телефон:**93.596.06.08.** E-mail:**sadullo2688@mail.ru**

# ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ МЕСТНОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ И ОБЩЕСТВЕННЫХ ИНСТИТУТОВ В СЕЛЬСКИХ ПОСЕЛЕНИЯХ НАЦИОНАЛЬНЫХ РЕСПУБЛИК

***Татарова С.П., Затеева Н.А.***
**Восточно-Сибирский государственный институт культуры, Россия**

Решение многих вопросов жизнедеятельности сельских поселений, удовлетворение интересов и потребностей населения муниципальных образований во многом может быть обеспечено благодаря эффективной организации самостоятельной деятельности населения по решению социально-экономических и других вопросов хозяйствования через местные органы самоуправления. На сегодняшний день местное самоуправление является одним из важнейших институтов общества, представляющий собой особую форму самоорганизации граждан, способствующий децентрализации системы управления, обеспечивающий тем самым более благоприятные условия для защиты интересов населения. Благодаря деятельности органов местного самоуправления реализуется организация и практическое исполнение власти на местах, и, что наиболее весомо, в условиях значимости развития гражданского общества важным становится обеспечение возможности гражданам самостоятельно решать вопросы жизнеобеспечения своих поселений.

Адекватное и эффективное самоуправление требует наличия определенных условий: правовых, территориальных, организационных, финансово-экономических, составляющих основы местного самоуправления. Кроме того, местные органы должны создавать благоприятные условия для реализации хозяйственных связей, а также обеспечивать необходимые предпосылки для удовлетворения многообразных, меняющихся личных и коллективных потребностей населения, полной реализации способностей каждого члена поселения. В круг вопросов, решаемых органами местного самоуправления, могут входить: организация и совершенствование социального, коммунального, бытового, культурного обслуживания граждан, обустройство, наиболее полное использование инфраструктуры и поддержание санитарного и экологического состояния территории, рачительное использование ее природных ресурсов, а также грамотное распоряжение движимой и недвижимой собственностью муниципального образования и т.д.

Осуществление прав населения на местное самоуправление, на управление муниципальным хозяйством, возможно как непосредственно (путем референдума, схода, собрания, конференции, опросов и правотворческой инициативы граждан, выборов депутатов, должностных лиц и членов выборного органа местного самоуправления, реализации гражданской инициативы, голосования по различным вопросам деятельности депутатов, должностных лиц и членов выборных органов местного самоуправления муниципального образования), так и посредством создания местным сообществом органов территориального самоуправления и личного участия граждан в них [3].

Авторами публикации были подготовлены и проведены социологические исследования в двух национальных республиках – Республике Тува (РТ) и Республике Бурятия (РБ). Для исследований был подготовлен авторский инструментарий, позволяющий получить наиболее полную информацию по исследуемому вопросу. Анкетирование в республиках проводилось в

Дар замони муосир интернет нақши худро дар ҳаёти мо устуворона гузошта, таҳсилотро бе он тасаввур кардан номумкин аст. Аксарияти одамони ҳозира интернет ва компютерро дар ҳаёту таҳсилоти худ ҳамарӯза истифода мебаранд. Аз сабаби бо суръати тез тағйирёбии иттилоот дар ҷомеаи муосир, барои мутахассисон лозим аст, ки тамоми ҳаёт дар ҷараёни омӯзиш бошанд. Дар асри пеш омӯзиши якбораву ҳамешагӣ имкон буд ва ин захираи маълумот барои як умр хизмат мекард. Имрӯзҳо ғояи "омӯзиши якумра" ба зарурати пайдошавии методҳои нави омӯзонидани дониш ва технологияи таълим расонидааст.

Таҳсилоти фосилавӣ – ин низоми демократии сода ва системаи омӯзиши озодона мебошад. Ин система бори аввал дар Британияи Кабир ҷорӣ шуда, ҳоло аз ҷониби мардуми Аврупо барои гирифтани маълумоти иловагӣ фаъолона истифода мешавад. Дар Тоҷикистон санаи расмии рушди таҳсилоти фосилавӣ баъди фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи стратегияи давлатии "Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон", дурнамои давлатии "Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007 №530 "Дар бораи консепсияи системаи иттилоотии идоракунии маориф" [3].

Дар соҳаи назария ва амалияи таҳсилоти фосилавӣ бисёр олимону мутахассисон кор карда истодаанд, ки ҳар яки онҳо бораи таблиғоти ташкили тадқиқоти илмӣ ва ба таҷрибаи педагогика ҷорӣ намудани ғояи таҳсилоти фосилавӣ саҳми назарраси худро гузоштаанд. Аз байни онҳо метавон Ю.Н. Афанасев, А.А.Ахаян, А.М.Бурлаков, А.В.Барабаншиков, Д.А.Богданова, В.В.Вержбитский, Т.П. Воронина, Я.А.Ваграменко, Ю.Н.Демин, В.В.Дик, Ж.Н.Зайсева, В.П. Кашитсин, Ю.Г. Круглов, М.П. Карпенко, В.Г.Кинелев, С.Л.Лобачев, В.И. Овсянников, В.П. Тихомиров, А.Д. Иванников, В.А. Каймин, Д.Э. Колосов, В.П., Ю.Н.Попов, И.В.Роберт, Ю.Б.Рубин, А.Я.Савелев, М.И.Нежурина, С.А.Щенников, А.А. Федосеев, А.В. Хуторской ва дигарон ном бурд. Саҳми олимони тоҷик Ф.Шарифзода, И. Каримова, С. Сулаймонӣ, Ҷ. Булбулов ва дигарон низ дар ин соҳа назаррас аст, ки мақолаҳо ва тадқиқотҳои илмиро ба ин самт бахшидаанд.

Дар "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020" қайдҳои зерин оиди омӯзиши фосилавии кадрҳои педагогӣ оварда шудааст: "То соли 2020 низоми такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ ва роҳбарикунанда дорои хусусиятҳои зерин мегардад:

- низоми тақсимшудаи такмили ихтисос, ки аз ташкилотҳои низоми таҳсилоти иловагии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, иборат буда, дар заминаи

онҳо, инчунин дигар ташкилотҳо, аз ҷумла ташкилотҳои ғайридавлатӣ, барномаҳои такмили ихтисос амалӣ карда мешаванд. Дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ ба воситаи шабакаи Интернет дастрасии доимӣ ба маводи методӣ барои муаллимон ва манбаъҳои электронии таҳсилотӣ барои инкишофи касбӣ ташкил карда мешавад. Барномаи такмили ихтисос дар асоси муносибати модули салоҳиятнокӣ таҳия мегардад. Низоми қарзию модули такмили ихтисоси ҷавобгӯи талаботи минтақаҳо ва муассисаҳои таълимӣ ва баланд бароварандаи самараи истифодаи маблағҳои буҷетӣ ҷорӣ карда мешавад, ки барои барномаҳои таълимиро интихоб кардани омӯзгорон шароит фароҳам меорад;

- такмили ихтисос бо расмиёти аттестатсияи кормандони педагогӣ вобаста карда мешавад ва бо мақсади қонеъ гардонидани талабот нисбати таъминоти воситаҳои педагогӣ бо технологияҳои нави таҳсилотӣ ва ҳалли масъалаҳои рушди маориф мунтазам, на камтар аз як маротиба дар се сол гузаронида мешавад;

- барномаҳои такмили ихтисос аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва усулҳои фосилавӣ истифода бурда метавонанд. Тайёрии кадрҳо барои мактабҳои касбӣ дар корхонаҳои пешқадами ҷумҳурӣ ва донишгоҳҳои хориҷӣ гузаронида мешавад” [7].

Таҳсилоти фосилавӣ ин технологияи омӯзиш бо истифодабарӣ аз воситаҳои иттилооти ва телекоммуникатсионӣ бо мавҷудияти ҳамкориҳои мукаммал ва номукаммали байни хонанда ва муаллим.

Таҳсилоти фосилавӣ – маҷмӯи технологияҳои, таъмини дастраскунии маводи таълимии асосӣ барои донишомӯзон, муоширати интерактивии омӯзанда ва омӯзгор дар раванди таълим, таъминкунии имконияти кори мустақилона барои донишомӯз ҳангоми азхудкунии маводи таълимӣ ва инчунин дар раванди таълим.

Омӯзиши фосилавии анъанавӣ дар назар дорад, ки омӯзанда маводи таълимӣ (чопшуда ё электронӣ) – ро ба даст оварда, онҳоро мустақилона дар макони ба ӯ қулай аз худ мекунад. Дар таҳсилоти фосилавӣ донишомӯз бо муаллим тавассути почтаи электронӣ ё скайп онлайн муошират мекунад, саволҳо медиҳад, дар бораи вазифаи нофаҳмо машварат гирад, вазифаро ирсол мекунад ва муаллим барои донишомӯз баҳо мемонад.

Иҷроиши таҳсилоти фосилавӣ ба воситаи компютер дар шабакаи интернет ва почтаи электронӣ, машғулиятҳои зеринро дар бар мегирад:

Машғулиятҳои паёмнависии фаврӣ (чат) - ин машғулияти омӯзишиест, ки бо технологияҳои паёмнависии фаврӣ амалӣ мешавад. Машғулиятҳои паёмнависии фаврӣ яквақта баргузор мешаванд, яъне ҳамаи иштирокчиён ҳамзамон дастрасӣ ба паёмнависии фаврӣ доранд. Дар бисёр муассисаҳои таълимии фосилавӣ паёмнависии фаврӣ дар мактаб ва ба воситаи идораи паёмнависии фаврӣ фаъолияти фосилавии педагог ва донишомӯз ташкил мешавад.

Машғулияти веб – дарсҳои фосилавӣ, конференсияҳо, семинарҳо, бозиҳои расмӣ, корҳои лабораторӣ, таҷрибаҳо ва дигар машғулиятҳои таълимиро, дар бар мегирад.

Телеконференсияҳо, чун қоида, дар асоси рӯйхати расонаҳо бо истифодаи почтаи электронӣ баргузор мегарданд. Барои ташкили телеконференсияҳои омӯзишӣ ҳадафи махсуси таълими лозим аст. Инчунин форумҳои таҳсилоти фосилавӣ мавҷуданд, ки тавассути почта ба минтақаҳо фиристода мешаванд. Дар асри XXI дастрасии компютер ва интернет омӯзиши фосилавиро боз ҳам осонтару тезтар паҳн мекунад. Паҳншавии интернет имконияти истифодабарии онлайнсеменарҳоро (вебинар) барои омӯзиш фароҳам овард. Дар замони муосир бештари мардум омӯзиши фосилавиро беҳтар мешуморанд. Вазорати маориф ҳам аз ин дастовардҳои ҷаҳони баъзе таҷрибаҳоро амалӣ карда истодааст, яъне барои сари вақт дастрас намудани тамоми маълумоти соҳа тариқи сервери FTP (манбаи ягонаи электронӣ) тамоми маълумоти соҳаи маорифро (қарорҳои мушовараю маҷлисҳои назоратӣ, фармонҳо, мактубҳо, консепсияҳо, барномаҳо ва дастурамалҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) тавассути барномаи The Bat maorif.tj ворид намудааст, ки муассисаҳои таълимӣ, раёсат шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ва ҳар фард метавонанд аз он истифода намоянд [4].

Яке аз мушкилотҳое, ки кормандони соҳаи маориф дар шароити кӯҳистон бо он рӯ ба рӯ мешаванд, ин дурии масофаи байни мактабҳои деҳот ва шуъбаҳои маорифу донишкадаҳои такмили ихтисос мебошад. Мушовирон имконияти мунтазам расонидани кумаки методӣ ба омӯзгорон ва мушовирони шуъбаҳои маорифро надоранд. Аз ин лиҳоз ҳалли ин мушкилот ва пурсамартар ба роҳ мондани кӯмаки методӣ, таъмини ҳамкорию алоқаи доимии донишкада бо кабинетҳои методии шуъбаҳои маориф, маъмурияти муассисаҳои таҳсилотӣ, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ, омӯзгорон бо пайвастшавӣ ба шабакаи интернет амалӣ хоҳад шуд. Омӯзгорон ва дигар хоҳишмандон имконият пайдо

мекунанд, ки маводи мавриди назари худро сари вақт дастрас намуда, дар шабакаи мубоҳисавии он ба саволҳояшон ҷавоб ёбанд. Тавассути ахбори кӯтоҳ ё паёмҳо мушовирони донишкадаҳо омӯзгорон ва дигар хоҳишмандонро аз рӯйдодҳои муҳим огоҳ намуда, сифати фаъолияти корро дар соҳаи маориф пурсамар хоҳанд намуд.

Бо ин мақсад лоиҳаи "Истифодаи технологияи иттилоотӣ дар такмили ихтисоси омӯзгорон" аз тарафи Барномаи маорифи Хазинаи Оғохон дар ҳамкорӣ бо Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ таҳия шуда, дар натиҷаи вохӯриҳо дар доираи ҳамкориҳо масъалаи мазкур аз тарафи Вазорати маориф ва илми ҶТ маъкул దониста шуд. Мувофиқи ин лоиҳаҳо ва қарордодҳо Шабакаи T-Cell барои 102 мактабу 7 шуъбаи маорифи ВМКБ модем (пайвасткунак)–ҳои интернетӣ, барои 1000 нафар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ройгон фиристонидани паёмҳои кӯтоҳ тариқи телефонҳои мобилӣ таъмин намуд[9].

Натиҷа нишон дод, ки ҳамаи мактабҳо фаъолона аз пайвастшавӣ ба интернет ва муоширати доимӣ бо ФДҶТИБКСМ дар ВМКБ истифода мебаранд. Муаллимон дастрасии ҳамавақта ба захираҳои омӯзишӣ ва тарбиявӣ доранд, ки бо маводҳои нав пур карда мешаванд. Илова бар ин, мутахассисони такмили ихтисос барои истифодабарии захираҳои интернет барои муаллимон курсҳо гузарониданд. Онҳо папкаҳоро дар Google disk сохтанд, ки дорои маводҳои таълимии фанҳои гуногун ва нақшаи дарсҳо ҳастанд[4].

**Ҷадвали 1.** Маълумоти оморӣ оиди расондани ёрии амалӣ ба мактабҳо

| № | Ноҳия | Деҳа | Рақами мактаб | Намуди мактаб | Сигнали интернет |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ванҷ | Марказ | 5 | Миёна | **3G** |
| 2 | Ванҷ | Марказ | Шуъбаи маориф | | **3G** |
| 3 | Дарвоз | Марказ | 1 | Миёна | **3G** |
| 4 | Дарвоз | Марказ | Шуъбаи Маориф | | **3G** |
| 5 | Ишкошим | Марказ | Шуъбаи маориф | | 2G |
| 6 | Ишкошим | Гармчашма | 35 | Миёна | **3G** |
| 7 | Ишкошим | Андароб | 32 | Миёна | 2G |
| 8 | Рошткалъа | Марказ | Шуъбаи Маориф | | **3G** |
| 9 | Рошткалъа | Тусён | 12 | Миёна | **3G** |
| 10 | Рошткалъа | Зануч | 31 | Миёна | 2G |
| 11 | Рушон | Вомар | Шуъбаи Маориф | | **3G** |
| 12 | Рушон | Дерзуд | 8 | Миёна | **3G** |
| 13 | Рушон | Вомар | 9 | Миёна | **3G** |
| 14 | Рушон | Пастхуф | 12 | Миёна | **3G** |
| 15 | Рушон | Сипонч | 24 | Миёна | 2G |
| 16 | Рушон | | Интернати ҷумҳуриявӣ | Миёна | **3G** |
| 17 | Хоруғ | | 3 | Миёна | **3G** |
| 18 | Хоруғ | | 5 | Миёна | **3G** |
| 19 | Хоруғ | | 6 | Миёна | **3G** |
| 20 | Хоруғ | | 9 | Миёна | **3G** |
| 21 | Шуғнон | Нишусп | 1 | Миёна | **3G** |
| 22 | Шуғнон | Буни | 8 | Миёна | **3G** |
| 23 | Шуғнон | Кухк | 11 | Миёна | **3G** |
| 24 | Шуғнон | Тишор | 13 | Миёна | **3G** |
| 25 | Шуғнон | Рож | 18 | Миёна | **3G** |
| 26 | Шуғнон | Питоб | 19 | Миёна | **3G** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 27 | Шуғнон | Богев | 20 | Миёна | **3G** |
| 28 | Шуғнон | Кулев | 28 | Миёна | **3G** |
| 29 | Шуғнон | Патхур | 54 | Миёна | 2G |
| 30 | Дарвоз | Марказ | 1 | Миёна | 3G |
| 31 | Ишкошим | Гармчашма | 35 | Миёна | 3G |
| 32 | Роштқалъа | Тусён | 12 | Миёна | 3G |
| 33 | Роштқалъа | Зануч | 31 | Миёна | 2G |
| 34 | Рушон | Дерзуд | 8 | Миёна | 3G |
| 35 | Рушон | Вомар | 9 | Миёна | 3G |
| 36 | Рушон | Пастхуф | 12 | Миёна | 3G |
| 37 | Рушон | Сипонч | 24 | Миёна | 2G |
| 38 | Рушон | Вомар | 9 | Миёна | 3G |
| 39 | Хоруғ | | 5 | Миёна | 3G |
| 40 | Хоруғ | | 6 | Миёна | 3G |
| 41 | Хоруғ | | 9 | Миёна | 3G |
| 42 | Шуғнон | Нишусп | 1 | Миёна | 3G |
| 43 | Шуғнон | Рож | 18 | Миёна | 3G |
| 44 | Шуғнон | Богев | 20 | Миёна | 3G |
| 45 | Шуғнон | Патхур | 54 | Миёна | 2G |
| 46 | Шуғнон | Кушк | 11 | Миёна | 3G |

“Дастрасӣ ба интернет роҳҳои гирифтани маълумотҳо ва захираҳои навро барои кори педагогии мо боз кард. Ҳамчун муаллими информатика ман ба ҳамаи муаллимони мактабамон барои дарёфти маълумот аз интернет кумак мекунам, барои мисол: маълумоти иловагӣ вобаста ба мавзӯъ ё нақшаи дарсҳо, то ки онҳо ба таври самаранок аз захираҳои онлайн барои дарсҳо истифода бурда тавонанд”, – гуфтааст Акобиршо Пайшанбиев, муаллими информатикаи мактаби № 12 ноҳияи Рушон [8]. Ин иқдом барои мушовирон ва кормандони дигари соҳаи маориф, омӯзгорон шароит фароҳам овард, ки бо сарфи ками маблағ, вақт, таъмини бехатарии худи кормандони соҳа, аз навгониҳои методию илмӣ бархурдор гарданд.

**АДАБИЁТ**


1. Андреев А.А. Дидактические основы дистанционного обучения / А.А. Андреев. – Москва, 1999.
2. Булбулов Ҷ. Омӯз ва Омӯзон / Ҷ. Булбулов. - Душанбе: Ирфон, 2014.
3. Гура В.В. Теоретические основы педагогического проектирования личностно-ориентированных электронных образовательных ресурсов и сред / В.В. Гура. - Ростов-на-Дону, 2007.
4. Государственная стратегия "Информационно - коммуникационные технологии для развития Республики Таджикистан". [Электронный ресурс]. http://cis.rudn.ru/doc/255
5. Дастури таълимӣ барои такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. – Хоруғ, 2016.
6. Морев И. А. Образовательные информационные технологии. –Ч. 3. Дистанционное обучение / И. А. Морев. - Владивосток: Издательство Дальневосточного университета, 2004.
7. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. – Душанбе, 2012.
8. «Технологии для профессионального развития учителей» от Tcell и Фонда Ага Хана. [Электронный ресурс]. http://news.tj/ru/news/tekhnologii-dlya-professionalnogo-razvitiya-uchitelei-ot-tcell-i-fonda-aga-khana
9. **Ф.** Шарифзода. Педагогикаи ибтикорӣ / **Ф.** Шарифзода, И. Каримова, С. Сулаймонӣ, Ҷ. Булбулов. - Душанбе: Ирфон, 2013.


## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОН


Муаллифи мақолаи мазкур таҷрибаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар такмили ихтисоси омӯзгорони филиали Донишкадаи Ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ-ро таҳлил кардааст. Дар мақола як қатор далелҳои арзишманд ва хулосаҳое, ки барои кормандони муассисаҳои илмии системаи маориф муфиданд, оварда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** технологияҳои иттилоотӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, интернет,

**ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПОВЫШЕНИИ КВАЛИФИКАЦИИ УЧИТЕЛЕЙ**

Авторами данной статьи подвергнут рассмотрению и изучению опыт работы Филиала Республиканского институт переподготовки и повышения квалификации работников в сфере образования в ГБАО по использованию информационных технологий в профессиональном развитии учителей. В статье содержится ряд ценных фактов и выводов, что полезно для работников образовательных учреждений в системе образования.

**Ключевые слова:** информационные технологии, повышение квалификации учителей, использование информационных технологий, интернет.

**THE USE OF TECHNOLOGICAL INFORMATION IN THE PROFESSIONAL DEVELOPMENT OF TEACHERS**

The author of this article has analyzed the experience of the use of technological information in the professional development of teachers, " Republican Institute department training and retraining of workers in education" in Badakhsan. The article contains a number of valuable facts and conclusions, which is useful for employees of educational institutions in the education system.

**Key words:** information technologies, advanced training of teachers, use of information technologies, Internet.

**Сведения об авторах:** ***Булбулов Дж.*** - доктор педагогических наук, директор Республиканского образовательного центра "Логос" Республики Таджикистан,E-mail: **juma.bulbulov@akdn.org**
***Давлаткадамов А.*** - аспирант Хорогского государственного университета им. М. Назаршоева. E-mail: **davlatkadamov.anboz@gmail.com**

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ - КОММУНИКАТИВӢ ДАР ДАРСИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

***Ғиёсов М. Р.***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии АТТ**

Дар аксари кишварҳои ҷаҳон, бахусус дар Тоҷикистон, мушкилии компютеркунонии таҳсилотро ҳамчун яке аз мушкилоти муҳимми стратегии рушди ҷахонишавӣ мешиносанд. Ин муаммо дар барномаҳои миллии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба рушди соҳаи маориф ва компютеркунонии раванди таҳсилот бахшида шудаанд, инъикоси худро ёфтааст. Дар ин самт чор барномаи компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2015: «Барномаи давлатии рушд ва тадбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2004, тахти рақами №468; Стратегияи давлатии технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ барои инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми ноябри соли 2003, таҳти рақами №1174 қабул шудааст; Барномаи давлатии рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015; Стратегияи миллии рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015 роҳандозӣ шудаанд. Ҳадафи асосии компютеркунонии соҳаи маориф дар ин аснод барои ҳаматарафа ба роҳ мондани фаъолияти пурсамари зеҳнӣ ва дар ин замина ривоҷ додани қобилияти эҷодӣ ба воситаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ мебошад. Дар ин маврид аз вазифаҳои муҳимми соҳаи маориф дар кишвар, омода намудани мутахассисони баландихтисос ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир аст.

Хосатан, зуҳури технологияҳои иттилоотӣ шароите фароҳам овардааст, ки аз ҳама гуна навсозиҳову эҷодкориҳои ҷомеаи ҷаҳони воҳиду муштарак воқиф гашта, ба ҳар яки он бо чашми ибрат назар андохта, имконоти мавҷударо ба пиёдашавии он сафарбар менамоем. Хушбахтона, Ҳукумати Тоҷикистон барои ҳама гуна навоварӣ имконият дода, дар ин маврид ҳамчун пешсаф ва ташаббускор баромад менамояд. Дастрасии китобхонаи элекронӣ, сомонаҳои тахассусӣ ва дигар имконоте, ки технологияҳои иттилоотӣ барои хонандагон ва донишҷӯёни асри XXI фароҳам овардааст, барои дастрас намудани захираҳои илмию методӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии онҳо таъсири худро мерасонад. Дар ин ҳолат, устод ба сифати роҳнамо бояд бештар ба он эътибор диҳад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ дар дарсҳои забони англисӣ самаранокии кори омӯзгорро таъмин намуда, барои ҷалби диққати хонандагон, ташаккул додани қобилияти эҷодии онҳо кумак мерасонад. Дониши ҳақиқӣ ва малакаи бадастовардаи хонандагон дар раванди таълим ба маҳорати фаъоли азхудкунии маводи таълимӣ табдил меёбад [2, 32-35]. Аз ин рӯ, мо дар дарсҳои забони англисӣ имкониятҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативиро истифода мекунем. Яке аз аввалин таҷрибаҳои мо дар ин ҷода кор бо барномаи Power Point буд. Презентатсияро дар мавриди масъалагузорӣ дар дарс, ҳангоми баёни мавзӯи нав ва амиқтар баён кардани моҳияти он

ва дар қисмати ҷамъбасти дарс метавон истифода кард, ки ин хонандагонро ба фаъолияти мустақилона, ҷамъбасти донишҳо ва тасҳеҳи маълумоти азхудкардаашон водор месозад. Дар презентатсия имкони ба намоиш гузоштани ҳолатҳои басо ҷолиб ва хотирмони баёни мавзӯъ, таҷрибаи самарабахш, табодули варақаҳои электронӣ, расмҳо ва нақшаҳо вуҷуд дорад. Дар экран ҳамчунин таърифу қоидаҳои вобаста ба мавзӯъро метавон пахш кард, ки хонандагон ба дафтар рӯнавис мекунанд. Дар ин ҳолат омӯзгор вақти зиёди худро барои такрор сарф накарда, имкони дастрас намудани маълумоти бештар ба хонандагонро дорад. Муҳиммияти презентатсия дар он аст, ки он барои баромадкунанда-омӯзгор ҳамчун тезис ва барои шунаванда - хонанда ҳамчун аёният истифода бурда мешавад [5, 191]. Омӯзгор дар раванди таълим ҳамчунин презентатсияро барои баланд бардоштани шавқу завқи хонандагонро нисбат ба омӯзиши мавзӯъ истифода мебарад. Презентатсия метавонад нақшаи дарси омӯзгор бошад. Он имкон медиҳад, ки омӯзгор фаъолияти эҷодӣ ва инфиродии ҳар як хонандаро сайқал дода, аз шаклҳои муқаррарӣ ва якранги гузариши дарс сарфи назар кунад. Презентатсия ба омӯзгор аз рӯйи нишондодҳои зерин кумаки амалӣ мерасонад:

1. Дастраскунии маълумот.
2. Таъмини дарс бо расму манзараҳои зарурӣ.
3. Истифодаи машқу супоришҳои гуногун.
4. Сарфаи вақт.
5. Пешниҳоди бештари маводи таълимӣ.
6. Ташкил ва гузаронидани дарс бо тамоми ҷузъиёташ.
7. Васеъ намудани фазои судманди таълим дар ҷараёни дарс.

Бо кумаки презентатсия хонандагонро аз ҷиҳатҳои зерин метавон назорат кард:

1. Марказонидани диққати хонандагон.
2. Фаъол намудани ҳама намуди хотираҳо: биноӣ, шунавоӣ, муҳаррикӣ, ассосиатсиявӣ.
3. Баланд бардоштани шавқи хонандагон нисбат ба омӯзиши фан. [7, 41-43].

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки хонандагони синфҳои 5-7 қоидаву таърифҳои забоншиносиро бо ёрии компютер ба осонӣ қабул мекунанд. Воқеан, баёни мавзӯи нав ва маводи таълимӣ барои хонанда ношинос буда, нақшаҳо, таблитсаҳо ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ кумаки амаливу методӣ мерасонанд, барномаҳои тестӣ бошанд, имкон медиҳанд, ки баҳои воқеии дониши хонандагон муайян карда шавад. Сохтани нақшаву таблитсаҳо дар презентатсия вақтро сарфа намуда, барои ороиши зоҳирии маводи таълимӣ муфид аст. Истифодаи кроссвордҳо, расмҳо, машқу супоришҳои гуногун, тестҳо шавқи хонандаро нисбат ба дарс бедор месозанд, дарсро нисбатан самарабахштар мегардонанд. Дар ҳолати истифодаи презентатсия хонанда на танҳо мебинад, балки ин ҳолат ба эҳсосоти хонанда низ таъсир мерасонад [1, 76].

Асосгузори рушди ҷараёни таълим Л.С. Виготский навиштааст: «Бахусус неруи эҳсосотӣ бояд асоси ҷараёни тарбияро фарогир бошад. Пеш аз он ки доир ба ин ё он донишу маълумоти нав иттилоъ диҳад, омӯзгорро зарур аст, ки эҳсосоти мувофиқаткунандаи хонандаро бедор намуда, кӯшиш ба харҷ диҳад, ки ин эҳсос бо дониши нав алоқамандӣ пайдо кунад. Танҳо ҳамон дониш дар хотири хонанда нақш мебандад, ки тавассути эҳсосоти хонанда қабул шудааст» [4, 533].

Дар дарс дар радифи таблитсаҳои анъанавӣ, варақаҳои дорои муҳтавои гуногун барои фаъолияти инфиродӣ, ҳамчунин презентатсияро истифода кардан мумкин аст. Дар презентатсия нақшаву таблитсаҳоро барои иҷрои машқу супоришҳои мақсаднок метавон ба кор бурд.

Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ дар баробари методу усулҳои анъанавии таълими забони англисӣ қобилияти эҷодии ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагонро бедор месозад, методикаи анъанавиро ба талаботи замони муосир мутобиқ мегардонад.

Ҳамчунин метавон дарсҳои забони англисиро дар синфхонаи компютерӣ гузаронид. Дарс дар синфхонаи компютерӣ қобилияти хонандагонро ҷиҳати кор бо компютер ташаккул дода, фаъолияти мустақилонаи онҳоро дар ҳалли машқу супоришҳо такмил медиҳад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ дар дарс имкон медиҳад, ки дар вақти маҳдуд ба хонандагон маводи бештар ва лозима дастрас карда шавад. Вазифаи муҳимми ҷараёни таълим дар муассисаҳои таълимии муосир омода кардани хонандагон ба супоридани саволҳои тестӣ аст, ки иҷрои ин вазифа бидуни технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ ғайриимкон аст.

Мо дар ин маврид якчанд таҷрибаҳоро дар гимназияи хусусии «Кафолат» гузаронидем ва ба хулосае омадем, ки истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ бисёр ҳам муфид аст. Масалан, дар синфи 6 «Б» дар таҷрибаи луғатомӯзӣ хонандагон ба воситаи технологияҳои иттилоотӣ–коммуникативӣ луғатҳоро нисбатан беҳтар аз худ карданд. Баъди ду ҳафтаи таҷрибаро гузаронидан, луғатҳо аз хонандагон бозпурсӣ карда шуд. Ҳамаи он луғатҳое, ки бо воситаи компютер аз худ карда шуда буданд, аз 19 хонандаи синф 18 нафарашон луғатҳоро медонистанд ва ба расмҳои дар тахтаи электронӣ пайдошуда ҷавоби дуруст медоданд, ки 94%-и сифати дониши хонандагонро нишон медиҳад. Вале он луғатҳое, ки бе истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ ҳифз карда буданд, танҳо 9 нафари хонандагон луғатҳоро аз худ карда ва ба саволҳо ҷавоб дода тавонистанд, ки ин 50%-и сифати дониши хонандагонро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ дар баланд бардоштани сифати таълим таъсири мусбӣ мерасонад ва натиҷаҳои судманд медиҳад: қобилияти эҷодиву тадқиқотии хонандагонро ташаккул медиҳад, маҳорату малакаи ташкилотчигии кӯдаконро сайқал дода, барои рушди қобилияти дарккунии хонандагон ва шавқи онҳо ба фанни таълимӣ кумак мерасонад, фикронии мантиқии хонандагонро такмил медиҳад.

Ҳангоми истифодаи усули анъанавӣ, ки дар раванди он омӯзгор, синф ва хонанда ширкати фаъол доранд, ба кор бурдани компютер ва барномаҳои таълимии компютерӣ нақши ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагонро дар ҷараёни таълим тағйир медиҳад. Имкониятҳои муколамавию тасвиркунандаи компютер воқеан ба муҳити таълим ва фаъолияти ширкаткунандагони ҷараёни таълим таъсири амиқ мерасонад. Компютер имконияти васеи ба миён овардани шароити мувофиқ барои омӯзиш ва азхудкунии ҳама гуна қоидаҳои имлоиву пунктуатсиониро доро мебошад.

Афзалиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ дар дарсҳои забони англисиро ба таври зайл баён кардан мумкин аст:

- ✓ *фардикунонии таълим;*
- ✓ *пурмаҳсул ва самарабахш гардонидани корҳои мустақилонаи хонандагон;*
- ✓ *баланд бардоштани сатҳи иҷроиши машқу супоришҳо дар дарс;*
- ✓ *истифодаи маълумоти фаровон дар дарс ҳангоми истифодаи Интернет;*
- ✓ *компютер ба омӯзгор имконоти нав медиҳад, ки ӯ дар раванди таълим на танҳо аз тахайюлоту неруи худ ва воситаҳои аёнии когазӣ истифода мекунад, балки бо ёрии технологияҳои навин барои шогирдон олами рангину ҷолиберо кашф мекунад, ки дар натиҷа шавқу завқи хонандагон нисбат ба омӯзиш боло рафта, ҳатто хонандагони сустхону ақибмонда кӯшиши бо истифодаи компютер аз худ кардани дарсро мекунанд;*
- ✓ *истифодаи тестҳои компютерӣ ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки дар муддати кӯтоҳ сатҳи азхудкунии маводи таълимӣ аз тарафи хонандагонро муайян кунад ва дар як вақт камбудиҳои дар ҷараёни пурсиш ҷойдоштаро ислоҳ намояд;*
- ✓ *барои хонандагон муҳиму таъсирбахш он аст, ки баъд аз иҷрои тест (дар ҳоле маълумоти бадастомада ҳанӯз дар маркази диққати ӯ қарор дорад) дарҳол натиҷаи воқеии кори худро бо нишондоди галатҳо дастрас мекунад;*
- ✓ *хонандагон бо технологияҳои муосири иттилоотӣ шинос мегардонад.*

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таълимотимиёнаи умумии кишвар таъсири қавии мусбӣ расонида, ба баланд бардоштани сифати дониши хонандагон кумак мерасонад.

**АДАБИЁТ**


1. Азимов Э.Г. Использование компьютера в обучении русскому языку как иностранному / Э.Г. Азимов. - М.: Русский язык, 1989. -76 с.
2. Белая Т.Н. Компьютеризация обучения и преподавание английского языка / Т.Н. Белая, Ю.А. Белый // Иностранные языки в школе. - 1988. -№ 1. - С. 32-35.
3. Владимирова Л.П. Интернет на уроках иностранного языка / Л.П. Владимирова // Иностранные языки в школе. - 2002. -№ 3. - С. 39-41.
4. Выготский Л.С. Педагогическая психология / Л.С. Выготский. - М.: Педагогика-пресс, 1996. -533 с.
5. Машбиц Е.И. Психолого-педагогические проблемы компьютеризации обучения / Е.И. Машбиц. - М.: Педагогика, 1988. - 191 с.
6. Полат Б. С. Интернет на уроках иностранного языка / Б. С. Полат // Иностранные языки в школе. - 2001. - № 2. - С. 14-19.
7. Телицина Т.Н. Использование компьютерных программ на уроках английского языка / Т.Н. Телицина, А.Ф. Сидоренко // Иностранные языки в школе. - 2002. -№ 2. - С. 41-43.

8. Амир Аҳмадӣ. Истифодаи бозиҳои компютерӣ / А. Аҳмадӣ // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, 2006. - № 3/3. - С-242-245.
9. Фотима Кавимӣ. Роль телевидения в образовании / Ф. Кавимӣ // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. – 2012. -№ 3/6. –С. 272-274

**ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТИВӢ ДАР ДАРСИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ**

Мақолаи мазкур барои омӯзгорони фанни забони англисӣ муҳим мебошад. Дар он ба зарурияти истифодабарии ТИК дар машғулиятҳо аҳамияти махсус дода шудааст, чунки ин технология имконият медиҳад, ки шавқу рағбат нисбати омӯзиши фанни мазкур зиёд гардида, бо толибилм тариқи фосилавӣ ва фардӣ кор имконпазир мегардад. Имрӯз дар назди омӯзгор масоили баланд чӣ гунна бардоштани шавқу рағбат нисбати забони англисӣ истодааст, чунки сифати донишҳои толибилмон бо шавқу рағбат нисбати фанни таълимӣ муайян карда мешавад. Технологияҳои иттилоотӣ – коммуникативӣ (ТИК) имрӯз дар ҳалли ин проблема кӯмак менамоянд. Аз ин рӯ, зарурияти гузаронидани машғулиятҳо бо истифодабарии ТИК зарур аст.

**Калидвожаҳо:** иттилоот, технология, таҳсилот, компютер, мактаби таҳсилоти умумӣ, ҷанба, умумӣ, ТИК ваметодика.

**ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННО - КОММУНИКАТИВНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА УРОКАХ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА**

Данная статья актуальна для учителей английского языка. В ней акцентируется внимание на необходимости применения ИКТ на уроках, так как данная технология позволяет повысить интерес к изучению предмета, работать с учеником дифференцированно и индивидуально. В настоящее время перед учителем остро стоит проблема, как повысить интерес школьников к английскому языку, ведь качество знаний учащихся во многом определяется интересом к учебному предмету. Информационно- коммуникационные технологии (ИКТ) помогают решить эту проблему. Поэтому, сегодня проста необходимо проводить уроки с использованием ИКТ.

**Ключевые слова:** информация, технология, образования, компьютер, общеобразовательная школа, аспект, глобальный, ИКТ и методика.

**USE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN ENGLISH LESSON**

This article is relevant for teachers of English language. It focuses on the need to use ICT in the classroom, as this technology allows to increase interest in the study of the subject, to work with the pupils and differentiated individually. At the moment the teacher acute problem, how to increase pupils interest in English language, because the quality of pupils knowledge is largely determined by interest in the academic subject. Information and communication technologies (ICT) to help solve this problem. Therefore , there is simply necessary to conduct lessons using ICT.

**Key word:** information, technology, education, computer, comprehensive school, aspect, global, ICT and methodical

**Сведения об авторе:** ***Ғиёсов М.Р.***- соискатель Института развития образования им. Абдуррахмана Джами Академии образования Таджикистана. Телефон: **918556667** E-mail: **giyosov1988 @ mail.ru**

# ТАВАССУТИ ОЗМОИШҲОИ ФИЗИКИИ ХОНАГӢ ТАШАККУЛ ДОДАНИ МАФҲУМИ ИНЕРТСИЯ

***Ҷонмаҳмадов И.Т., Маҷидов Ҳ.***
**Донишгоҳи давлатиии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ба ақидаи мо иҷрои озмоишҳои физикии хонагӣ аз яке аз роҳҳои баландбардории сифат ва самаранокии таълими физика дар мактаб, ташаккул додани фаъолияти маърифатӣ-эҷодии хонандагон, инкишофи тафаккури мантиқӣ ва фаъолияти амалии онҳо ба ҳисоб меравад.

Таҷриба ва мушоҳидаҳоеро, ки хонандагон онҳоро дар хона аз рӯйи супориши омӯзгор бо истифодаи асбобу ашёҳои рӯзгор иҷро мекунанд, озмоишҳои хонагӣ меноманд. Озмоишҳои хонагӣ дар ташаккули фикрронии мантиқӣ ва баланд шудани фаъолияти амалии хонандагон мусоидат намуда, хонандагонро водор месозад, ки доир ба озмоиши гузаронидаашон бошуурона фикр ронанд, онҳоро таҳлил намоянд, ҳамаи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии дар дарсҳо ҳосилкардаи худро баҳри гузаронидани озмоиши пешниҳодшуда, истифода намоянд [5]. Хонандагон озмоиши хонагиро гузаронида, натиҷаҳои онро таҳлил намуда, боварӣ ҳосил мекунанд, ки донишҳои дар мактаб ҳосилкардаашон баҳри ҳалли масъалаҳои амалӣ пурра татбиқшавандаанд.

Корҳои озмоишии хонандагон гуфта таҳти роҳбарии омӯзгор мустақилона гузаронидани озмоишҳо, муҳокимаи натиҷаҳои онҳо ва хулосабарорӣ аз ин озмоишҳоро меноманд. Хонандагон корҳои озмоиширо ҳам дар синф (синфхонаи физика) таҳти роҳбарии бевоситаи омӯзгор ва ҳам дар хона, мувофиқи супориши омӯзгор мустақилона ва бомуваффақият иҷро карда метавонанд. Шакли якуми ин намуд корҳоро – корҳои лабораторӣ ва шакли дуюми онҳоро – озмоишҳои хонагии хонандагон меноманд. Як шакли корҳои хонагии хонандагон озмоишҳои хонагӣ ба ҳисоб мераванд. Таҳти мафҳуми озмоишҳои хонагӣ таҷриба ва мушоҳидаҳоеро фаҳмидан лозим аст, ки онҳоро хонандагон дар хона (ҳангоми тайёрӣ ба дарс) аз рӯйи супориши омӯзгор, ки ба маводи барномаи таълимӣ мувофиқ аст, иҷро менамоянд [4].

Озмоишҳои хонагӣ бояд бахри ҳамбастагии маводи назариявӣ, ки онҳоро хонандагон аз китоби дарсӣ аз худ мекунанд, бо маводи озмоишӣ чӣ дар шароити синфхонаи физика ва чӣ дар шароити хона мусоидат намоянд. Ин чунин маъно дорад, ки хонандагон ҳангоми тайёрӣ ба дарс маводи барномавиро аз китоби дарсӣ хонда, ҳамзамон дар шароити хона он мушоҳидаҳо, озмоишҳо ва ченкуниҳое, ки дар китоби дарсӣ дода шудаанду омӯзгор дар синф намоиш додааст, иҷро менамоянд.

Озмоишҳои хонагӣ корҳои лабораторӣ (озмоишҳо)-еро, ки хонандагон дар синф таҳти роҳбарии бевоситаи омӯзгор иҷро менамоянд, иваз карда наметавонанд. Ин намуд корҳо, корҳои озмоишии синфиро фақат пурра намуда, робитаи байни озмоишҳои физикии мактабиро бо ҳодисаҳои табиии дар муҳити атроф рӯйдиҳанда барқарор менамоянд. Қайд кардан лозим аст, ки озмоишҳои хонагӣ бояд ҳатман (аз рӯйи имкон) тавассути ашёҳои ба хонандагон дастраси рӯзгор иҷро карда шаванд [1].

Озмоишҳои хонагии хонандагонро аз рӯйи таъмин кардани хонандагон бо ашё ва маводи лозимӣ барои иҷроиши ин намуд корҳо, ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд:

**1.** Озмоишҳои хонагӣ, ки тавассути истифодаи ашёҳои ба хонандагон дастраси рӯзгор иҷро мешаванд.

**2.** Озмоишҳои хонагӣ, ки барои иҷро кардани онҳо хонандагон худашон мавод, ашё ва асбобҳои содаи дастисоз тайёр мекунанд. Барои иҷро кардани ин намуд корҳои озмоишии хонагӣ хонандагон бояд дорои як қатор маҳорату малакаҳои амалӣ бошанд.

**3.** Озмоишҳои хонагӣ, ки тавассути асбобу таҷҳизоти тайёри (истеҳсолии) аз синфхонаи физика бо хонандагон тақсим карда додашуда, иҷро мешаванд [5].

Ҳамаи ин намуд корҳо мавриди дуруст ташкил карданашон аҳамияти калон доранд, лекин дар амалияи кори мактабҳо, чуноне ки таҳқиқот собит намуд, омӯзгорони физика одатан корҳои озмоишии хонагии гурӯҳи якум ва қисман гурӯҳи сеюмро истифода мекунанд.

Вобаста ба амиқии омӯзиши ҳодисаи омӯхташаванда озмоишҳои хонагиро монанди корҳои лабораторӣи синфӣ ба ду гурӯҳ: а) сифатӣ ва б) миқдорӣ ҷудо мекунанд. Иҷро кардани озмоишҳои хонагии сифатӣ дар шароити хона назар ба озмоишҳои хонагии миқдорӣ осонтар мебошад.

Барои он ки озмоишҳои хонагии сифатӣ аз хотири хонандагон фаромӯш нагардад, бояд омӯзгор вобаста ба ҳар як мавзӯи барномавӣ ба онҳо иҷрои озмоишҳои хонагиро супориш диҳад. Дар ҳар як супориш гузоштани 2-3 савол ба мақсад мувофиқ аст. Ба саволҳои супоришҳо хонандагон пас аз гузаронидани озмоиш ба таври хаттӣ ҷавоб мегардонанд. Дар ин ҷавоб кашидани расм, тартиб додани нақша мувофиқи матлаб аст. Дар охир ҳар як хонанда доир ба иҷрои озмоишҳои хонагии сифатӣ ҳисобот навишта, ба омӯзгор пешниҳод менамояд [5].

Дар баробари иҷрои озмоишҳои хонагии сифатӣ иҷрои озмоишҳои хонагии миқдорӣ низ аҳамияти зиёд доранд. Таҳти мафҳуми озмоишҳои хонагии миқдорӣ чунин корҳоеро мефаҳманд, ки мавриди иҷрои онҳо хонандагон дар хона ченкуниҳои заруририо иҷро намуда, ба саволи гузошташуда бо ёрии амалҳои математикӣ, дар намуди рақамҳо натиҷаҳои ченкунӣ ва ҳисобкуниҳоро пешниҳод мекунанд. Аз ин ду навъи озмоишҳои хонагӣ, чуноне ки таҳқиқоти мо собит намуд, озмоишҳои хонагии сифатӣ бештар дар амалияи кори мактабҳо истифода мешаванд.

Барои дар раванди таълим самаранок истифода намудани озмоишҳои физикии хонагӣ тайёрии пешакии омӯзгор лозим аст, чунончи:

а) аз адабиёти гуногун интихоб ва ё фикр карда тартиб додани таҷрибаю мушоҳидаҳо барои озмоишҳои хонагӣ (ин таҷрибаю мушоҳидаҳо бояд бо маводи барномавӣ ва имкониятҳои маводии хонандагон дар хона, мувофиқат намоянд);

б) тартиб додани матни супоришот барои озмоишҳои хонагӣ;

в) муайян намудани мавқеи озмоишҳои хонагӣ дар ҷараёни таълим (банақшагирии онҳо) [4].

Мавриди интихоб ва тартиб додани намунаҳои (вариантҳои) таҷрибаю мушоҳидаҳои хонагӣ омӯзгор бояд ба чунин шартҳо риоя намояд:

**1.** Таҷрибаю мушоҳидаҳои интихоб ва тартибдодашуда бояд ба маводи барномавии дар синф омӯхташаванда узван алоқаманд бошанд.

**2.** Содагии воситаҳои амалигардонии тачрибаю мушоҳидаҳо дар шароити хона.

**3.** Ба хонандагон фаҳмову дастрас будани шарҳу эзоҳи таҷрибаю мушоҳидаҳои интихоб ва тартибдодашуда.

**4.** Шавқовар будани таҷрибаю мушоҳидаҳои интихоб ва тартибдодашуда.

Усулҳои интихоб ва тартиб додани таҷрибаю мушоҳидаҳо барои озмоишҳои хонагӣ чунин буда метавонанд:

а) интихоб ё ҷамъ намудани таҷрибаю мушоҳидаҳо аз адабиёти гуногун ва аз тарафи омӯзгор санҷидани онҳо дар шароити хона;

б) аз тарафи омӯзгор фикр карда тартиб додани таҷрибаю мушоҳидаҳои хонагӣ ва санҷидани онҳо дар шароити хона [1].

Ҳамаи он тачрибаю мушоҳидаҳое, ки барои озмоишҳои хонагӣ омӯзгор аз адабиёти гуногун интихоб менамояд ва ё худаш мустақилона тартиб медиҳад, бояд дар ягон

дафтари махсус навишта шаванд. Ин барои он зарур аст, ки омӯзгор онҳоро дар солҳои минбаъдаи кораш бо сарфи ками вақт истифода намояд.

Акнун якчанд озмоишҳои физикии хонагиро доир ба мавзӯи «Мушоҳидаи инерсия» пешниҳод менамоем [1, 2, 3].

**Мушоҳидаи инерсия**

**Мақсади кор:** идома додани шиносоӣ бо ҳодисаи инерсия; мушоҳидаи ҳодисаи инерсия дар шароитҳои гуногун ва шарҳ додани он; нишон додани зоҳиршавии инерсия дар техника ва рӯзгор; дар хонандагон тарбия кардани ҳисси мушоҳидакорӣ ва кунҷкобӣ; ташаккул додани маҳорат ва малакаҳои шарҳи ҳодисаҳо, татбиқи дониш.

1. Ҳангоми бо автобус сафар кардан, мушоҳида карда, гӯед: сабаб чист, ки ҳангоми якбора зиёд шудани суръати автобус саворон ба оқиб мекалаванд ва ҳангоми якбора истодани он ба сӯйи пеш?

2. Руқъа (открытка)-еро дар даҳони истакон ва тангаеро дар рӯйи он гузоред (расми 1). Ба канори руқъа як чиртак занед ё онро аз канораш дошта якбора ба тарафи худ кашед. Руқъа дур мепарад (ё дар дасти шумо мемонад) ва танга ба даруни истакон меафтад? Чаро?



Расми 1

**3. Мушоҳида кунед:** чаро модаратон пеш аз он, ки либосҳои шустаашро ба сим овезад, онҳоро як–як меафшонад? Сабаби ин кори модаратонро шарҳ диҳед.

5. Ба автобус савор шуда мушоҳида кунед, ки чаро ронанда ҳангоми ба хамгашти роҳ наздик шудан, суръати мошини худро кам мекунад?

**6. Мушоҳида кунед:** саг аз об, ки баромад, худро метаконад. Шумо ин мушоҳидаро чӣ тавр шарҳ медиҳед?

7. Озмоиш гузаронида гӯед, ки Шумо аз ҷоятон истода ба масофаи зиёд мепаред ё давида омада? Шумо сабаби инро дар чӣ мебинед?

8. Ҳангоми сайру гашт дар кӯча мушоҳида кунед, ки одами пешпохӯрда ба кадом тараф меафтаду, одами пояш лағжида ба кадом тараф меафтад? Ин ҳодисаҳоро шарҳ диҳед.

9. Банкаи яклитраро гирифта, онро то нисфаш бо об пур кунед. Даҳони банкаро бо картон ва ё ягон қоғази ғафс (беҳтараш руқъа) пӯшонида ба болояш ҳалқачаи аз сими борик сохташударо гузошта, аз болои он як тухмро гузоред. Картон ё руқъаро якбора (ба тезӣ) ба сӯйи худ кашед. Дар натиҷа тухм ба банка афтида намешиканад (сиҳат мемонад). Ҳодисаи мушоҳида кардаатонро шарҳ диҳед. Расми схематикии озмоишро ба дафтаратон кашед.

10. Аз рӯзнома (газета)-ҳои нодаркор ду тасмачаи барашон 2,5-3 см-ӣ бурида, нӯгҳои онҳоро ба ҳамдигар тавассути ширеш васл карда, ҳалқачаҳо тайёр кунед. Ин ҳалқачаҳоро дар тарафҳои тези ду корд овехта, ба ин ҳалқачаҳои қоғазӣ як лавҳаи фанерии дарозиаш тахминан якметраро овезед. Ба миёнаҷойи ин лавҳа тавассути ягон лавҳаи металлӣ якбора зарба занед. Лавҳаи фанерӣ (чӯбин) мешиканад, вале ҳалқаҳои қоғазин сиҳат мемонанд. Чаро? Ҳодисаи мушоҳида кардаатонро шарҳ диҳед.

11. Дар кӯча ё рӯйи ҳавлиатон чунин таҷриба гузаронед: дар рӯйи замин ба воситаи бур ё ягон ашёи нӯгтез давраи начандон калон кашед. Дар канори ин даврача истода, ягон ҷисми ҳаҷмаш хурди нисбатан вазнинро то баландии китфонатон бардошта, сипас онро аз дастатон сар диҳед. Ин ҷисм ба даруни давра меафтад.

Акнун аз дур ҳарчи тезтар давида омада, дар муқобили давра ҳамон ҷисмро аз дастатон сар диҳед. Таҷрибаро якчанд маротиба такрор кунед. Ҷисм ба куҷо меафтад? Кӯшиш кунед, ки мавриди ҳарчи тезтар давида аз муқобили давра гузаштан, ҷисм ба даруни давра афтад. Инро чӣ тавр бояд кард?

Дар асоси ин таҷриба фаҳмонед, ки барои ба ҷойи таъйиншуда аз тайёра партофтани ягон бор, лочин чӣ тавр бояд амал кунад?

12. Шумо ҳангоми кундакафонӣ яке аз ду тарзи дар расми 2 тасвирёфтаро истифода карда метавонед. Ин ду тарзи кундакафониро шарҳ диҳед ва гӯед, ки кадомашро истифода кардан беҳтар аст? Барои чӣ?



Расми 2

13. Шумо ҳангоми даста кардани бел (даста андохтани бел) метавонед яке аз ду тарзи дар расми 3 тасвирёфтаро истифода кунед. Ин тарзҳоро шарҳ дода гӯед, ки кадомашро истифода кардан беҳтар аст? Чаро?



Расми 3

14. Барои чӣ ҳангоми даста кардани болға охири дастаро ба болои лавҳа чӣ хеле ки дар расми 4 нишон дода шудааст, сахт-сахт зарба мезананд?



Расми 4

15. Барои чӣ ҳангоми парида рафтани парранда шохи дарахте, ки парранда дар болояш нишаста буд, аввалан сӯйи поён каме хам шуда, сипас мавқеи аввалаашро барқарор мекунад?

16. Аз картони тунук тасмаи бараш 2-3 см бурида, бо ширешкунӣ аз он ҳалқаи даврашакли қутраш 10-15 см месозанд. Ҳалқаро ба болои даҳони зарфи шишагии холӣ гузошта, дар болои ҳалқа тангаеро дар рости даҳони шиша мегузоранд (расми 5). Бо ҷадвал ҳалқаро ба зудӣ аз зери танга мегиранд ва танга ба даруни зарфи шишагӣ меафтад. Ин ҳодисаро чӣ тавр шарҳ додан мумкин аст?



Расми 5

17. Вараҳи қоғазиро дар канори миз гузошта, ба болои он истакони обдорро мегузоранд. Аз охири варақ бо як даст дошта, бо дасти дигар ба мобайни варақ ба тезӣ зарба мезананд. Дар ин ҳолат варақ аз зери истакон мебарояду истакон дар ҷояш меистад. Барои чӣ?



Расми 6

18. Дар болои мизе, ки дастархон партофта шудааст, ду тангаи ғафстарро гузошта, дар болои тангаҳо истаконро мегузоранд. Тангаи сеюминро, ки нисбат ба ду тангаи пештара тунуктар, аст ба мобайни зери истакон мегузоранд (расми 8). Кӯшиш кунед, ки тангаи мобайниро гиред, лекин на бо доштани танга ё истакон, ё ин ки истифодаи ягон ашёи дигар.



Расми 7

**АДАБИЁТ**


1. Антипин И.Г. Экспериментальные задачи по физике в 6-7 классах / И.Г. Антипин. -М.: Просвещение, 1974.
2. Горев Л.А. Занимательные опыты по физике в 6-7 классах средней школы / Л.А. Горев. -2-е изд. перераб. -М.: Просвещение, 1985.
3. Лукашик В.И. Китоби масъалаҳои физика. Дастури таълим барои хонандагони синфҳои 7-8-и мактаби миёна / В.И. Лукашик. –Душанбе: Маориф, 1991.
4. Юров С.И. Домашные экспериментальные работы учащихся по физике / С.И. Юров. -М.: Просвещение, 1973.
5. Умаров У.С. Озмоишҳои хонагӣ аз физика / У.С. Умаров, У.Х. Раҷабов . –Душанбе: ДДОТ, 2006.



**ТАВАССУТИ ОЗМОИШҲОИ ФИЗИКИИ ХОНАГӢ ТАШАККУЛ ДОДАНИ МАФҲУМИ ИНЕРСИЯ**

Дар мақолаи мазкур роҳҳои ташаккул додани мафҳуми инерсия тавассути озмоишҳои физикии хонагӣ оварда шудааст. Вобаста ба ҳар як роҳи нишондодашуда мисолҳои мушаххас аз мавзӯъҳои курси физикаи мактабӣ оварда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** инерсия, мафҳум, ташаккули мафҳум, озмоиш, озмоиши хонагӣ, таҷриба, мушоҳида.



**ФОРМИРОВАНИЕ ПОНЯТИЯ ИНЕРЦИИ ПОСРЕДСТВОМ ДОМАШНИХ ЭКСПЕРИМЕНТОВ**

В данной статье предлагаются пути формирования понятия инерции посредством организации домашних физических экспериментов. По каждым предлагаемым путям приведены конкретные примеры из темы школьного курса физики.



**Ключевые слова:** инерция, понятие, формирование понятия, эксперимент, домашние эксперименты, опыт, наблюдение.



**SHAPING THE NOTION TO INERTIAS BY MEANS OF HOME EXPERIMENT**

In given article is offered way of the shaping the notion to inertias by means of organization home physical experiment. On each proposed ways are brought concrete examples from subject of the school course physicists.



**Key word:** inertia, notion, shaping the notion, experiment, home experiments, experience, observation.



**Сведения об авторах**: ***Джонмахмадов И.Т.*** – аспирант кафедры технологии обработки материалов Курган-Тюбинского государственного университета им.Носира Хусрав

***Маджидов Х.*** – профессор кафедры экспериментальной физики ТГПУ имени Садриддина Айни


# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ГУМАНИЗАЦИИ ЛИЧНОСТИ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ СТУДЕНТОВ-МЕДИКОВ РУССКОМУ ЯЗЫКУ


***У. Р. Юлдошев, М.К.Шодиматова, Лысых О.А.,***

**Таджикский государственный медицинский университет им. Абуали ибни Сино**


В современных условиях гуманизация высшего образования является один из важнейших направлений по его обновлению. Выпускники высшего медицинского учебного заведения должны быть творчески активными личностями с высоконравственным, гуманным, социально зрелым мировоззрением.

В настоящее время ведущим фактором социального и экономического прогресса рассматривается высшее образование, своим уровнем определяя дальнейшее развитие страны. Наряду с профессиональным обучением образование включает в себя и нравственное воспитание.

Сегодня перед учёными, преподавателями, учителями стоит задача гуманизации вузовского и школьного образования на основе общечеловеческих ценностей. При этом предполагается как гуманизация условий обучения и воспитания, так и гуманизация личности обучаемого.

Следует отметить, что «сущность гуманитаризации образования видится прежде всего в формировании культуры мышления, творческих способностей студентов на основе глубокого понимания истории культуры и цивилизации, всего культурного наследия» (5, стр. 20). Поэтому правомерно пропагандируется мысль гуманизировать образование, так как в центре стоит человек, его духовное развитие.

«В профессиональной медицинской этике исходным следует считать принцип гуманизма. Гуманизм – это воззрение, рассматривающее человека как высшую ценность, защищающее его свободу и всестороннее развитие… Медицинский гуманизм в своем исходном значении утверждает человеческую жизнь в качестве высочайшей ценности, определяет её защиту и помощь ей как основную социальную функцию медицины, которая должна выполнять эту свою задачу, руководствуясь научными знаниями и профессиональным мастерством» (4, стр. 19-22).

Суть гуманизации образования в медицинском вузе заключается в создании условий для разностороннего развития личности будущего специалиста и формирования его воспитанности, подразумевающей развитие гуманистического мировоззрения, нравственности и участия в деятельности гуманистической направленности.

Необходимой ценностью и в мировоззренческом, и в социальном, и в профессиональном плане является гуманистическая ориентация во врачебной деятельности. Для решения проблем гуманизма в здравоохранении велико значение высшей медицинской школы, особенно тех, кто решил посвятить свои знания и опыт благородному делу охраны и укрепления здоровья населения.

Главное в работе медицинского вуза – воспитание будущих врачей, формирование у них потребности в общественной деятельности и повышении профессионального мастерства, вопросы комплексного подхода к воспитанию личности врача. Решающее значение для подготовки и воспитания медицинских кадров, формирования у врачей научного мировоззрения имеет изучение гуманистических вопросов медицины. Наша педагогическая деятельность показывает, что именно в медицинском университете зарождаются истоки формирования гуманистического идеала для дальнейшего прогресса всего здравоохранения. «Именно здесь, - отмечает академик Е.И. Чазов, - закладываются основы врачебного мышления, здесь формируется отношение будущего врача к своей профессии, к больному человеку, к своему делу» (8, стр.6).

Изучение русского языка в медицинском вузе выполняет ряд функций, таких как коммуникативную, информационную, образовательную, воспитательно-формирующую, культуроведческую и гуманитарную. Предмет «русский язык» обладает достаточными возможностями для гуманизации личности будущего врача. Ведь литература является важнейшим средством воздействия на человека. В вузовской практике преподавания русского языка иноязычному контингенту молодёжи, в частности таджикам, узбекам, нельзя упускать культуроносную функцию языка. Раскрывая красоту, духовную силу русского языка, учебная этика языка «помогает не только говорить по-русски, но и обогащает учащихся». Именно в литературе «неисчерпаемый источник побуждений к изучению русского языка и общению на нём, к живому интересу к русскому языку и стоящему за ним миру» (3, стр. 16-17).

С проблемой учебной эстетики и культуроносной функции языка связаны вопросы гуманизации обучения, что особенно важно для преподавания языка в условиях двуязычия. Успех работы врача во многом зависит от его речевой культуры, от его умения пользоваться словом. Слово заботы, соучастия согревает человека, вселяет в него бодрость, надежду. Неуместно сказанное неосторожное слово несёт обиду, вызывает боль, ухудшает самочувствие больного. Следовательно, не только лекарство, процедура, но и слово имеет целебную функцию. От выбора врачом необходимого для данной ситуации тона во многом зависит настроение больного. Высота голоса врача, эмоциональная окрашенность, интонационное богатство – важнейшие моменты охранительной психотерапии. Думается, что когда В. М. Бехтерев говорил о том, что «Если больному после разговора с врачом не стало легче, то это не врач» (1, стр. 68) он имел в виду не только смысловую информацию, но и звуковую культуру голоса врача. И когда мы говорим, что беседа с больным – это сложное искусство, требующее «от врача высокой профессиональной и речевой культуры, тонкой наблюдательности, самообладания, такта» (7, стр.361), мы должны помнить, что не последнее место в реализации и совершенствовании этого искусства занимает культура голоса. В слове, как в важнейшем психотерапевтическом факторе, обнаруживается единство врачебной этики и эстетики, при наличии которого система «врач – больной» раскрывается более содержательно и разносторонне.

Студенты, изучающие русский язык, стремятся, прежде всего, овладеть способностью коммуникации в определённой сфере. «Однако, - утверждает В.Г. Костомаров, - усваивая язык, человек одновременно проникает в национальную культуру, получает огромное духовное богатство» (2, стр. 4).

Обучение русскому языку студентов-медиков позволяет практически осуществлять гуманизацию обучения, под которой подразумевается учет воспитательного потенциала учебного материала при изучении таджиками русского и русскими таджикского языков.

Нами приводилась мысль о том, что наша молодёжь нуждается в духовном воспитании, которое возможно осуществлять посредством изучения языков.

Обращение к учебным текстам познавательно-воспитательного характера помогает осуществлению гуманизации обучения в педагогическом плане (имеются в виду доверительно-

доброжелательные отношения между преподавателем и студентами, а также этому служит и подбор учебных материалов, способствующих воспитанию, привитию молодёжи нравственно-этических качеств, крайне необходимых будущим врачам, педагогам. Литературно-художественные тексты, которые практикуем мы в студенческой аудитории, обладают большим гуманистическим потенциалом.

Нами используется адаптированный текстовый материал из произведений известных русских писателей, многие из которых сами занимались врачебной деятельностью, в связи с этим мы обращаемся к прекрасным по содержанием кафедральным «Учебным пособием по развитию русской профессиональной речи для студентов 2 курса медицинского факультета». Душанбе, 2014, куда вошли 23 адаптированных текста, рассказывающих о мужестве, самоотверженности и героизме медиков всех рангов как в мирное, так и в военное время. Назовём, к примеру, некоторые из произведений: «Абуали ибни Сино», «Драматическая медицина» (по Гуго Глязеру), «Призвание» (по В.В. Кованову), «Голова профессора Доуэля» (по А. Беляеву), «Доктор Пекарев» (по П.Проскурину), «Рыцари милосердия», «Попрыгунья» и «Палата №6» (по А.П.Чехову) и другие.

В своем содержании тексты утверждают гуманное начало в профессии врача, обеспечивают в работе над ними возможность воспитательного воздействия на студентов-медиков в нравственно-этическом отношении. Безусловно, к ним имеются послетекстовые задания, направленные преимущественно на решение лексико-грамматических задач, конструирование словосочетаний и предложений. Вместе с тем ряд заданий преследует цели воспитательного характера.

На примере текста «Рыцари милосердия»,(стр.145-148), студентам предлагаются такие вопросы и задания:

**Задание 1** Наличие каких качеств вы считаете обязательным, каких – желательным, а каких противопоказанным для профессиональной деятельности врача? Мотивируйте свое отношение к тем или иным качествам врача (учитывая его профессиональные данные и черты характера).

**Задание 2.**Дайте тексту свой вариант заглавия.

**Задание 3.** Объясните значение следующих слов и словосочетаний, запишите их, сделайте перевод на родной язык: рыцарь, благородство, милосердие, равнодушие, гуманный, чуткий, отзывчивый, душевное состояние, поступки врача, рыцари милосердия.

Достижение воспитательных целей обеспечивается постановкой таких вопросов:

Каких личностных качеств потребует ваша будущая врачебная деятельность?

Потребуются ли вам в вашей врачебной практике умения и навыки работы с людьми?

Необходим ли врачу, наряду с высокими профессиональными качествами, общекультурный кругозор? и т. д.

В воспитательном плане эффективны задания такого типа:

**Задание 4.** Каково ваше отношение к предлагаемым высказываниям?

- Человек, который пришёл в медицину случайно, всё же может стать хорошим врачом.
- Врачи, для которых медицина оказывается «шестым пальцем», не вызывают уважения.
- Легче стать врачом, чем быть врачом.
- Часто видя смерть, врач учится ценить и любить жизнь.

На примере текста А.П.Чехов «Попрыгунья» (стр.179-182) продемонстрируем работу над текстом, обладающим воспитательным характером. Например:

**Задание 1**.

1.Назовите главных героев рассказа А.П.Чехова "Попрыгунья". Кто они? Сколько им лет? Опишите их внешний облик, используя слова и сочетания из текста рассказа.

2. Расскажите о друзьях и знакомых Ольги Ивановны.

3. Расскажите о занятиях, образе жизни, интересах Ольги Ивановны. В чем заключается для нее смысл жизни? Припомните действия и поступки Ольги Ивановны, подтверждающие ваши выводы.

4. Как относились к ней ее друзья и знакомые?

5. Расскажите о Дымове, его работе.

Или такое задание:

**Задание 2.**

**1.** Кем считали себя друзья и знакомые Ольги Ивановны? Отрицает ли их одаренность сам А.П.Чехов? Как они и Ольга Ивановна смотрели на других людей, таких, как Дымов?

2. Найдите и прочитайте нужные отрывки из рассказа, подтверждающие ваши выводы.

3. К какому типу людей принадлежал Дымов?

4. Какой вывод Вы можете сделать из сопоставления А.П.Чехова, друзей Ольги Ивановны и Дымова?

5. Что поняла Ольга Ивановна, когда умер Дымов?

6. Проследите по тексту рассказа, как часто употребляется слово "великий". Применяет ли это слово А.П.Чехов к главному герою, доктору Дымову?

7. Какие литературные приемы использует А.П.Чехов, рассказывая историю Ольги Ивановны и Дымова? (показ в действии, авторский анализ, внутренний монолог, небольшие детали, отзывы других лиц).

8. Как А.П.Чехов отвечает на такие вопросы:

1) Отношение Дымова к друзьям Ольги Ивановны в первые месяцы семейной жизни.

2) Что думал, чувствовал Дымов, когда Ольга Ивановна уехала на Волгу с художниками?

3) Что было основной причиной смерти Дымова?

4) Что он представляет собой как человек науки, ученый?

5) Приведите эпизоды, характеризующие отношение Дымова к Ольге Ивановне.

**Задание 3**. Что говорит Коростелев о Дымове? Ответьте на вопрос: "В чем ценность и красота человеческой души?".

**Задание 4.** Дайте характеристику Дымова-человека, врача-ученого.

**Задание 5**. Какова разница в значении слов: всхлипнуть; заплакать; зарыдать?

**Задание 6.** Придумайте предложения со словами осунуться, похудеть так, чтобы показать оттенки различий в их значениях.

**Задание 7**. Употребите в предложениях слова ***холодный, жесткий*** в прямом и переносном значений. Вспомните примеры из текста.

**Задание 8.** Определите разницу в значениях подчеркнутых слов.

Его простота, здравый смысл и добродушие приводили ее в умиление и восторг.

Этот человек гнетет меня своим великодушием.

**Задание 9**. Составьте ситуации и предложения, употребляя в них следующие сочетания:

как снег на голову, как по маслу, подавать надежды, взять себя в руки, быть не в духе, не везет.

**Задание 10.** Передайте содержание наиболее понравившейся вам глав.

Благодаря разработанной эффективной системе работы по формированию гуманизации личности будущего врача преподаватели вооружаются практическими рекомендациями в реализации воспитательной функции на занятиях по русскому языку.

Выход в практику с такого рода учебным материалом свидетельствует об огромной важности гуманизации обучения, о необходимости влияния на формирование нравственно-этических и гуманистических качеств студентов.

Обучая русскому языку студентов, мы должны воспитывать в них культуру речи, её правильность. Правильность русской речи должна быть объектом внимания, изучения на каждом уроке русского языка, как и воспитательный аспект.

### ЛИТЕРАТУРА


1. Бехтерев В.М. Современные проблемы строения и функции мозга и в норме, и в патологии. – Л. : Медгиз. 1959, с 219.
2. Верещагин Е.М., Костомаров В.Г Язык и культура. – М., Русский язык, 1990. – С.4.
3. Дэвидсон Д., Митрофанова О.Д. Русский язык и литература в общении народов мира: проблемы функционирования и преподавания. (Пленарный доклад на У11 Конгрессе МАПРЯЛ). – М., Русский язык, 1990, с.16 – 17.
4. Иванюшкин А.Я. Профессиональная этика и в медицине (философские очерки), АМН СССР. – М.: Медицина, 1990.С. 19 – 20.
5. Педагогика и психология высшей школы, серия «Учебники, учебные пособия».- Ростов - на – Дону: «Феникс», 1998, - с. 20.
6. Учебное пособие по развитию русской профессиональной речи для студентов 2 курса медицинского факультета., -Душанбе, 2011
7. Царегородцев Г.И., Шмаков А.В. Медицина и нравственность. – В кн.: Этико-психологические проблемы медицины – Под ред. К.К.Платонова, М.: Медицина. 1978. с.361.
8. Чазов Б.И. Этико-психологические проблемы медицины. Мед.газ., 1978, 19 сент.


### ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ИНСОНИЯТПАРВАРИИ ШАХСИЯТ ДАР ДОНИШҶӮЁНИ МАКОТИБИ ОЛИИ ТИББӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ РУСӢ


Дар мақолаи мазкур шароитҳои педагогии ташаккули инсониятпарварии шахсияти донишҷӯёни макотиби тиббӣ дар раванди омӯзиши забони русӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин қайд карда мешавад, ки омӯзиши забони русӣ дар макотиби олии тиббӣ функсияҳои иртибототӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ ва инсониятдӯстиро ичро менамояд ва фанни забони русӣ дар макотиби олии тиббӣ дорои имкониятҳои кофӣ барои инсониятпарварии шахсияти табиби оянда мебошад.



**Калидвожаҳо:** инсониятпарварӣ, тиб, маълумот, рушди шахсият, тафаккури табиб, маҳорати касбӣ, фарҳанги нутқ, шахсият.


### ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ГУМАНИЗАЦИИ ЛИЧНОСТИ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ СТУДЕНТОВ-МЕДИКОВ РУССКОМУ ЯЗЫКУ


В статье рассматриваются педагогические условия формирования гуманизации личности студентов-медиков в процессе обучения русскому языку. В работе отмечается, что изучение русского языка в медицинском вузе выполняет коммуникативную, образовательную, воспитательную, культуроведческую и гуманитарную функции, что дисциплина русский язык в медицинском вузе обладает достаточными возможностями для гуманизации личности будущего врача.



**Ключевые слова:** гуманизация, медицина, образование, развитие личности, врачебное мышление, профессиональное мастерство, культура речи, личность.

**PEDAGOGICAL CONDITIONS OF FORMATION OF HUMANIZATION OF PERSONALITY IN THE COURSE OF TRAINING OF MEDICAL STUDENTS IN RUSSIAN LANGUAGE**

Of article. In article pedagogical conditions of humanization of personality of medical students in the course of training those in Russian language are considered. In work it is noted that studying of Russian language in medical school carries out communicative, educational, tutorial, cultural study and humanitarian functions that the discipline of Russian language in medical school has sufficient potentialities for humanization of personality of future doctor.

**Key words**: humanization, medicine, education, medical thinking, culture of speech, personality.

**Сведения об авторах:** ***Юлдошев У. Р.*** **-** доктор педагогических наук, профессор, заведующий кафедрой русского языка Таджикского государственного медицинского университета им. Абуали ибни Сино

***Шодиматова М.К.*** - старший преподаватель кафедры русского языка Таджикского государственного медицинского университета им. Абуали ибни Сино

***Лысых О.А.*** - старший преподаватель кафедры русского языка Таджикского государственного медицинского университета им. Абуали ибни Сино

## ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР - САМАРАИ ИСТИҚЛОЛ

***Иззатова М.И., Табарова З., Иззатова Н.***

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ**

***Таҳсилоти фарогир*** истилоҳест, ки бори нахуст дар Эъломияи Саламанка моҳи июни соли 1994 дар Конференсияи умумиҷаҳонӣ оид ба масъалаи таҳсили кӯдакони эҳтиёҷманд қабул ва корбаст гардида буд. Эъломияи мазкур аввалин ҳуҷҷати байналмилалиест, ки зарурати ислоҳоти маориф ва татбиқи амалии таҳсилоти фарогирро боисрор талаб менамояд ва дар он аз тамоми роҳбарони кишварҳо хоҳиш карда мешавад, ки ислоҳоти низоми маорифро баҳри ба таълиму тарбия фаро гирифтани ҳамаи кӯдакон, сарфи назар аз тафовути мушкилоти инфиродии онҳо фароҳам оварда, қоида ва меъёрҳои онро низ дар сатҳи қонунгузории Ҳукумат (ба истиснои мавридҳое, ки татбиқи он имконнопазир аст), татбиқ намоянд. Инчунин, тартиби ҳамаҷонибаи мубодилаи таҷриба, мусоидат ба иштироки волидон, ҷамоатҳо, ташкилотҳои ҷамъиятии маъюбон дар раванди тарҳрезӣ ва қабули қарорҳо, дастгирии ҳамаҷониба барои таҳияи усулҳои ташхис ва муайян кардани эҳтиёҷоти махсуси кӯдакон, таҳияи дастурҳои илмию методӣ оид ба таҳсилоти фарогир, таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба тайёр намудани мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогир ва ғайра аз ҷумлаи самтҳои сиёсӣ ва маблағгузории буҷетӣ маҳсуб мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти фарогир падидаи нав ва тақозои замон аст. Мусаллам аст, ки равандҳои навгонӣ дар соҳаи маориф се манбаи асосӣ: иҷтимоию иқтисодӣ, психологию педагогӣ ва ташкилию маъмурӣ дошта, иҷрои воқеии онҳо ба ҳамин манбаъҳо сахт вобаста аст ва маҳз онҳо метавонанд равандҳои навгониҳоро вусъат бахшанд ё ба ақиб кашанд.

Таҳсилоти фарогир на фақат равандест, ки ба ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии хонандагон, инчунин ба дигар аъзоёни коллективи муассисаи таълимӣ низ мусоидат намуда, ба рушди иттиҳодияҳо ва ҷамоатҳои маҳаллӣ нигаронида шудааст. Муассисаҳои таълимӣ бо мақсади беҳтар намудани шароитҳои таълиму тарбия ва муносибатҳои иҷтимоӣ дар коллективҳои меҳнатии худ метавонанд бо дигар шариконi иҷтимоӣ ҳамкорӣ дошта бошанд. Таҳсилоти фарогир чун воситаи рушди таҳсилоти дастрас барои ҳамаи кӯдакон талаб мекунад, ки муҳити фарҳангии муассисаи таълимӣ, қоидаю меъёрҳои дохилӣ ва низому тартиботи он вобаста ба талаботу имконоти хонандагону омӯзгорон тағйир дода шавад. Чунин раванди дигаргунсозии муассисаҳои таълимӣ ба як қатор мушкилот: муносибату ақидаҳои ҳуқуқпоймолкунӣ, вуҷуд надоштан ё нокифоя будани маҳорату малакаҳои зарурӣ, маҳдудияти захираҳо ва ғайра дучор шуда метавонанд.

Аниқу воқеӣ будани мақсаду вазифаҳо, ҳавасмандгардонӣ, дастгирӣ ва натиҷаҳои бадастоварда метавонанд ба раванди дигаргунсозиҳои муассисаҳои таълимӣ мусоидат намоянд. Гузариш ба таҳсилоти фарогир раванди тадриҷиест, ки бояд ба меъёрҳои аниқу муайяншудаи рушди тамоми низом асос ёбад. Он бояд ба ҳамаи аъзоёни ҷомеаи маҳаллӣ, воситаҳои ахбори омма, мақомоти маҳаллии маориф ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳамбастагии қавӣ дошта бошад.

Мафҳуми **таҳсилоти фарогир** дар қонунгузории мамлакати мо аввалин маротиба дар ҳуҷҷати «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» мавқеъ пайдо намуд. Дар ин ҳуҷҷат татбиқ ва рушди таҳсилоти фарогир яке аз самтҳои афзалиятноки таҳсилоти махсус эътироф гардидааст.

Меъёри асосии таҳсилоти фарогир чунин аст, ки ҳамаи кӯдакон сарфи назар аз тафовут ва мушкилоти ҷисмонӣ бояд имкони дар як ҷо таҳсил намуданро дошта бошанд. Аз ин рӯ, бо мақсади таъмин намудани сиёсати миллии маориф ба ҳар як кӯдак ба забони қонунгузорӣ мафҳуми **кӯдаки ба таҳсилоти махсус**, аз ҷумла кӯдаки маъюбро ворид намудан зарур аст.

Агар сухан дар бораи таҳсил равад, пас гуфтан лозим аст, ки ҳуқуқи таҳсил яке аз ҳуқуқҳои асосӣ ва ҷудонашавандаи конститутсионии ҳар як шаҳрванд ба шумор меравад

ва қонунгузорӣ барои маъюбон (чи калонсолон ва чи кӯдакон) меъёри баробарҳуқуқии таҳсилро пешбинӣ менамояд. Ҳуқуқҳои кӯдакони ба таҳсилоти фарогир эҳтиёҷманд дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ зикр ёфтаанд. Кафолати ҳуқуқҳои кӯдакони ба таҳсилоти фарогир эҳтиёҷманд дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» низ сабт гардиданд.

Соли 2009 бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳияи Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, марҳалаи фаъоли лоиҳа моҳи апрели соли 2009 оғоз гардид.

Соли 2010 лоиҳаи ин Консепсия таҳия ва ба Вазорати маориф ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод карда шуд. Моҳи апрели соли 2011 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» тасдиқ гардид.

Дар асоси нишондодҳои Консепсияи мазкур теъдоди муассисаҳои фарогири кӯдакони имконияташон маҳдуд афзуданд. Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 маркази будубоши рӯзонаи кӯдакони имконияташон маҳдуд ва марказҳои тавонбахшӣ, 13 мактаб-интернат амал менамоянд, ки онҳо таълиму тарбия ва тавонбахшии кӯдакони имконияташон маҳдудро ба уҳда доранд. Тибқи маълумотҳои расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 171447 маъюбон зиндагӣ мекунанд, ки беш аз 26345 нафари онҳо кӯдакони то 18-сола мебошанд. Дар Вилояти Хатлон дар шаҳру ноҳияи Кӯлоб бошад, 1213 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд умр ба сар мебаранд ва тақрибан 300 нафари онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо ҳамсолони худ таҳсил менамоянд.

Дар минтақаи Кӯлоб 4 маркази будубош ва тавонбахшии кӯдакони имконияташон маҳдуд мавҷуд аст. Аз ҷумла дар ноҳияи Восеъ як марказ бо номи «Ситора», дар шаҳри Кӯлоб 2 марказ бо номи «Парасту» ва «Меҳрон», дар ноҳияи Ховалинг 1 марказ бо номи «Ғунча » фаъолият дошта, ҳар сол даҳҳо кӯдакони имконияташон маҳдудро барои таълиму тарбия гирифтан ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ омода ва равона месозанд.

Яке аз шартҳои асосии иҷтимоигардонии кӯдакони эҳтиёҷманд таъмини шуғли барои ҷомеа фоиданоки онҳо мебошад, ки ин зарурати ба онҳо омӯзонидани касбу ихтисосҳои рақобатпазирро талаб мекунад. Ин масъала ҳамарӯза дар маркази диққати Ҳукумати кишвар, бахусус Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад ва Пешвои миллат дар Паёмҳои ҳамасола ва суханрониҳояшон ба маъсулини соҳа ҷиҳати дастгирии табақаи ниёзманди аҳолӣ таъкид ба амал меоранд.

Феълан дар назди ду муассисаи фарогири таълиму тарбия ва тавонбахшии кӯдакони имконияташон маҳдуди ш. Кӯлоб бо номи «Парасту» ва «Меҳрон»-и назди Иттиҳодияи Ҷамъияти «Заршедабону», «Ассотсиатсияи волидони кӯдакони имконияташон маҳдуд»-и ш.Кӯлоб, Маркази тавонбахшии «Ситора»-и ноҳияи Восеъ ва Парки технологии ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ синфхонаҳои таълими тарроҳӣ, таълими кешбофӣ, таълими дӯзандагӣ барои кӯдакон, донишҷӯён ва ҷавонони имконияташон маҳдуд курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касбу ҳунарҳои зардӯзӣ, чакандӯзӣ, тарроҳӣ, кешбофӣ ва омӯзиши компютер амал мекунанд.

Сифати таълиму тарбияи кӯдакони имконияташон маҳдуд бевосита ба салоҳияту истеъдоди педагогии кормандони муассисаҳои таълимӣ, сатҳи маҳорати касбӣ ва неруи эҷодии онҳо ҳамбастагӣ дорад. Бинобар ин, бо дарназардошти талаботҳои «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияташон маҳдуд барои солҳои 2011-2015» дар ДДОТ ба номи С.Айнӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ихтисосҳои дефектолог, логопед, сурдопедагог, олигофренопедагог, корманди иҷтимоӣ мутахассисон тайёр карда мешаванд. Соли хониши 2015-2016 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ хатми аввали мутахассисони шуъбаи дефектология ба амал пайваст, ки барои қисман таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорон-дефектологҳо мусоидат менамояд.

Хусусияти ташкили кори таълиму тарбия бо кӯдакони дорои нуқсонҳои инкишоф тақозо менамояд, ки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумие, ки таълими кӯдакони имкониятиашон маҳдудро таъмин менамояд, бояд тайёрии махсус дошта бошанд, аз уҳдаи таҳияи барномаҳои таълимию инфиродӣ ба хубӣ баромада тавониста, роҷеъ ба хусусиятҳои инкишофи рӯҳию ҷисмонии кӯдакони имкониятащон маҳдуд дониши кофӣ дошта бошанд. Бо мақсади дастгирии иловагии омӯзгороне, ки дар синфҳо, гурӯҳҳои таҳсилоти фарогир кор мекунанд, инчунин барои барномаҳои таълимиро пурра аз худ намудани кӯдакони ба таҳсилоти махсус эҳтиёҷманд, муассисаҳои таҳсилоти умумии муқаррариро бо мутахассисон (ёварони омӯзгор, омӯзгорони махсус, логопедҳо, омӯзгорони равоншинос) таъмин кардан зарур аст. Зеро, то ҳанӯз дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мутахассисони фавқуззикр намерасанд.

Маҷмӯан, рушди таҳсилоти фарогири кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тадриҷан дар асоси банақшагирӣ ва маҷмӯи тадбирҳо амалӣ карда шавад. Амалисозии ҳуқуқҳои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар мамлакат бояд яке аз вазифаҳои муҳимтарини сиёсати давлат дар соҳаи маориф дониста шавад. Ба чунин гурӯҳи кӯдакон додани маълумоти босифати томактабӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ яке аз шартҳои асосӣ ва муҳимтарини иҷтимоигардонии бомуваффақияти онҳо, таъмини иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти ҷомеа ва дар навъҳои гуногуни фаъолияти касбӣ ва иҷтимоӣ ба шумор меравад.


**АДАБИЁТ**

1. Конвенсия (Аҳднома) оид ба ҳуқуқҳои кӯдак аз 29 ноябри с.198
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». – Душанбе, 2004.
3. «Понятие инклюзиного образования» // Образование для всех: пути интеграции. – Саратов: гос.тех.ун-в, 2003. -С. 69-78.
4. Тавзеҳи сиёсати миллӣ дар соҳаи маорифи Тоҷикистон. Талабагони дорои талаботи махсус ва имкониятҳои махсус. – Душанбе, 2009. –С.18, 112-122.
5. Маълумоти омории ташкилоти байналмиллии «Миссияи Шарқ» дар ш. Кӯлоб, 2016.



**ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР - САМАРАИ ИСТИҚЛОЛ**

Дар мақолаи мазкур оид ба падидаи замони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон - таҳсилоти фарогир маълумот дода шудааст. Муаллифон ба он назаранд, ки равандҳои навгонӣ дар соҳаи маориф се манбаи асосӣ: иҷтимоию иқтисодӣ, психологию педагогӣ ва ташкилию маъмурӣ дошта, иҷрои воқеии онҳо ба ҳамин манбаъҳо сахт вобаста аст. Таҳсилоти фарогир на фақат ба ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии хонандагон, инчунин ба дигар аъзоёни коллективи муассисаи таълимӣ низ мусоидат намуда, ба рушди иттиҳодияҳо ва ҷамоатҳои маҳаллӣ нигаронида шудааст.

**Калидвожаҳо:** таҳсилоти фарогир, логопедия, сурдопедагогика, кӯдакони имконияташон маҳдуд, қонунҳо, консепсия.

**ИНКЛЮЗИВНОЕ ОБУЧЕНИЕ - ПЛОД НЕЗАВИСИМОСТИ**

Данная статья посвящена новому явлению периода независимости Республики Таджикистан - развитию инклюзивного обучения. Авторы считают, что в процессе нововведений в сфере образования доминирующими являются лишь три источника: социально-экономический, социально-психологический и организационно-педагогический, улучшение которых обеспечивает количество и качество образования. В этой связи, инклюзивное обучение не только процесс, который стимулирует и поддерживает обучающихся, но и направлено на стимулизацию и поддержку образовательных учреждений, членов коллективов, развитию местных общин и джамоатов.

**Ключевые слова:** инклюзивное обучение, логопедия, сурдопедагогика, дети с инвалидностью, законы, концепсия.

**INCLUSIVE TRAINING - FRUIT OF INDEPENDENCE**

This article is devoted to the new phenomenon of the period of independence of the Republic of Tajikistan - the development of inclusive education. The authors believe that in the process of innovations in the sphere of education only three sources are dominant: socio-economic, socio-psychological and organizational-pedagogical, the improvement of which ensures the quantity and quality of education. In this regard, inclusive education is not only a process that stimulates and supports students, but is also aimed at stimulating and supporting educational institutions, members of collectives, the development of local communities and jamoats.

**Key words:** inclusive education, speech therapy, speech education, children with disabilities, laws, concept.



**Сведения об авторах:** ***Иззатова М.И.***- доктор педагогических наук, доцент кафедры дошкольного образования и сорциального дела Кулябского государственного университета им.А.Рудаки.

***Табарова З.***- руководитель Информационно - резервного центра инклюзивного обучения Кулябского государственного университета им.А.Рудаки

***Иззатова Н.*** - ассистент кафедры психологии Кулябского государственного университета им.А.Рудаки


# ИНКИШОФИ НУТҚИ МАЗМУННОКИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ: МЕТОДИКА ВА РОҲҲОИ ИНКИШОФИ ОН


*Сайидамир Ализода*

**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Аз давраҳои хеле қадим одамон кӯшиш мекарданд фаҳманд, ки сирри таъсири калимаҳои зинда - каломи одамӣ- нутқ дар чист? Ин ҳадяи табиат аст ё маҳсули машғулияти амалии тӯлонии худи инсон.

Чун ба умқи таърихи ниёгони хеш менигарем, мебинем, ки "... Мавҷудияти хатту алифбо ва бо он навишта шудани "Авесто" худ шаҳодати ин аст, ки дар замонҳои қадимтарин қавмҳои тоҷику форс соҳиби маданияти хос буданд. Зеро хатту алифбо дар ҷараёни таълим ба хотири савод ва маълумот ҳосил кардан ба наслҳои ҷавон омӯзонида мешуд" [1]. Дар Рими қадим муаллими машҳури илми маонӣ ва баён Марк Фабий Квантилиан ба ҳисоб мерафт ва сатҳи талаботи ӯ аз шогирдонаш хеле баланд буд. Масалан, **тарбияи ҷиддӣ** ва **таҳсилоти ҳаматарафа** талаботи асосӣ ба шумор мерафт. Дар заҳматҳои ӯ барои инсонҳои имрӯза метавон чизҳои хеле лозимиро пайдо намуд: чӣ тавр

ташаккул додани маҳорати суханварии худ тавассути машқдиҳӣ, чӣ тавр рафтор намудан дар назди сомеон, кадом усулҳоро барои ороиши калом истифода бурдан ва монанди ин.

Агар ба таърихи суханварӣ ва методу усулҳои инкишофи нутқ дар Россия таваҷҷуҳ намоем, пеш аз ҳама, шахсияти М. В. Ломоносовро махсус ҷудо кардан лозим аст. Маҳз ӯ ба ислоҳоти забони русӣ шурӯъ намуда, ба нутқи адабии имрӯзаи рус асос гузошт. Ӯ қайд кардааст, ки ба суханвари хуб **истеъдоди табиӣ, пайравӣ ба муаллифон, машқ дар иншо, дониши дигар илмҳо** заруранд. Воқеан, мушоҳидаҳои зиёди пешниҳодшудаи М. В. Ломоносов баъди гузаштани сад сол ҳамчун илм - психологияи иҷтимоӣ ва назарияи идоракунӣ (роҳбарӣ) ифода ёфтаанд.

Л. С. Виготский хеле бамаврид қайд кардааст: «…Масъалаи тафаккур ва нутқ – ҳамчунон қадиманд, ки мисли илми психология,- маҳз ҳамин нуқта, масъалаи муносибати фикр ба сухан, аз ҳама камтар коркардашуда ва аз ҳама бештар тира ба ҳисоб меравад.

… маҳз дар мазмуни калима гиреҳи гуфтагӣ барин ягонагӣ, ки мо онро тафаккури каломӣ меномем, баста шудааст» [2].

Самти муҳимтарини омӯзиши методикаи муосири таълими забони модарӣ дар мактаби миёна - ин инкишофи нутқи мураттаби хонандагон ба шумор меравад. Вақтҳои охир маҳз ҷанбаи робитавии омӯзиши забони модарӣ авлавият (бартарият) пайдо карда истодааст. Зеро маҳз дар он барҳақ кафили ташаккули муваффақонаи шахсияти фаъоли иҷтимоиро мебинанд.

Аз ҷумла, дар Барномаи таълимии забони тоҷикӣ таъкид шудааст, ки “... Мақсади пешбарандаи тамоми зинаҳои таълим, аз ҷумла таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар бедор кардан, инкишоф додан ва тавоноӣ бахшидан ба захираҳои тафаккур – фикри таҳлилию танқидӣ, эҷодӣ ва созандаю офаранда иборат аст, яъне инкишофи тафаккур ва нутқи мактаббача нуқтаи баланди мақсади дарсҳои забони модарӣ дар синфҳои ибтидоист, ки дар ин нуқта тамоми равандҳои азхудкунии асрори забони модарӣ, аз ҷумла инкишофи нутқ, ба вуқӯъ мепайвандад. Таълиму омӯзиши мақсаднок, муттасил ва муназзами забони модарӣ, аз ҷумла дар синфҳои ибтидоӣ, ба ташаккули шахсияти суханфаҳму сухандон замина мегузорад” [3].

Таъкидҳои академикҳо-устодон Маҳмадулло Лутфуллоев ва Файзулло Шарифзодаро дар мавриди таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ, нодида гирифтан камоли беаҳамиятӣ мебуд: “... Пеш аз ҳама, таълими забони модариро дар синфи 2 (дар дигар синфҳо ҳам) аз мақсаду вазифаҳои аслии худаш набояд дур кард. Ин ҷо манзури мо ҳамин аст, ки қисми зиёди муаллимон раванди дарсҳои забони модариро ба рӯнависии машқу мисолҳо, аз ёд кардани қоида, саволу ҷавобҳои берун аз мавзӯи дарс, суханҳои умумӣ ва хушку холӣ табдил додаанд. Ҳол он ки мақсади асосии дарсҳои забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ:

- таъмини хониши дурусту равон, ифоданок ва фаҳмидани маънои чизе, ки мехонӣ;
- тоза ва озода навиштан ва фаҳмидани маънои чизи навишта (калима, ҷумла, матн);
- инкишофи фикр, нутқи гуфторӣ ва навишторӣ мебошад” [4].

Ҳамчунин, эродҳои омӯзгор ва методистони рус Н.И. Мовшович ва Т. М. Шмелеваро низ дар мавриди таълими забони модарӣ дар мактаб ба инобат нагирифтан ва ба онҳо розӣ нашудан номумкин аст. Чунончи, ...“таълими забони модарӣ дар мактаб дар алоқамандӣ бо малакаҳои нутқии хонандагон намегузарад ... хонанда, мисли ин ки забони бегонаро меомӯзад. Дар мактаб забон ҳаст, аммо амалан нутқ нест, забон ба хотири забон омӯзонда мешавад, аниқтараш ба хотири имло ва назарияи содаи забон, ки дар “батартиб даровардани ...” амалӣ мешавад ва маълум мешавад, ки малакаҳои нутқии хонандагон талаб карда намешаванд. Муҳим ҳангоми омӯзиши забони модарӣ дар мактаб расондани ҳудуд, ҳудудгузорӣ (фарққунонӣ) ... мебошад. Масъалаи муҳимми назариявӣ, ки дар назди мактаббача меистад ин аст, ки иштибоҳ накунад ва донад, ки чӣ чӣ ном дорад. Назария ҳеҷ кор намекунад, дар ҳеҷ чиз кумак намекунад. Кор бо матн ғолибан дар сарчашмаи тазаккурӣ бурда мешавад, вай ба шахсияти хонанда намерасад, дахл намекунад, ба онҳо бисёр маврид лозим меояд, ки на бо матни бутун, балки бо порчаи он – мисолҳо, ки мазмунан байни якдигар, ба ҳаёти бачаҳо алоқаманд нестанд, сару кор бигиранд” [5].

Инкишофи нутқи хонандагон – якум, ин пеш аз ҳама, раванди азхудкунии нутқ ё худ воситаҳои забонӣ (фонетика, лексика, грамматика, маданияти нутқ, услубшиносӣ) ва механизмҳои нутқ – дарки он, ифода карда тавонистани фикри худ ба шумор меравад. Дуюм, ин як боби методикаи омӯзиши забони модарӣ аст, ки фаъолияти махсуси таълимии муаллиму талаба ва ба омӯзиши нутқ, метод ва усулҳои ғанӣ ва фаъолгардонии захираи луғавии хонандагон, ташаккули сохти грамматикии нутқи онҳо (воситаҳои морфологӣ, ибора ва ҷумлаҳо), нутқи алоқанок – монолог ва диалог, матнҳои гуногуни типи функсионалӣ – луғавӣ (тасвирӣ, тавсифӣ, саргузаштӣ, мунозиравӣ) ва услубро меомӯзад.

Методикаи инкишофи нутқ ба назарияи фаъолияти нутқӣ ва психологияи нутқ, назарияи матн, сабкшиносӣ (услубшиносӣ), адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ такя менамояд. Дар методикаи инкишофи нутқ самтҳои зерини аз ҳам фарққунанда мавҷуданд:

- корҳои луғавӣ – услубшиносӣ;

- истифодаи луғатҳои услубшиносӣ барои инкишофи нутқ;

- омӯзиши меъёрҳои адабӣ аз ҷониби хонандагон, мукаммалгардонии маданияти нутқи онҳо, омӯзиши қоидаҳои одоби муошират;

- ташаккули малакаҳои хониши ифоданок ва дарк намудани он;

- методикаи кор аз болои меъёрҳои грамматикии забони адабӣ ҳангоми омӯзиши воситаҳои морфологӣ, ибора, ҷумла;

- омӯзиши мафҳумҳои нутқӣ, ба мисли *матн, гоя,воситаҳои алоқа дар матн, намуди матн, нақша, сарлавҳа, тезис ва г.;*

- омӯзиши воситаҳои ифоданокии сатҳҳои гуногуни забон: овозӣ, вазни шеър, луғавӣ, морфема, грамматикӣ, ибораҳои махсуси адабию мусиқӣ –синтаксисӣ;

- омӯзиши услуби нутқ, хусусиятҳои он;

- методикаи таълими ифодаҳо (фикрҳои баёншуда)-и шифоҳӣ;

- методикаи таълими нақли хаттӣ ва иншо;

- методикаи санҷиши корҳои хаттии эҷодии хонандагон, омӯзиши меъёри баҳогузорӣ ба нақли хаттӣ ва иншо.

Инкишофи нутқ ба раванди тафаккур алоқамандии зич дорад. Мактаби имрӯза ба инкишофи тафаккур дар раванди таҳсилот диққати зиёд медиҳад. Тафаккур бе маводҳои забонӣ наметавонад муваффақона инкишоф ёбад. Донистани калимаҳо, ки мафҳумҳоро ифода мекунанд, ба инсон кумак менамоянд, то ин мафҳумҳоро истифода барад, ба ибораи дигар фикр кунад. Тафаккури назарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ташаккул ёфта, дар тӯли умри инсон камол меёбад.

Баробари ба хонандагони хурдсол савод ёд додан, нутқи онҳоро инкишоф дода, қобилияти мустақилона баён кардани фикр ва хоҳишҳояшонро биомӯзонем, бояд муҳити хонаводагӣ, шароити зиндагӣ таъминоти воситаҳои таълимӣ ва дигар паҳлуҳои марбут ба таълиму тарбияи ӯро пурра донем. Зимни таҷрибаи тӯлонии хеш дар таълиму тарбияи кӯдакон ба хулосае омадаем, ки барои ташаккули инкишофи нутқи мураттаби хонандагони хурдсол ва ташаккули вусъати фикри онҳо заминаҳои хуби таълимӣ ва тарбиявӣ фароҳам овардан лозим аст. Кӯдак чи қадар фикр карданро, на танҳо аз болои вазифаҳо ва масъалаҳои дар мактаб гузошташуда, балки ба таври сода, барои завқ омӯзад, ҳамон қадар ақлаш, зеҳнаш, масъулият ва ҷиддияташ тезтар ташаккул меёбанд.

Маҳорати боварибахш, аниқ, фаҳмо ва муъҷаз сухан рондан – ташвиш ва орзуи ҳар яки мост. Доштани маҳорати суханронӣ инсонро ба сӯйи комёбиҳо мебарад. Беҳуда нагуфтаанд, ки «Сухани хуб - нисфи комёбӣ»-ст.

Дар шароити имрӯзаи тараққиёти ҷомеа, алалхусус, ҳар рӯз тағйирёбанда, ки моҳияти сухани дуруст ва боварибахш афзудан дорад, масъалаи нутқи таъсирбахшу босамар махсусан муҳим аст. Мактаби имрӯза бояд ашхоси дорои қобилияти амиқи фикркунӣ ва дарк карда тавонистанро тайёр намояд, ки на танҳо дониш дошта бошанд, балки ин донишҳоро дар ҳаёт истифода бурда тавонанд, робита барқарор намуда, дорои маърифати ботинӣ бошанд. Мақсад он нест, ки хонанда ҳарчи бештар зиёд донад, балки дар он аст, ки вай аз рӯйи донишҳои доштааш амал карда, масъалаҳои бамиёномадаро дар дилхоҳ вазъият ҳал карда тавонад. Омили аз ҳама муҳим ва бартаридошта дар ин маврид – маданияти нутқ ва фаросати муносибат карда тавонистан ба ҳисоб меравад. Аз худ кардани забон, нутқ – шарти зарурии ташаккули шахсияти фаъоли иҷтимоӣ ба шумор меравад. Барои ин, яке аз масъалаҳои нисбатан муҳимми таълими хонандагон дар марҳилаи ҳозира инкишофи фаъолияти нутқӣ ба шумор меравад.

Аз инкишофи хуби нутқ чӣ метавонад муҳимтар ва хубтар бошад? Бе ин комёбии ҳақиқӣ дар таълим ва муносибати воқеӣ имкон надорад. Барномаи таълимии имрӯза нисбати инкишофи нутқи хонандагон талаботи баланд мегузорад. Инкишофи нутқ, бахусус нутқи мураттаб – раванди мураккаб ва эҷодӣ аст. Он бе ҳиссиёт ва шавқ имконнопазир аст. Ғанӣ гардонидани хотираи мактаббача бо калимаву истилоҳ ва тавъамкунии онҳо, тартиб додани ҷумлаҳо басанда нест. Асос дар инкишофи фасеҳӣ, саҳеҳӣ, пурмаъноӣ ва рангорангии нутқ аст.

Инкишофи нутқ фаъолияти доимӣ ва пайдарпайи таълимӣ мебошад. Инкишофи нутқ усулҳои гуногун, номгӯйи машқҳои муайян, барномаи малакаҳои худро дорад, ки бо методикаи муайян асоснок шудаанд. Асоси малакаҳои нутқ дар синфҳои ибтидоӣ гузошта мешавад: маҳз дар ин ҷо кӯдакон бо забони адабӣ, бо намунаи нутқи хаттӣ ва зарурати мукаммал гардонидани нутқ дучор мешаванд. Вазифаи асосии кор оиди инкишофи нутқи мураттаб дар синфҳои ибтидоӣ аз он иборат аст, ки он ҷиро ба кӯдакон омӯзонем, то ки озод ва дуруст фикри худро дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ баён карда тавонанд. Ҳалли ин масъала бо роҳи дар хонандагон ташаккул додани маҷмӯи малакаҳои нутқ, кадоме, ки имконият медиҳанд фикри баёншударо дарк, мазмуни онро баён ва фикри худро эҷод намоянд, иҷро карда мешавад. Дар ин лаҳза чизи аз ҳама муҳим ва умумӣ он аст, ки ҳангоми дарк кардан ва ҳам ҳангоми баёни мазмун, ҳамзамон ҳангоми эҷоди фикри худ фаъолияти кӯдакон ба матн, ба паҳлуҳои мазмун, сохт ва тартиби нутқ нигаронида мешавад. Дар дастурҳои методӣ барои омӯзгорон усулҳои гуногуни инкишофи нутқи хонандагон пешниҳод гардидаанд:

- аз тарафи муаллим хабар додани маълумотҳои нав;

- гузоштани саволҳо (аз он ҷумла инкишофдиҳанда, масъалагузорӣ проблемавӣ;
- ба вуҷуд овардани вазъияти муошират (робита);
- ба шакли бозӣ ташкил кардани вазъият (шароит)–и нутқӣ (бо ҳамсинфон, волидон, муаллимон, бо ёрии лухтак ва монанди инҳо);
- пешниҳоди намуна ва таҳлили он;
- суҳбат;
- таҷриба, озмун;
- таҳрир (ҷустуҷӯ, шарҳу эзоҳ додан ва ислоҳи хатогиҳо)-и матнҳои каси дигар (бегона);
- таълими худтаҳриркунӣ;
- фаъолияти "иғво»-ангези омӯзгор;
- тартиб додани матнҳо бо назардошти талаботи услуб, масъалаи ҳалталаб ва вазъияти баён ё ифодаи он ва монанди инҳо.

Намуди паҳншудатарини инкишофи нутқи мураттаб дар дарсҳои хониш нақл (ҳикоя)-и мазмуни матни хондашуда ба ҳисоб меравад. Дар инкишофи нутқи мураттаб чанд роҳи асосии онро ҷудо кардан мумкин аст :

1. **ҳикоя кардан (мазмуни матни хондашуда), нақл кардан;**
2. **навиштани иншо (ҳамчунин аз рӯйи расм);**
3. **кор бо калима (луғат** аз худ кардан). Методикаи тартиб додани варақаи луғатро тахминан чунин тафсир кардан мумкин аст:

- хусусияҳои талаффузи калима;
- маънои аниқи луғавӣ (ҳақиқӣ ва маҷозӣ);
- хусусиятҳои шакли грамматикӣ;
- синонимҳо, антонимҳо, омонимҳо;
- таркиби калима, калимаҳои якрешадор;
- асл (этимология) – и калима;
- намунаи тавъамияти луғавӣ, аз ҷумла тавсиф (ташбеҳ) ба калима;
- намунаи истифодаи калимаи додашуда дар адабиёти бадеӣ, матнҳои фолклорӣ, мақолаҳо дар газетаю маҷаллаҳо ва монанди инҳо (аз рӯйи методикаи Канакина В. П. "Работа с трудными словами") [6].

Ҳангоми тартиб додани варақаи луғат аз ҳамаи луғатҳои забоншиносии мактабӣ истифода бурдан мумкин аст;

4. **кор бо ибора** (тартиб додан)**;**
5. **кор бо ҷумла** (тартиб додан аз калима ва ибораҳо);
6. **кор бо матн** (аз ҷумлаҳои тартибдода матни пурра сохтан).

**Эзоҳ:** *шарҳи муфассали қисмҳои 1- 6 дар ин ҷо дарҷшудаҳо нигаред ба маҷаллаи «Илм ва инноватсия», №1-2 2015(12), саҳ.96-100)*.

Дар адабиёти методӣ усулҳои гуногуни кор бо матн дар дарсҳои забон ва адабиёт тавсиф шудааст:

- муқоисаи ҷумлаҳои алоҳида бо матнҳо;
- ёфтани ҳудуди ҷумлаҳо дар матн;
- тақсим кардани матн ба сатрҳо (бандҳо-абзатс);
- барқарор намудани матни шаклаш тағйирдодашуда;
- гирд овардани матн;
- ҷудо кардани ҷумлаҳои такягоҳӣ дар матн;
- тартиб додани нақша (тасвирӣ, шифоҳӣ);
- гузоштани нақшаи тайёр;
- муайян намудани мавзӯи матн;
- муайян намудани фикр (ғоя) (ҷудо намудани ҷумлае, ки маънои асосии матн ифода ёфтааст, муносибати муаллиф бо мавзӯи матн);
- гузоштани сарлавҳа ба матн;
- таҳлили унвони гузоштаи муаллиф (барои чӣ асар чунин номгузорӣ шудааст);
- интихоби зарбулмасал ба матн;
- муқоисаи нақшаҳои гуногун ба як матн;
- расмкашии шифоҳӣ;
- расмдор кардан (ороиш додан)- и матн;
- таҳлили ороиши тайёри матн;
- ҷудо кардани қисмҳои таркибии матн (оғоз, қисмати асосӣ ва хотима);
- иншо аз рӯйи оғози ҷудошуда;
- навишта илова кардан ба хотимаи ҷудошудаи матн;
- иншо аз рӯйи калимаҳои такягоҳӣ;
- иншо – тавсиф аз рӯйи расм;
- иншо аз рӯйи силсилаи расм ва диафилмҳо ва монанди инҳо;
- исбот: сабтшуда матн ҳисоб аст; таҳлили сохт ва воситаҳои алоқа дар матн;
- тартиб додани матни намудҳои гуногуни нутқ аз рӯйи як мавзӯъ;
- тартиб додани матн бо услуҳои гуногун аз рӯйи ҳамон як мавзӯъ;
- тартиб додани матн аз рӯйи як ҷумла (масалан, зарбулмасал);

- таҳлили воситаҳои забонии ифоданокии матн;
- суҳбат аз рӯйи мазмун (сохти симоҳо дар ҳикоя, хусусияти сужет ва монанди инҳо);
- хониши интихобӣ;
- хониши ифоданок;
- нақли мазмуни матн аз номи қаҳрамонони гуногун.

Ҳамаи роҳҳои кор ба якдигар зич алоқаманданд. Воҳидҳои асосии синтаксии забон дар ҳар сурат ибора ва ҷумла ба ҳисоб мераванд.

Ташкили корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ аз фанни забони тоҷикӣ дар мактаб омилҳои инкишофи нутқи мазмуннок мебошанд, ки асосан инҳоянд:
- суҳбат ба забони тоҷикӣ;
- викторина;
- нашри маҷаллаҳои шифоҳӣ;
- газетаи деворӣ (бюллетен);
- олимпиада;
- экскурсия;
- ҳафтаи (ҷашнӣ, идӣ) забони тоҷикӣ ва монанди инҳо ба шумор мераванд.

Методикаи гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ аз забони тоҷикӣ ва самаранокии онҳо ба қобилият ва маҳорати педагогии омӯзгори ин фанҳо вобастагии ногусастанӣ дорад.


**АДАБИЁТ**

1. Қодир Қодиров. Таърихи тарбия аз аҳди бостон то замони Сомониён / Қ. Қодиров. - Душанбе, 2012.
2. Лев Семенович Выготский. Мышление и речь / Л. С. Выготский. Изд. 5, испр. М.: Издательство "Лабиринт", 1999. - 352 с.
3. Барномаҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ. Забони тоҷикӣ ва математика. - Душанбе, 2007.
4. Ф. Шарифзода. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2 / Ф. Шарифзода, М. Лутфуллоев [ва диг.]. –Душанбе: Ирфон, 2014.
5. Ветлужский Т. Л. Образные коллизии в речи детей / Т. Л. Ветлужский. // Детская речь и пути её совершенствования: Межвузовский сборник научных трудов – 2. –Свердловск: СГИ, 1989. –С. 12 – 21.
6. "Русский язык: через активную грамматику к речи", Русский язык. 1997. - №5. ( Канакина В. П. "Работа с трудными словами").



**ИНКИШОФИ НУТҚИ МАЗМУННОКИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ: МЕТОДИКА ВА РОҲҲОИ ИНКИШОФИ ОН**

Дар мақола асосҳои таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ зикр шуда, роҳҳои ташкил ва усулҳои гузаронидани ин чорабиниҳо нишон дода шудаанд. Муаллиф чунин мешуморад, ки инкишофи нутқи мураттаб (алоқанок) мақсади асосии таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** Инкишоф, нутқ, мазмуннок, хониш, луғат, ибора, ҷумла, усул, нақли хаттӣ (иншо), ифоданок (пурмаъно).

**РАЗВИТИЕ СВЯЗНОЙ РЕЧИ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ: МЕТОДИКА И ПУТИ ИХ РАЗВИТИЯ**

В статье показываются особенности обучения родного языка в начальных классах и указаны пути организации и методика проведения этих мероприятий. Автор считает, что развитие связной речи считается основной целью обучения родного языка в начальных классах.

**Ключевые слова:** развитие, речь, связной, чтение, словарь, словосочетание, предложение, методика, изложение, выразительно.

**DEVELOPMENT LIAISON SPEECHES STUDENT OF THE INITIAL CLASSES: METHODS AND WAY THEIR DEVELOPMENT**

The particularities of the learning the native language appears In article in initial class and is specified way to organizations and methods of the undertaking these action. The Author considers that development liaison speech is the native language considered by main intention learning in initial class.

**Key words:** Development, speech, liaison, reading, dictionary, word-combination, offer, methods, interpretation, expressive.



**Сведения об авторе:** ***Сайидамир Ализода*** – соискатель Академии образования Таджикистана


# НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ПРОЦЕССА ФОРМИРОВАНИЯ ГУМАНИСТИЧЕСКОЙ НАПРАВЛЕННОСТИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ В УСЛОВИЯХ МОДУЛЬНОЙ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ПРАКТИКИ


***Хасанов Ш.Р.***

**Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава**


Цель данной статьи состояла из внедрения предложенной модели формирования гуманистической направленности личности студентов в процессе организации и проведения модульной педагогической практики, и предполагала:

1. Апробировать наиболее эффективное условия становления и развития гуманистической направленности личности будущего педагога в процессе педагогической практики.

2. Определить общую стратегию и технологический инструментарий, обеспечивающий совершенствование гуманистической направленности личности будущего учителя в условиях гуманизации модульной педагогической практики вуза.

Объектам исследования выступали: экспериментальные и контрольные группы студентов Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава (4-5 курс). Экспериментальные группы представляли студенты исторического факультета по специальности №1-23.01.13 (история и архивоведение). Итак, по специальной экспериментальной программе участвовало 75 студентов разных курсов факультета истории и права Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава.

Исходя из этого можно отметить, что процесс формирования гуманистической направленности не только многосторонний, но и усложнённый. Он явилось фундаментом для решения следующих задач эксперимента: апробации более качественных ситуаций, которые определяют успешность гуманистической ориентировки будущих учителей в условиях модульной организации педагогической практики. С этой целью нами разработаны основные направления экспериментальной работы, которые заключились в:

- интеграции и наполнение содержания модульной практики информацией, которая связана с установлением специфики будущей профессиональной гуманистической ориентированной деятельности;

- приспособлении методик организации модульной практики и творческой самостоятельности студентов с применением гуманистически ориентированных дидактических технологий;

- формирование социально-активной позиций будущих учителей – практикантов посредством включения их в организацию и проведение духовно – нравственных проблем в процессе педагогической практики.

С целью практической реализации вышеназванных направлений, разрабатывали программу эксперимента, тем самым стремились усилить гуманистическую направленность содержания педагогической практики с использованием таких психолого-педагогических условий, как: развитие у будущих учителей многоаспектной информации о гуманистических ценностях педагогической деятельности в процессе практики; деятельностная экстериоризация гуманистических ценностей принятия гуманистических идеалов, становление внутренних ориентиров гуманного отношения к себе и окружающим, готовности к педагогической деятельности в соответствии с духовно – нравственными ценностями.

Модульная организация педагогической практики подчинена необходимым нормативным требованиям: проводится по классам, предоставляют конкретное количество занятий, ведут воспитательную работу в классе, руководство практикой выполняют совместно с педагогами, психологами, администрацией школы и по окончании практики будущие учителя сдают определенным перечень документов и получают итоговую оценку. Следует заметить, что в этом процессе избегают формализма и делать первое знакомство с профессией становится актом творческим. Это требует организовать практику не репродуктивно, а личностно-продуктивно в педагогической деятельности.

Это, в свою очередь, требует создание руководителями практики педагогических ситуаций стимулирующих гуманистические ценности будущих педагогов в таких ситуациях:

1. Ситуация «защиты темы» - ставила практиканта в условиях, когда результат деятельности группы зависит от способности актуализировать сущность изучаемого, направленности студента в вопросах гуманистического содержания ценностей педагогической деятельности, умение работать в пространстве диалога, отбирать и транслировать учебный материал с точки зрения его соответствия гуманистическому содержания педагогической направленности. Для успешной реализации данной ситуации мы использовали приемы, связанные с организацией деятельности и коммуникации студентов процессе педагогической практики. «Взаимопомощь» -методист так организует деятельность практикантов, чтобы от поддержки друг друга совершился успех совместной организации гуманистических проблем. Прием «Акцент на лучшее». Руководитель в беседе с будущими учителями подчеркивает лучшие черты каждого и его оценка должна быть объективна и опираться на определённые факты. Прием «Ломка стереотипов», «История про себя», «Общаться по правилам», «Общее мнение», «Коррекция позиций», «Справедливое распределение», «Обмен ролями», «Мизансцена» и др.

2. Ситуация «Собственная позиция» ставить практикантов перед необходимостью решения всевозможных педагогических задач, в которых актуализировалось выражение собственного мнения, само обоснование своих действий в рамках гуманистического содержания педагогической деятельности в ходе модульной практики. Были использованы такие приемы: «Ролевая маска», «Прогнозирование развития ситуации», «Импровизация на свободную тему», «Обнажение противоречий», «Встречные вопросы» и др.

3. «Принятие решения (назначение ситуации) в основном заключалось в разрешении различных педагогических задач, стимулирующих гуманистическую позицию будущего педагога, в условиях которой собственные достижения и самореализация собственной личности

зависит от способности принимать решения, которые приводят к самореализации других субъектов в ситуации, связанной с навыками распределять роли в общении, делегировать принципы, мотивировать потребности в достижении условий актуализирующих саморазвивающую деятельность студентов в процессе модульной организации практики.

4. Технологическим инструментарием построения ситуации «самоотрицания» явились постановка будущего педагога в условия, когда качественность деятельности предполагала активную рефлексию личностного опыта на базе специально разработанных заданий и тестов.

В плане личностного развития и достижения определенных результатов, нами было практиковано изучение каждым студентом данных личностных тестов. Процедура письменного самоанализа позиции на данные тестов, новые понятия и реалы. Тем самым обеспечивали внедрение практикантов в работу по приобретению информации о себе, необходимости интеллектуальной деятельности, которая направлена на раскрытие своих самоощущений и самоустановок образов, составляющих фундамент образа педагогической деятельности. В самопонимании его существует: знак прошлого опыта практиканта и его воздействие на развитие у будущего педагога педагогического сознания; уровень принятия или непринятия практикантом тех психолого-педагогических категорий и понятий, с которым он столкнулся во время практики; динамика его педагогических представлений и стереотипов поведения.

Полученные данные в результате эксперимента свидетельствуют о том, что у студентов-практикантов заметно уменьшался разрыв между идеальным и реальным. Этого подтверждают письменные и устные отзывы самих практикантов, утверждая, что психологически стали чувствовать себя более конкретно, приобрели уверенность в овладении жизненными проблемами и т.д.

Особые место в экспериментальной работе занимает историко-художественное погружение студентов в гуманистическую проблематику в процессе практики. Поскольку данный подход расширяет пространство «внутренней свободы» будущих специалистов, т.е. они получают возможность высказывать свои предложения, взгляды, суждения, по поводу явлений, которые появляются в процессе группового обсуждения.

При реализации вышеназванных направлений нами были использованы такие приемы, как: «Сочини конец истории», практикантом предлагалось сочинить свою концовку истории и решить гуманистическую проблему, описанную в таджикском литературном произведении. Приём «Добрые слова», предлагается вспомнить добрые слова, которые говорят герои и произнести их в учебно-воспитательном процессе в школе. Приём «Творчество на заданную тему» -практиканты свободно импортируют определенную тему – моделируют, конструируют, инсценируют делают литературные и иные зарисовки, комментируют, разрабатывают и т.д. Кроме них также широко были использованы юмор изменение обстановки, обращение к экспертам как педагогический приём. Их может быть бесконечное множество, следует заметить, что каждая ситуация создаёт новые приёмы, любой педагог из нескольких приёмов применяет те, которые считает наиболее плодотворными. Но практика показала, что не все приёмы подходят к отдельному студенту в процессе групповой формы работы.

Следующим этапом формирования гуманистической направленности личности будущих учителей в процессе модульной организации педагогической практики явились апробирование гуманистического ценностного содержания в процессе педагогического обнаружения, порождения новых ценностей и рефлексии как обратной связи, гармонизации между вновь усвояемым гуманистическим ценностным содержанием. В этом процессе мы пытались применять в основном деятельные способы обучения, в том числе элементы социально – психологического тренинга, которые включают психологические игры, решение ситуативных задач и т.д.

Обобщая существующие подходы к организации модульной практики как системы подготовки будущего учителя мы опирались на такие моменты:

1. Обязательность процедуры предварительный подготовки, куда входят:

- изучение ценностных ориентаций практикантов, анализ стереотипов восприятия или образов ребенка, педагога, преподавательского труда, знак прошлого опыта проживания социального назначения ученика;

- усвоение эмоционально – личностных качеств практиканта, критериев оценки или педагогической деятельности;

- обнаружение психологических преград, устройств защитного поведения, систем и методов рефлексии различия ролевого и личностного поведения, негативных моментов «Я-образ», разрыва между идеальным и реальным;

- дискредитация неадекватных гуманистических установок и стереотипов поведения, демонстрация гуманистических подходов к организации педагогического взаимодействия, обнаружение их эффектов, помощь в их принятии практикантами.

2. Наличие фактора группового процесса, который имеет терапевтическое влияние:

- единство группы;
- привитие веры;
- конкретность;

- альтруизм (каждый студент старается помочь друг другу);
- доставка информации (дидактический инструктаж и информирование практикантов);
- формирование межличностных способностей;
- подражающее поведение;
- катарсис: когда концентрация на отрицательных эмоциях подводит к отношению и появлению чувства свободы.

Особое внимание мы уделяли таким процессам: сговорчивость («размораживание» специалиста, направленность на обеспечение его открытости, уменьшение бесполезной напряжённости, преодоление сопротивления изменениям), приобретение умений всей группы, идентификации (друг с другом и преподавателем); показ приемов и техники профессиональный деятельности для ее заимствования и воспроизведения; мобилизация.

На этом этапе опытно-экспериментальной работы были использованы по деятельностному проявлению гуманистической направленности–эмоциональный тренинг и технологический тренинг, а по рефлексии и эмоционально–деятельностному закреплению гуманистического ценностного содержания–тренинг профессионального самосовершенствования.

словосочетания занимают преобладающее место в общественно – политической лексике. Вот им и следует уделить должное внимание. Предлагаю некоторые из именных словосочетаний:

1.Существительное в именительном падеже +существительные в родительном падеже ( победа народа, министр связи, президент республики, феномен лидерства, лидер нации).

2. Два прилагательных + существительное (демократическая национальная, политика, мировая экономическая система, национальная демократическая партия.( дружеский визит, интернациональная делегация, международные отношения. Прилагательное + существительное в именительном падеже +существительное в родительном падеже(экономические обозреватель Таджикистана, общий кризис мира, мировоззренческое ядро деятельности).

По предложенным образцам студенты легко находят в газете нужные словосочетания. Сочетаемость слов тесно связаны с многозначностью их. Знания студентов в этой области невелики. Нередко даже такие общеупотребительные глаголы, как защищать, заниматься, охранять, выступать и другие, известны им только в одном- двух значениях. Работа над текстами газетных статей поможет студентам углубить свои знания. Чтобы работа по газетным статям велась систематически необходимо заменить ряд тем. Для студентов неязыковых факультетов можно рекомендовать такие темы:

1. «Поздравительные телеграммы, правительственные послания руководителей РТ главам правительств государств, политическим и общественным деятелям».
2. «Приезд и отъезд делегаций».
3. «Прием в честь иностранных гостей, политических и общественных деятелей».
4. «Спорт».
5. «Из жизни за рубежом».
6. «Таджикистан сегодня» (по газетам нашей республики).

Много внимания уделяем таким видам работы, которые максимально повышают активность студентов на уроке. Большое значение придаем вопросно-ответной форме закрепления новых слов, различным видам диалогической речи. Например: Вопрос обучения различным профессиям и ремеслам, подготовка рабочих кадров является важнейшей задачей руководителей и ответственных лиц министерств труда, миграции и занятости населения, образования и науки, министерств и ведомств и имеющих в своих структурах учебные учреждения, а также руководителей областей, городов и районов, они обязаны укреплять материально и технические базы училищ, особенно центров обучения подготовки конкурентоспособных на рынке труда кадров. С целью выполнения поручения Главы государств в 2О15 году во всех учреждениях по воспитанию рабочих кадров министерство труда миграции и занятости населения, других министерствах и ведомствах имеющих в своих структурах учебные учреждения, более 2ОО тысяч человек обучились новым ремеслам и подготовились к деятельности на внешних и внутренних рынках труда.

Чтобы студенты сумели кратко изложить основное содержание текста и передать основную мысль, были предложены следующие вопросы:

1.Что говорить в своем послание президент РТ?

2.Какое пожелание выражается в послание президента РТ?

Не всегда преподаватель находить время на уроке для чтения газетных статей, сообщений. Но тут могут быть использованы карточки. Например: при изучении темы « Виды глагола одному из студентов при вопросе дается помешанное в карточке следующее задание:

1. В «Точиксодиротбанке нам заявили, что могут …ипотечный кредит (предоставить)
2. Не которые эксперты…. пока придерживаться выжидательной позиции.(советовать)
3. Япония и Таджикистан …. договоренности о реализации совместных инвестиционных проектов.(подписать)

При изучении темы времена глагола в карточках требовалось:

1. Ответить на вопросы употребляя в ответах слова данные в скобках,….

- Он смог….. надежную команду единомышленников и….. себя квалифицированными советниками ( сформировать окружить).
- Лидер нации четко и конкретно….. курс на развитие и укрепление государственности как основы национальной независимости ( выдвинуть).
- Данный титул…… Эмомали Рахмона за выдающейся заслуги перед Таджикистаном и таджикским народном (присвоить).
- Самым большим успехом Эмомали Рахмона……то ,что Республика Таджикистан за последние двадцать лет смогла……. свою государственную независимость, укрепила и развивала ее (является, сохранить).

2.Перевести на русский язык данные словосочетания. С одним из них составить предложение.

- ягонагии мили - национальное единство
- созишномаи чахони – мировое соглашение
- худидоракунии махали – местное самоуправление
- санъати милли – национальное исскуство

После усвоения лексики на определенную тему можно провести письменную контрольную работу. Так, например, диктант с грамматическим заданием.

Лидер нации – это тот деятель, который обеспечивает стабильное экономическое развитие, социальную сплоченность национальное единство, определяет вопрос направления развития страны на долгосрочную перспективу, формулирует и представляет собственному народу и всему мировому сообществу национальную идею и национальную модель демократического развития.

Лидерство – это системное явление, и для того чтобы возможности и желания лидера совпадали, нужно, чтобы задатки лидера, его навыки и умения формируемые в процессе социализации, также социальные условия, в которых лидер реализует себя «сложились» в единый процесс преданность родине.

**Задания** 1.Переведите на родной язык словосочетания: лидер нации, экономическое развитие, национальное единство, мировое сообщество, демократическое развитие.

2. К выделенным словам и словосочетаниям подберите словосочетания, близкие по значению: желания лидера, национальная идея, долгосрочные цели, поставленные задачи.

Перечисленные приемы работы помогают добиться прочных навыков устной речи, вырабатывают у студентов быструю реакцию при ответах на вопросы и обеспечивают уровень знаний, необходимый для ведения беседы на общественно – политические темы. Неоспорима и идейна воспитательная ценность актуальных газетных материалов умело и целенаправленно привлекаемых преподавателем для воспитания чувства патриотизма и интернационализма, для развития интереса к событиям международной жизни.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Газета Asia Plus (2 октября 2015г.)
2. Русский язык и литература в таджикской школе 1972г.
3. .Русский «Ба куллахои дониш» ( от 16 –го февраля 2016г. стр. 8-9).
4. Послание Лидера Нации Президента Таджикистана Эмомали Рахмона от 20.01.2016 г. Душанбе.

## ИСТИФОДАИ МАВОДИ РӮЗНОМАҲО ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ЗАБОНИ РУСӢ

Тамоми низоми таълими забони русӣ дар гурӯҳҳои ғайризабонӣ ба мақсадҳои инкишофи нутқ, мақсадҳои истифодаи фаъоли амалии забон ҳамчун воситаи муошират тобеъ карда шудааст. Кор оид ба инкишофи нутқ бо қонуниятҳои луғавӣ – грамматики забони русӣ муайян карда мешавад. Истифодабарии амалии донишҳо аз фанни забони русӣ ин кор бо рӯзнома аст. Ҳангоми мутолиаи рӯзнома ҷаҳонбинӣ васеъ мегардад, донишҷӯй дорои маълумотҳои наву шавқангез мегардад ва аз вазъияти байналмилалӣ бархӯрдор гардида, ба донишҷӯён оиди ҷобаҷогузории маводи рӯзнома, макони нашри он ва доираи масъалаҳое, ки дар рӯзнома баррасӣ мешавад, шарҳ дода мешавад.

**Калидвожаҳо:** низоми таълими забони русӣ, гурӯҳҳои ғайризабонӣ, омӯзиши мутолиаи рӯзнома, хониши маводи рӯзнома, азхудкунии луғати тахассусӣ, маҳорати истифодаи луғати забонҳои русию тоҷикӣ,

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ГАЗЕТНОГО МАТЕРИАЛА НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА

Вся система обучения русскому языку в неязыковых группах подчиняется целям развития речи, целям практического активного пользования языкам как средством общения. Работа по развитию речи определяется лексико - грамматическими закономерностями русского языка. Практическим применением знаний по русскому языку является работа с газетой. При чтении газет у студентов расширяется кругозор, они узнают много нового и интересного, учатся ориентироваться в международной обстановке, студентам разъясняется, как расположен материал в газете, где оно издается, какой круг вопросов оно охватывает.

**Ключевые слова:** система обучения русскому языку, неязыковые группы, обучение чтению газет, чтение газетного материала, освоение специальной лексики, умение пользоваться русско-таджикским словарем,

## USE OF NEWSPAPER MATERIAL AT LESSONS OF RUSSIAN LANGUAGE

The entire system of teaching the Russian language in non-linguistic groups is subject to the goals of speech development, the goals of the practical active use of languages as a means of communication. Work on the development of speech is determined by the lexico - grammatical laws of the Russian language. Practical application of knowledge of the Russian language is working with the newspaper. When reading newspapers, the students expand their horizons, they learn a lot of new and interesting things, learn to navigate in the international situation, students are explained how the material is located in the newspaper, where it is published, what range of issues it covers.

**Key words:** Russian language teaching system, non-linguistic groups, teaching of newspaper reading, reading of newspaper material, mastering of special vocabulary, ability to use the Russian-Tajik dictionary,

**Сведения об авторе:** ***Розикова Саодат*** - кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры русского языка для нефилологических факультетов Таджикского национального университета
**Телефон: 907-74-62-03**

# ТАСНИФОТИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ВА БЕРУНАЗМАКТАБИИ ҒАЙРИАНЪАНАВӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ ХОНАНДАГОН

*Рамазонова Р.С., Бегова Ф.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Масъалаи корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ҳамчун усулҳои ғайрианъанавӣ дар низоми педагогӣ ҳанӯз солҳои 70-уми асри XX мавриди муҳокима ва истифода қарор дошт. Вале афкори педагогӣ танҳо аз рӯйи меъёрҳои зоҳирӣ ва аксар вақт тавассути истифодаи нақшаҳо, порчаҳои китобӣ, гуфторҳои пандомӯзи нависандагон ва дигар васоити таъсири ахборӣ ба хонандагон маънидод карда мешуд, вале чунин тарзи тарғиби ахбориро, албатта, корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии ғайрианъанавӣ номидан мумкин нест, зеро онҳо танҳо усулҳои муқаррарии анъанавие мебошанд, ки дар раванди онҳо аёният истифода карда шудааст.

Дар хусуси чунин дарс доктори улуми психологӣ Ю. З. Гилбух иброз медорад, ки ҳангоми бо чунин тарз ташкил кардан ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ногузир онҳо хосияти дохилии худро, яъне ба мақсад мувофиқ ва яклухтии сохторро аз даст медиҳанд. Дар ин маврид дар тафаккури хонандагон ғояи зарурии маърифатӣ пайдо намешавад ва диққати онҳо ба миқдори зиёди масъалаҳои ба ҳамдигар алоқамандӣ надошта нигаронида мешавад. Дар чунин корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ муаллим дар вақти баёни мавзӯи таълимии худ ба тафсири ақидаҳои парешон дода мешавад. Зимни иштирок дар чунин корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки онҳо на танҳо дар хонандагон рағбат ва муҳаббатро ба фанни интихобкардаашон ба вуҷуд намеоранд, балки онҳоро барои аз худ кардани маводи дарсӣ ҳавасманд намесозанд.

Корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар ташаккули корҳои эҷодӣ бояд нақши муайян дошта бошанд. Он бояд фарогир бошад, дараҷаи баланди тафаккур ва фаъолнокии эҳсосотиро дар хонандагон таъмин намояд. Бо назардошти аломат ва талабот таснифи дарсҳои ғайрианъанавӣ тартиб дода шудааст.

Бо назардошти мубрамияти масъала дар мақола якчанд шакли таснифот пешниҳод карда мешавад. Муҳаққиқи ин масъала Ю. З. Гилбух таснифоти корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии ғайрианъанавиеро пешниҳод менамояд, ки асосан ба психология асос ёфтаанд. Дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ бисёр аломатҳои умумие мавҷуданд, ки табиати психологӣ доранд. Яке аз онҳо ба мақсадгузории равшан асос ёфта, дар ташкили бозиҳо ҳар гуна зоҳир мешавад: дар ин ё он мусобиқа ғолиб омадан, ба амал овардан, дар иҷрои ин ё он мақом бозидан, ки зимнан дар назди хонандагон ягон мақсади пешакӣ пешбинишударо талаб намекунад. Он гӯё маҳсули (натиҷаи) иловагии фаъолияти бозӣ мебошад. Ҳамин тавр Ю. З. Гилбух дарсҳои ғайрианъанавиро дар корҳои эҷодӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамояд:

1. Корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар ташкили ташкили бозӣ.
2. Корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар шакли муҳокимаи масъалаи проблемавӣ.

Зимнан корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабиро муаллим ба ду зергурӯҳ ҷудо менамояд: 1. таълимӣ - мақомӣ; 2. мусобиқавӣ.

Бозиҳои мансуб ба корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии мақомӣ, дар навбати худ, ба якчанд намуд ҷудо мешаванд:

- аз ҷониби хонандагон қабул карда шудани вазифаҳои муайяни мақомӣ;
- бо истифода бурдани сюжети афсонавӣ, хаёлпарастӣ кардан, бозиҳои расмӣ (хизматӣ), корҳои эҷодӣ ва ғайра.

Ю. И. Малёванний пажуҳишгари Украина, таснифи дигари корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии ғайрианъанавиро пешниҳод менамояд. Вай дар мақолаи худ “Корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ имрӯзҳо бояд чӣ гуна бошанд?” менависад: “Аксарияти корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии ғайрианъанавӣ ё эҷодӣ аз дарс ҳамчун шакли машғулияти таълимӣ куллан фарққунандаанд”.

Масалан, корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабиро дар шакли мурофиа ба бозиҳои эҷодкорӣ мансуб донистан мумкин аст; корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ - мубоҳиса; корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ - ҷаласа; корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ -саёҳатро ба машғулиятҳои семинарӣ; корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабиро бо адабиётҳо ва луғатҳо ба машғулиятҳои таълимӣ - амалӣ; корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии муколамаро ба корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ хулоса ва мураттабгардонии донишҳо дохил кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, Ю. И. Малёванний корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабиро аз рӯйи шаклашон тасниф менамояд.

Таснифоти корҳои эҷодии ғайрианъанавии пешниҳоднамудаи Е. М. Юлдошева бештар беҳтар ба назар мерасад. Ба ақидаи Е. М. Юлдошева зимни корҳои эҷодӣ дар асоси бозӣ, инчунин мусоидат ба инкишофи таваҷҷуҳ ба маънӣ муҳим аст: ба монанди

инкишофи мустақилияти тафаккурӣ, ошкорбаёнии ақоид (корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ мубоҳиса, инкишофи лаззати эстетикӣ (зебоипарастӣ, васеъ гардонидани ҷаҳонфаҳмии хонандагон, конспектҳо, корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ -саёҳатҳо ва ғайра) оммависозии донишҳо, корҳои семинарӣ, виктаринаҳо, корҳои санҷишӣ ва ғайра). Ҳамаи вариантҳои зикршуда ва ҳамчунин корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар асоси бозӣ ягон вазифаи муттаҳидкунанда, инкишофи рағбат ба таълим, омӯзиш ва умуман дарсро доранд.

Ҳамин тавр, дар назди мо се тарзи таснифи корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии корҳои эҷодӣ, ки аз ҷониби психолог Ю. З. Гилбух, таснифи номзади илми педагогӣ Ю. И. Малёванний ва Е. М. Юлдошева пешниҳод шудааст, қарор дорад.

Таснифотҳои зикршуда гуногун бошанд ҳам, аммо дар ҳамаи онҳо хусусияти яктарафагии равия дар мазмун эҳсос мешавад. Онҳо ба модернизатсия, имрӯзикунонии шаклҳои муҳимми корҳои беруназсинфӣ асос ёфтаанд, яъне дар асоси онҳо масъалаи аз рӯйи шакл ҷудо кардан ва нав кардан дар назар дошта шудааст. А. В. Дурников қайд менамояд, ки: "Равияи асосии бозсозии системаи таълим бояд навсозии инсонмеҳварии мазмун ва методҳои таълими ҳамаи фанҳо, ҳаматарафа ошкор намудани маънавиёти илмҳо бошад" [1]. Муаллиф таълифи китобҳои дарсии бо маълумоти муъҷази назариявӣ навишташударо, ки аз маводҳои мушоҳидавӣ, низомномаҳо ва маслиҳатҳои гуногун истифода менамоянд, зарур меҳисобад.

Дар таснифоти Ю. З. Гилбух мақоми асосиро корҳои эҷодӣ дар асоси бозӣ ташкил медиҳад. Қомуси педагогӣ бозиро чунин таъриф медиҳад: "Бозии бачагона- шакли таърихан пайдошудаи фаъолияти бачагон аст, ки аз таҷдиди ҳаракати (фаъолиятӣ) калонсолон ва муносибати байни онҳо, дарк ва донистани ҳақиқати иҷтимоӣ иборат аст. Бозӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини тарбияи ҷисмонӣ, ақлӣ, ва ахлоқии бачагон мебошад" [1]. Бачагони синфҳои 3, 4, 5, 6 ба ҳама гуна лаҳзаҳои бозӣ дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ бо майли том мароқ зоҳир мекунанд ва лозим аст ҳарчи бештар ба онҳо чунин эҳсосот ҳадя карда шавад.

Алҳол ҳам дар соҳаи илми назарӣ ва ҳам методӣ масъала аз он иборат аст, ки ва барои самаранокии корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ васеъ истифода бурдани бозиҳои таълимӣ чӣ бартарӣ дорад. Бозии таълимӣ - педагогӣ он машқҳои гурӯҳиест, ки барои аз худ намудани мавзӯъҳои барномавӣ кумак менамоядх [2].

Аз ин рӯ, аҳамияти тарбиявӣ ва таълимии бозиҳоро муайян менамоем. Аҳамияти тарбиявии бозӣ дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар он аст, ки асосан онҳо хусусияти коллективона доранд. Дар бозӣ коллектив ташаккул меёбад ҳар як иштироккунанда дар он бояд нақши муайянеро иҷро намояд. Ба ҳар як нафар мақоми махсус ҷудо карда мешавад ва бозикунанда онро бояд иҷро ва дар назди коллектив масъулият ҳис намояд. Бозӣ дар хонандагони хурдсол лаёқати мушоҳидакорӣ, кӯшишу ғайрат, тезкорӣ ва эҷодкориро инкишоф медиҳад. Бозии дуруст ташкилкардашуда ба инкишофи фаъолияти зеҳнии хонандагон мусоидат менамояд, ҳолати таълими табииро фароҳам меоварад, фаъолияти нутқи шифоҳии хонандагонро ташаккул медиҳад. Бозӣ ҳамчун усули таълим бояд ҷузъи муҳимми раванди таълиму тарбия бошад.

Ҳамин тавр, бозии дуруст ташкилшуда яке аз шаклҳои самарабахштарини таълим ба ҳисоб меравад. Дар раванди бозиҳои эҷодӣ хонандагон нутқи худро инкишоф медиҳанд. Тавре таҷрибаҳо собит менамоянд, фаъолияти бозии дуруст ташкилкардашуда ба бунёди тайёрии психологии хонандагон мусоидат менамояд. Муаллим бояд имконияти бозиро ба инобат гирад ва онро ба маҷрои лозима равона созад, мавзӯъро фаҳмонида диҳад, ибораҳои такягоҳӣ пешниҳод намояд. Муҳим аст, ки муаллим дар бозӣ мушоҳидаҳои табии ҳаётӣ, вазъҳои воқеиро ҳамроҳ намояд. Мақоми муаллим дар ташкили бозӣ дар корҳои беруназсинфӣ ё корҳои беруназмактабӣ талаботи зеринро дар назар дорад:

1. Ташкил намудани нақшҳо дар бозӣ.

2. Барои дар бозӣ инъикос гардидани ҷиҳатҳои эҷодии ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва меҳнатии ҳаёт мусоидат кардан.

3. Мусоидат намудан ба он ки дар ҷараёни бозӣ замина барои инкишофи нутқ ба вуҷуд оварда шавад.

4. Ба бозии бачагон ба воситаи суҳбат, роҳбарӣ рағбат зоҳир намудан ва ҳамроҳ шудани муаллим тавсия мешавад.

Таҷриба ва мушоҳидаҳо дар мактаб нишон доданд, ки хонандагон дар бозӣ худро озод ҳис мекунанд ва аз иштирок дар фаъолияти бозӣ қаноатмандӣ зоҳир менамоянд. Бозӣ ба онҳо имконият медиҳад, ки сифатҳои эҷодии худро ба андозаи комил зоҳир намоянд, хонандаро барои иштирок дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ҳавасманд гардонад, барои иҷрои фаъолияти мувофиқ тайёрии психологиро фароҳам орад. Ба ҳамин алоқаманд рафтори худи муаллим низ хеле муҳим аст ва мақоми ҳалкунанда мебозад. Барои ҳалли бомуваффақият ва самараноки бозӣ ҳамчун дарс муаллим бояд шакли мувофиқи рафторро интихоб намояд ва кор карда барояд. Агар муаллим дар чунин лаҳза худро хеле ҷиддӣ ва расмӣ нигоҳ дорад, он гоҳ раванди гузаштани фаъолияти таълимӣ ба бозӣ аҳамияти худро гум мекунад ва бозӣ моҳияту мазмун ва шавқоварии худро аз даст

медиҳад. Аз тарафи дигар, агар муаллим дар чунин ҳолат аз меъёр зиёд ба кайфияти синф дода шавад, он гоҳ бозӣ бачагонро аз таълим дур мекунад. Лаҳзаи муҳимтарин дар истифодаи дарс-бозӣ лаҳзаи аз фаъолияти бозӣ ба фаъолияти тарбиявӣ гузаштан аст.

Дар ҳолати бозӣ ба чунин хатоҳои методӣ бояд роҳ дода нашавад, ба монанди: “бози тамом, ё ки “бозӣ карда шудем”, акнун корҳои эҷодиямонро идома медиҳем” ва ғайра. Мутаассифона, дар таҷрибаи муаллимон аксар вақт ба чунин хатогиҳо дучор омадан мумкин аст. Дар чунин ҳолат самаранокии шакли бозии таълим хеле паст меравад. Дар раванди фаъолияти бозӣ муаллимонро зарур аст, корҳоеро ташкил карда гузориш диҳанд, ки барои хонандагон ғайричашмдошт бошанд. Дар рафти бозӣ ва вазъҳои фавқулодаи пешомада андешаҳои худро иброз намудан, хайрандешона ҳазл кардан ва ғайра тасодуфӣ нанамояд. Муаллим бояд бодиққат ва хайрхоҳ бошад, ба хонандагон аз “бад”, “нодуруст” барин баҳодиҳӣ худдорӣ намояд, ба ташаббуси хонандагон аз мартабаи худ истифода бурда, фишор наоварад. Вале дар як вақт муаллим бояд ҳолатҳои баёни нутқӣ ва рафтории хонандагонро боодобона ислоҳ намоянд, интизоми зарурии таълимиро барқарор ва ҷорӣ намояд. Ташкили бозиҳои таълимӣ дар дарс дар асоси принсипҳои дидактикии ягонагии таълим ва тарбия, зина ба зина афзудани душворӣ ва ҳамчунин принсипи такрор ба амал бароварда шавад. Қайд кардан мебояд, ки дар чунин ҳолат такрор ба такрор истифода бурдани бозӣ барои самараноктар аз худ намудани калима ва ибораҳо, маҳорати шомил гардидан ба фаъолияти шифоҳӣ метавонад рағбатро ба он маҳдуд гардонад. Барои ин шаклҳои бозӣ ва ҷараёни гузориши онро тағйир додан, материалҳои иловагиро истифода намудан самараноку муфид мебошад.

Ҳамин тавр, агар бозӣ на бозӣ, балки усули методии оқилона фикр карда баромадаи муаллим барои баланд бардоштани саводнокӣ, маҳорат ва малакаи хонандагонро такмил додан бошад, пас ин вақти беҳуда аз даст дода нест. Баробари ин набояд фаромӯш кард, ки “бозӣ” - ин роҳи бачагон аст барои дарки амал, оламе, ки онҳо дар он зиндагӣ мекунанд.

Корҳои берунасинфӣ ва берунамактабӣ дар шакли бозӣ ҳамаи қобилиятҳои зеҳнии хонандагонро ҷалб менамояд. Чунин хонандагон тарзи таълимро баҳогузорӣ мекунанд. Бозӣ дониши бисёр талаб менамояд, илова бар ин худ бояд фикр кунӣ ва масъалаҳои бисёрро ҳал намоӣ, дар вақти бозӣ зарур аст, ки таҷрибаи педагогиро намоиш диҳӣ ва аз сар гузаронӣ, тарзи муносибат ба мақсад ва дурустро интихоб намоӣ. Ин ҷо донистан ва ҳал карда тавонистани масъалаҳои гуногун, бо дигар иштирокчиёни бозӣ дар созиш муносибат карда тавонистан ва дуруст фаъолият кардан муҳим аст. Ин машғулияти ҳаловатбахш аҳамиятнок ва шавқовар аст [2].

**Хулоса** ва мулоҳизаи системаи корҳои муаллимони беҳтарин сабаб гардид, ки дар корҳои берунасинфӣ ва берунамактабӣ қонунияти умумии фаъолгардонии фаъолияти зеҳнии хонандагон дарёфт карда шавад. Фаъол гардидани қувваҳои маънавӣ, ки асосан бо роҳи гузориш саволҳои проблемавӣ масъалаҳои проблемавӣ ва супоришҳои таълимии дорои характери тадққиқотӣ-ҷустуҷӯи ба даст оварда мешавад, яке аз ҷиҳатҳои муҳимми ин метод мебошад. Ин шавқу рағбат ва ҷидду ҷаҳд зимни дучор омадан бо душвориҳо дар фаҳмидан ва дарки далелҳои нав, ё ки мафҳум маълум гардида, бо мавҷудияти вазъи проблемавӣ, рағбати баланди хонандагон ба мавзӯъ, сози эҳсосотии онҳо ҷидду ҷаҳди иродавӣ тавсиф мешавад.

Аз ҷониби муаллим дар корҳои берунасинфӣ ва берунамактабӣ бештар корҳои мустақилона бояд ташкил ва вазъҳои проблемавӣ ба вуҷуд оварда шуда, проблемаҳо ҳал карда шаванд. Назарияи таълими проблемавӣ роҳҳои педагогӣ- психологӣ ва усулҳои ташкили таълимро маънидод менамояд, неруҳои зеҳнии инкишофёбандаи хонандагонро шарҳу тавсиф мекунад.

### АДАБИЁТ


1. Русский язык в школе. -1988. -№4. -С. 42-43.
2. Ничепоринко Л. С. Деловые педагогические игры для студентов / Л. С. Ничепоринко //Высшая школа. -1988. -№24. -С. 90.
3. Гильбух Ю.З. Проектор для творчество. Русс. яз. 4 мет. в ср. школах УССР / Ю.З. Гильбух. -1989. -№3.
4. Педагогическая энцеклопедия. -Т. II.
5. Шербанов Т. Н. Учебно-педагогическая игры и их рось в торговие будуших учителей / Т. Н. Шербанов. -М., 1986. -№8. -С.80.


## ТАСНИФОТИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ВА БЕРУНАЗМАКТАБИИ ҒАЙРИАНЪАНАВӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ ХОНАНДАГОН


Иақола оиди мавзӯи муҳим навишта шудааст. Яке аз масоилҳои муҳимми мактаб ташкили дурусти корҳои берунасинфӣ ва берунамактабӣ мебошад. Муаллифон қайд менамоянд, ки бозиҳои таълимӣ ба азхудкунии беҳтари маводи таълимӣ, инкишофи хотира, муттаҳидшавии коллектив дар раванди гузаронидани корҳои берунасинфӣ ва берунамактабӣ ёрӣ мерасонанд. Муаллифон ба нақши пешбар ва аҳамияти корҳои мустақилона ишора намуда, чунин меҳисобанд, ки он донишҳои муайянро талаб менамояд ва бо намунаҳои аниқ нақши корҳои мустақилона дар раванди корҳои берунасинфӣ ва берунамактабӣ нишон дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** ташкили дурусти корҳои берунасинфӣ ва берунамактабӣ, корҳои мустақилона, бозиҳои таълимӣ, азхудкунии маводи таълимӣ, инкишофи хотира.

**ХАРАКТЕРИСТИКА НЕТРАДИЦИОННОЙ ВНЕКЛАССНОЙ И ВНЕШКОЛЬНОЙ РАБОТЫ В ТВОРЧЕСТВЕ УЧАЩИХСЯ**

Статья написана на актуальную проблему. Одной из важных проблем школы является правильная организация внеклассной и внешкольной работы. Авторы отмечают, что учебные игры помогают лучшему усвоению учебного материала, развитию памяти, сплочению коллектива, в процессе проведения внеклассной и внешкольной работы. Авторы указывают ведущую роль и значение самостоятельной работы и считают, что игра требует определенных знаний, и на конкретных примерах показана роль самостоятельных работ в процессе внеклассной и внешкольной работы.

**Ключевые слова:** правильная организация внеклассной и внешкольной работы, самостоятельная работа,.учебные игры, усвоение учебного материала, развитие памяти.

**CHARACTERISTIC OF NONTRADITIONAL EXTRA AND EXTRAORDINARY WORK IN THE CREATIVITY OF STUDENTSDENTS**

The article is written on the actual problem. One of the important problems of the school is the correct organization of extracurricular and extracurricular work. The authors note that educational games help to better assimilate learning material, to develop memory, to rally the collective, in the process of conducting extra-curricular and extracurricular activities. The authors point out the leading role and importance of independent work and believe that the game requires certain knowledge, and on specific examples the role of independent work in the process of extracurricular and extracurricular work is shown.

**Keywords: correct** organization of extracurricular and extracurricular work, independent work, educational games, mastering of educational material, and development of memory.

**Сведения об авторах:** ***Рамазонова Р.С.* –** кандидат педагогических наук, заведующая кафедрой специальной педагогики и всеобъемлющего обучения Таджикского государственного педагогического университета им.Садриддина Айни

***Бегова Ф***. - ассистент кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета им.Садриддина Айни. Телефон:**917-74-88-74**

# ҲАМКОРИИ МАКТАБ ВА ОИЛА-ОМИЛИ МУҲИММИ МАЪРИФАТИ ПЕДАГОГИИ ВОЛИДОН

***Г.Э. Қамчибекова, З.П. Ризвонова***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Маърифати педагогии волидон ҳамчун омили таҳкими ҳамкории оила ва мактаб яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Пеш аз он ки мо масъалаи ҳамкории оила ва мактабро шарҳу тавзеҳ диҳем, бояд донем, ки моҳияти маърифати педагогӣ дар чӣ ифода меёбад.

*Маърифати педагогии волидон* – яке аз шаклҳои анъанавии алоқаи мутақобилаи муассисаҳои таълимӣ, оила ва мактаб буда, ҷараёни ҳамкории волидонро дар бар мегирад. Маърифати педагогии волидон маҳз тавассути ҳамкории оила ва мактаб сурат мегирад.

Доир ба ин масъала як қатор олимони хориҷӣ ва ватании соҳаи педагогика ва психология кор кардаанд: Гейко В. А., Гребенщиков И. В., Ибрагимова В., Амонашвили Ш.А., Андреева Г.М., Воликова Т., Безруких М., Ефимова С., Круглов Б., Боно Э., Кулик Л.А., Берестов Н.И. Овчарова Р.В., Смолко Е., Сухомлинский В., Фуллер Ч., Чудинова Е.В., Смолко, Лутфуллоев Л., Маҷидова Б., Нуров А., Раҳимов Х., Юнусова Н. М., Давлатов М. ва ғ.

Ҳамкории мактаб ва оила дар фаъолияти ҳар як педагог масъалаи мураккаб ва муҳим ба шумор меравад. Муҳим он аст, ки ҳамкории байниҳамдигарии педагогҳо ва волидайн ихтилофи якдигар набошанд, балки фаъолияти ягона ва аз ҳамдигар вобаста бояд дониста шавад. Доир ба масъалаи ҳамкории онҳо педагоги рус В. А.Сухомлинский ақидаи худро чунин баён намудааст: «Ҳар чӣ камтар волидон ба мактаб барои сарзаниши ахлоқии кӯдак даъват карда шаванд ва ҳар чӣ бештар муоширати маънавии кӯдакон бо волидайн сурат гирад, ба ҳамон андоза хурсандиро ба падару модар меоварад» [5, 27].

Ин фикрро педагоги литвагӣ Вилма Сикорските Войшнене дастгирӣ намуда истода, чунин изҳори ақида намудааст: «Бо волидайн кор карда истода, бояд шинохт ва фаҳмиши дутарафаро ба даст овард, бояд шароите фароҳам овард, ки волидайн на танҳо бо муаллимон, балки байни худ, бо мактаб низ шинос шуда тавонанд. Бояд ҳар чӣ бештар маълумот дар бораи мактаб, омӯзиш, тарбия ва дигар масъалаҳои ба волидайн муҳим дода тавонад. Зарур аст, ки ҳар як падару модар андешаронӣ кунад» [2, 25].

Бояд қайд намуд, ки ҳар чӣ бештар волидон бо омӯзгорон ҳамкорӣ кунанд, ҳамон қадар мушкилотҳо камтар ба вуҷуд меояд. Бояд омӯзгорон саъю кӯшиш кунанд, ки ҳар чӣ бештар бо волидон ҳамкориҳоро зиёд намоянд, то ки мушкилиҳои бавуҷудомадаро сари вақт бартараф намоянд. Агар ҳамкории падару модар бо омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ бештар гардад, ҳамон қадар волидон аз маҳорат ва малакаҳои фарзандашон бештар бохабар мегарданд. Огоҳии падару модар ба беҳбудии раванди таълиму тарбия мусоидат мекунад.

Бояд зикр намуд, ки оила сарчашмаи аввалини таълиму тарбияи фарзанд маҳсуб меёбад. Модар омӯзгори аввалини кӯдакон ба шумор меравад. Модар тарбиятгари кӯдакон дар оила низ мебошад. Аз ин лиҳоз, занону модарон бояд имрӯз босаводу бомаърифат бошанд, то ки насли бомаърифати миллатро ба камол расонида тавонанд. Барои бомаърифат гаштани волидон ва баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи фарзанд, бояд мактаб ва оила дар якҷоягӣ фаъолият намоянд. Бояд қайд кард, ки оила аз мактаб ҷудо шахсияти ҳамаҷониба рушдёфтаро тарбия карда наметавонад. Дар ин бобат педагоги машҳури рус В. А. Сухомлинский чунин мегӯяд: «Танҳо дар якҷоягӣ бо волидайн, ҷаҳду кӯшишҳои умумӣ ва муаллимон, хушбахтии бузургии инсониро ба кӯдакон дода метавонем» [5, 23].

Ҳамкории мактаб ва оила аз қадами нахустини худро гузоштани кӯдак ба мактаб оғоз мешавад. Вақте ки кӯдак таҳсилро дар мактаб шурӯъ намуд, аллакай муносибатҳои байниҳамдигарии омӯзгорону волидон низ оғоз меёбад. Муаллиме, ки дар соли нави таҳсил бо талабагони синфи якум сарукор пайдо мекунад, қабл аз шурӯи корҳои мактабӣ бояд бо волидони ҳар як кӯдак иртибот гирад ва маълумотҳои заруриро ба даст орад. Вай зимни суҳбат бо волидайн ва мушоҳидаҳо бо шароиту сатҳи зисту зиндагонии хонанда шинос шуда, бо кӯдакон дар тамос мешавад ва то дараҷае мизоҷ, рафтор, хулқ ва захираи луғавии онҳоро дониста мегирад. Агар бача аз кӯдакистон ба мактаб ояд, он гоҳ волидайн бо мураббии ӯ ҳам мусоҳиб мешавад, завқу шавқи мактабравӣ, зеҳну қобилият, омодагии психологии ӯро муайян мекунад. Ҳамаи ин маълумотҳо барои нақшаи фаъолияти минбаъдаи омӯзгорон ва падару модар басо заруранд. Омӯзгор дар асоси ҳамкориҳо метавонад чунин маълумотҳоро ба даст оварад:

- маълумот дар бораи падару модари хонандагон;
- тарзи зисту зиндагии хонандагон;
- хусусиятҳои хонандагон.

Бояд зикр кард, ки агар кӯдак дар хона гӯшаи махсуси дарстайёркунӣ надошта бошад, он гоҳ ба волидайни кӯдак бояд фаҳмонд, ки онро ҳатман ташкил кунанд. Бояд ба волидайн ёдовар шуд, ки паси миз нишаста, дарс тайёр кардани мактабиён нисбат ба рӯйи кӯрпача ва кати “бароҳат” дароз кашида, хондану навиштан аз ҳар ҷиҳат муҳимтар аст. Масалан, ҳангоми дар курсӣ нишаста дарс тайёр кардан, ҳаракати хун муътадил ҷараён мегирад, аммо ҳангоми дароз кашида хондан фишори хун баланд мешавад, рагҳои чашм аз шиддати фишор пурхун гашта, чашмҳо мисли лола сурх мешаванд, яъне аз хоб рафта хондан сар ба дард меояд (чизи хондаашро амиқ намефаҳмад) ва аз ин чашмҳо осеб мебинанд, ки ин боиси ороҳат гаштани хонанда мегардад. Волидайне, ки аз чунин маълумот огоҳ меёбад, албатта, ба фарзандаш чизеро аз ӯ дареғ намедорад. Ҳамаи ин ҳамкориҳо ҳангоми то ба мактаб омадани кӯдакон бояд дар назар дошта шаванд.

Баъди ба мактаб омадани кӯдакон ҳамкориву мададрасонии тарафайн ранги дигар мегирад. Муаллиму волидайн дар фикри таълиму тарбияи кӯдак мешаванд. Онҳо бо маслиҳат шароити мактабравии кӯдакро ба инобат гирифта, низоми рӯзро тартиб медиҳанд ва риояи онро дар оила ва мактаб назорат мебаранд, то ки кӯдакба он одат кунад.

Аз рӯзи ба мактаб қадам мондани кӯдакон, волидайни онҳо туфайли кумитаи падару модарон узви коллективи умумимактабӣ ҳисоб мешаванд, маслиҳату супоришҳоро аз кумитаи волидайни мактаб ва муаллимон мегиранд ва ба ин васила дар корҳои таълимӣ ва тарбиявии кӯдаконашон ба мактаб мадад мерасонанд. Мактаб бидуни ҳимояву ҳамкории оилаҳо ва аҳли ҷомеа рушду инкишоф намеёбад. Маҳз бо ҳамкории онҳо мактаб фаъолияти таълимӣ ва тарбиявии худро ба дараҷаи талаботи замон баланд бардошта метавонад.

С. Дапкене Дар робита бо ин масъала таъкид мекунад, ки шакл ва мазмуни ҳамкории мактаб ва оила аз мақсадҳои гузоштаи муаллим вобаста аст. Ҳар гуна ҳамкориҳо вобаста ба мақсадҳои гузошта сурат мегиранд, на танҳо аз омӯзгор, балки аз мақсадҳои гузоштаи падару модар низ вобаста аст. Албатта, як ҷанбаи хамкории мактаб ва оила вобаста аз мақсадгузорӣ оғоз мегардад. Вақте ки омӯзгор дар мактаб мақсадҳои муайян надорад, он гоҳ шакл ва мазмуни ҳамкориро дар мактабу оила ташкил карда наметавонад. Бояд ҳар як омӯзгор мақсадҳои худро доир ба ҳамкории мактаб ва оила дошта бошад. Аз ин рӯ, муаллим тавассути мақсадгузорӣ метавонад сатҳи таълиму тарбияро дар мактаб ва оила ба роҳ монад. Ҳар як падару модар, ё ин ки омӯзгор бояд мақсадҳои худро дошта бошад. Маҳз раванди таълиму тарбия аз мақсадҳои гузоштаи падару модар, ё ин ки омӯзгорон вобаста аст.

Ба ҳамагон аён аст, ки аз рӯзҳои аввалини ба мактаб омадани кӯдакон волидайнашон ба маслиҳату машварати муаллимон бештар ниёз пайдо мекунанд. Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Ахлоқи Мухсинӣ» мефармояд: «Чун дар воқеоту ҳодисот аз машварат гурез нест, бояд, ки машварат бо аҳли ҳикмат ва асҳоби таҷриба ва мардуми дурандешу пирони оқибатбин воқеъ шавад ва тадбири ин тоифа собит аст» [5,126]. Албатта, ҳар як волидайн бояд ба тавсияю маслиҳатҳои омӯзгорон таваҷҷуҳ зоҳир намояд ва онҳоро дар амалия ба эътибор гиранд. Бидуни ҳамкорӣ ва ёрии хайрхоҳонаи тарафайн баланд бардоштани сатҳи маърифати педагогии волидон дар таълиму тарбияи хонандагон ғайриимкон аст.

Танҳо робита, муҳити солими ҳамкорӣ, шароитҳои мусоиди оила ва мактаб ва билохира талаботи ягонаи онҳо бурдбориҳо оварда метавонанд.

Ҳамин тавр, бе ҳеҷ душворӣ зимни муошират намудан бо волидайн метавон муайян кард, ки чӣ гуна кӯдакон дар оилаи онҳо тарбия мееёбанд. Пас, оила ва кӯдак инъикоси якдигаранд. Ба қавли муҳаққиқи соҳа В.А. Дружинин “агар оила ба чунин андозаи зиёд ба раванд ва натиҷаҳои ташаккули шахсияти кӯдак таъсир расонад, пас ҷомеа ва давлат бояд ба оила эътибори хосса зоҳир намоянд. Зеро оилаи устувор, пойдор, солим ва бомаърифат ифодагари давлати пуриқтидор аст. Волидайн мураббиёни аввалин буда, таъсири аз ҳама бузургро ба шахсияти кӯдакон мегузоранд” [3, 273].

Умуман, яке аз масъалаҳои муҳим ҳамкории роҳбарони синф бо оилаҳо мебошад, ки ба ин васила волидон нисбати дарсҳо, давомот, рафтор ва муносибати фарзандонашон мунтазам маълумот мегиранд. Чунин алоқамандии мактабу оила тадриҷан мустаҳкам мегардад. Мактаб барои беҳтар намудани маърифати педагогии волидон бояд чунин чорабиниҳоро ташкил намоянд: баҳсу мунозираҳо; машғулиятҳо; суҳбатҳо; саволу ҷавобҳо; конференсияҳо; машваратҳои психологӣ ва ғ.

Ба машғулиятҳои амалию семинарии волидайн хонандагон низ бояд ҷалб карда шаванд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар семинарҳои мазкур чунин мавзӯъҳо бо волидон баррасӣ карда шаванд: «Рушди шахсияти фарзандон», «Муошират дар байни калонсолону кӯдакон дар оила», «Қаҷрафторӣ дар наврасон», «Кӯдакони душвортарбия», “Роҳҳои дастгирии омӯзиши кӯдакон”, “Реҷаи корӣ дар оила” ва ғ. Яке аз педагогҳои машҳур А. С. Макаренко диққати асосиро ба волидон равона намуда, чунин қайд мекунад: «Кори волидайниро шумо бояд донед, пеш аз оне, ки шумо бояд донед, ки фарзанди шумо чӣ гуна зиндагӣ мекунад, ба чӣ шавқ дорад, чиро дӯст медорад, чиро не, чиро мехоҳад ва чиро намехоҳад. Шумо бояд донед, ки бо кӣ дӯст аст, бо кӣ бозӣ мекунад, чӣ мехонад ва маводи мутолианамудаашро чӣ гуна қабул мекунад. Дар мактаб чӣ гуна таҳсил менамояд, дар мактаб бо муаллимон чӣ гуна муносибат мекунад ва дар байни синф худашро чӣ гуна ҳис мекунад ва ғ.» [4, 445].

Агар волидайн ҷиҳатҳои дар боло зикршударо донанд, он гоҳ дар мавриди таълиму тарбияи фарзандон ба душворӣ дучор намегарданд. Бинобар ин, ҳар як падару модар бояд барои таълиму тарбия намудани фарзандонашон саъю кӯшиш намоянд ва онҳоро ба ҷомеаи навини имрӯза омода созанд.

Тарбияи кӯдакон дар оила раванди мураккаби иҷтимоию педагогӣ мебошад ва он таъсири тамоми муҳити хурди оиларо ба ташаккули шахсияти кӯдак дар бар мегирад. Имконияти таъсиррасонии тарбиявӣ дар табиати худи муносибати волидайн бо кӯдакон гузошта шудааст, ки моҳияти он дар парастории оқилона, зуҳуроти меҳру муҳаббат ба кӯдаки худ ва ғамхории калонсолон ифода меёбад. Барои беҳтар кардани ҷараёни таълиму тарбияи хонандагон Н.Қ. Амонов дар мақолаи худ чунин пешниҳодҳои хеле муфидро пешкаш намудаанд:

Волидайн дар ҷараёни таълиму тарбия бояд ба нуктаҳои зерин диққати махсус диҳад:

–мавқеи худро дар оила ҳамчун волидайни бомасъулият эҳсос кунанд;

–ҳиссиётҳои худро ба фарзандон ҳамчун падару модар нишон диҳанд.

–волидайн дар ҷараёни муошират бояд ба рафтору гуфтори худ ҳамеша эътибор диҳанд.

Волидайн бо эътибор доданашон ба рафтору гуфтори худ метавонанд таъсири муайянро ба муошират фарзандон низ расонанд.

Бояд тазаккур дод, ки кори муаллим хеле мураккаб ва серпаҳлу мебошад. Аз ин рӯ, муаллим бояд дорои чунин хусусиятҳо бошад: ташаббускорӣ, эҷодкорӣ, нутқи мураттабу фаҳмо, фаъолӣ ва ғ. Яке аз вазифаҳои дигари муаллим роҳбари синф будани ӯст. Омӯзгор бояд барои таълиму тарбияи кӯдакон барномаҳои махсусро тартиб диҳад, зеро ба ин васила метавонад хонандаи солиму солеҳро ба воя расонад.

Бояд таъкид кард, ки бемасъулиятии волидайн нохушиҳои зиёде меорад. Фақат равобиту ҳамкории мустаҳками муаллимон ва падару модарон метавонад нуқсонҳои ҷойдоштаи тарбияи оилавиро бартараф созанд. Барои ин бояд онҳо ба ҳамдигар боварӣ дошта бошанд, ҳамдигарро эҳтиром кунанд, зеро мактабу оила дар кори тарбия иттифоқчиёни устуворанд ва онҳо ба якдигарфаҳмӣ, нигоҳ доштани иззату обрӯйи ҳамдигар манфиатдоранд. Доираи ҳамкории оила ва мактаб хеле васеъ аст. Мо онҳоро шартан ба ду қисми асосӣ ҷудо менамоем:

- барои он ки падару модарон мақсади корҳои тарбиявии мактабро дуруст дарк кунанд, ба онҳо фаҳмондан лозим аст, ки ҳадафи асосӣ – инкишофи мутаносибу ҳамаҷонибаи шахсияти фарзандон аст ва барои ин бояд ба корҳои таълимӣ, тайёрии политехникӣ, тарбияи ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва ҷисмонии кӯдакон низ эътибори махсус дод. Муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар ҳамкорӣ бо оила бояд завқу шавқи кӯдаконро ба ҳар восита муайян кунанд ва туфайли чорабиниҳои мактабӣ ва берунамактабӣ онҳоро рушд диҳанд;

- водоркунонии кӯдакон ба инкишоф додани шахсияташон. Таҷрибаҳо собит намуданд, ки агар падару модар дар хонадон муҳити солими маънавиро фароҳам оварда, бо муошираташон намунаи ибрат бошанд, кӯдак дуруст тарбия мeёбад. Агар фарзандон зимни ёд додан, машқ намудан, назорат кардан ва ғамхории волидон камол ёбанд, он гоҳ онҳо нексиришт мегарданд.

Ҳамин тариқ, ҳамкории мактаб ва оила дар сурате самарабахш мегардад, ки агар синнусоли фарзандон ба назар гирифта шавад, зеро ҳар синну сол аз калонсолон муомилаву рафтори хоссаро талаб менамояд. Пӯшида нест, ки падару модарон хислат ва феъли фарзандашонро хеле хуб медонанд. Аз ин лиҳоз, аз волидайн омӯхтани феълу атвори кӯдакон, инчунин таҷрибаҳои пешқадами тарбиявии онҳо ба омӯзгорон дар рафти ба роҳ мондани таълиму тарбияи хонандагон имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад. Педагог ва психологи рус И. В. Гребеншиков ин масъаларо чунин тавсиф медиҳад: «Волидайн бояд дорои маданияти педагогӣ бошанд. Зери мафҳуми маданияти педагогӣ ҳамон омодагии педагогӣ фаҳмида мешавад, ки он дараҷаи камолоти онҳоро ҳамчун тарбиятдиҳандагон инъикос менамояд ва он дар раванди тарбияи оилавӣ ва ҷамъиятии кӯдак зоҳир мешавад. Қисмати муҳимми маданияти педагогии волидайн – ин маҳз омодагии педагогии онҳо мебошад: маҷмӯи муайяни донишҳои психологию педагогӣ, физиологию беҳдоштӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин малакаи тарбия намудани кӯдакон, ки дар рафти таҷриба ба даст оварда шудааст. Нақши асосиро дар баланд бардоштани маданияти педагогӣ, маърифатноккунии мақсадноки илмӣ – педагогӣ мебозад, ки бо он ҳамон роҳбари синф ё худ муаллима машғул мешавад» [1, 96].

Вақте ки падару модар дорои маданияти педагогию психологӣ, ҳуқуқӣ, тиббӣ мебошанд, он гоҳ онҳо ҳамеша саъю кӯшиш мекунанд, ки оилаи солим бунёд намоянд ва фарзандони солиму солеҳро ба воя расонанд. Бояд падару модарон, ё ин ки омӯзгорон дорои маданияи педагогӣ бошанд, чунки онҳо тарбиятдиҳандагони насли наврас ба ҳисоб меравaнд. Аз падару модарон ва омӯзгорони имрӯза талаб карда мешавад, ки онҳо ҳамқадами замон бошанд, зеро асри навин бо тараққиёти бемайлони технологияҳои иттилоотӣ фарқ мекунад.

Ҳамин тариқ, баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия аз ҳамкории падару модарон бо омӯзгорон вобаста аст. Дар сурате волидон метавонанд фарзандони худро ҳаматарафа тарбия намоянд, ки бо муассисаҳои таълимӣ ҳамкорӣ барқарор кунанд. Ҳамкорӣ на танҳо ҷараёни таълиму тарбияро натиҷабахш мегардонад, балки баъзе душвориҳои байни омӯзгорону хонандагон вуҷуддоштаро бартараф низ менамояд. Агар волидайн хоҳанд, ки дар оянда фарзандони солиму солеҳ ба воя расонанд, бояд бештар дар чорабиниҳои мактабӣ ширкат варзанд. Омӯзгоре, ки бо падару модари хонанда ҳамкорӣ намекунад, дар таълиму тарбияи насли наврас муваффақ шуда наметавонад.

**АДАБИЁТ**

1. Амонов Н.К. Хусусиятҳои психологии бешфаъолӣ дар хонандагон ва усулҳои бартарафнамоии он/ Н.К. Амонов, Р.Ч. Розито // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино. 2014. - №3/5 (142). -С. 211-213.
2. *Вильма С.В.* Работая с родителей: справочная *книга* школьного психолога / *С.В. Вильма.* - М.: Владос, 2002.
3. Гребенщиков И.В. Школа и семья / И.В. Гребенщиков. – М.: Просвещение, 1985.
4. Дружинин В.Н. Проблемы формирования личности в семье / В.Н. Дружинин. – М.: Просвещение, 1996.
5. Макаренко А.С. Книга для родителей. Педагогическое сочинение. В 8 т. / А.С. Макаренко. -М.: 1995.
6. Сухомлинский В.А. Мудрость родительской любви / В.А. Сухомлинский. – М.: Прогресс, 1990.
7. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ / Кошифӣ Ҳ.В. – Душанбе: Ирфон, 1991.

**ҲАМКОРИИ МАКТАБ ВА ОИЛА- ОМИЛИ МУҲИММИ МАЪРИФАТИ ПЕДАГОГИИ ВОЛИДОН**

Муаллиф дар мақолаи мазкур нақши ҳамкории мактаб ва оиларо ҳамчун омили муҳимми баланд бардоштани маърифати педагогии волидон дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон нишон медиҳад ва роҳҳои зерини баланд бардоштани маърифати педагогии волидонро нишон додааст: баҳсу мунозира; суҳбатҳои гурӯҳӣ; семинар - тренингҳо; конференсияҳои сатҳашон гуногун; машварати психологӣ, суҳбатҳо барои волидайн.

**Калидвожаҳо:** ҳамкории мактаб ва оила, маърифати педагогии волидайн, баҳсу мунозира, суҳбатҳои гурӯҳӣ, семинар – тренингҳо, конференсияҳои сатҳашон гуногун, машварати психологӣ, суҳбатҳо барои волидайн.

**СОТРУДНИЧЕСТВО ШКОЛЫ И СЕМЬИ КАК ВАЖНЕЙШИЙ ФАКТОР ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ РОДИТЕЛЕЙ**

Автор в данной статье показывает роль сотрудничества школы и семьи как важнейшего фактора повышения педагогического просвещения родителей в современном обществе Таджикистана, автор также приводит следующие пути улучшения педагогического просвещения родителей: диспут, дискуссионная группа, психологическое консультирование, семинары – тренинги, конференции, беседа для родителей.

**Ключевые слова**: сотрудничество школы и семьи, повышение педагогического просвещения родителей, диспут, дискуссионная группа, психологическое консультирование, семинаров – тренингов, конференция, беседа для родителей.

**CO SCHOOL AND FAMILY AS A FACTOR VAZHNEISCHY PEDAGOGICAL EDUCATION OF PARENTS**

The author in this article shows the role of school and family cooperation as the most important factor in improving pedagogical education of parents in the modern society of Tajikistan. The author also gives the following ways

to improve the pedagogical education of parents: a discussion, a discussion group, psychological counseling, seminars - trainings, conferences, a conversation for parents.

**Key words:** Cooperation between the school and the family, improving the pedagogical education of parents, discussion, discussion group, psychological counseling, seminars - trainings, a conference, a conversation for parents.

**Сведения об авторе:** ***Ќамчибекова Г.Э.*** - соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики Таджикского национального университета. Телефон: **908826400**
,***Ризвонова З.П.*** - соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики Таджикского национального университета.

# ПРИНЦИП ВЕЖЛИВОСТИ В РЕЧЕВОМ ОБЩЕНИИ

***Мирзоев О.А.***
**Курган-Тюбинский государственный университет им.Носира Хусрава**

Нормы речевого поведения отличаются значительным национальным своеобразием, что обусловлено историческими, социальными и культурными особенностями народа, говорящего на данном языке [1, 8]. Однако существуют некоторые общепринятые правила, которым следуют или должны следовать коммуникаторы в процессе общения, если они стремятся достичь взаимопонимания, т. е. руководствуются в своей речевой деятельности принципом сотрудничества. Данный принцип подразумевает необходимость следовать таким правилам и стратегиям ведения беседы и построения высказывания, как, например: «Говори по существу дела» (“Be relevant”), «Не говори того, для чего у тебя нет достаточных оснований» (“Do not say that for which you lack evidence”), «Будь краток» (“Be brief”), «Избегай двусмысленности» (“Avoid ambiguity”).

Перечисленные выше правила соблюдаются в беседе, имеющей целью максимально эффективный обмен информацией, например, в деловом или научном общении, однако в обыденной речи, как показывают наблюдения, данные правила соблюдаются далеко не всегда, а иногда и полностью нарушаются. Очевидно, существуют и другие принципы, регулирующие речевое взаимодействие собеседников и имеющие эстетический, социальный или моральный характер, на что указывает и Г. Грайс [2, 45]. Одним из таких принципов является принцип вежливости, или, иначе, принцип такта, влияние которого часто играет решающую роль в оформлении высказывания, в отборе средств в неформальном общении. Р. Лаков формулирует принцип вежливости в виде трех правил: «Не навязывай своего мнения» (“Do not impose”), «Давай собеседнику возможность выбора» (“Give options”), «Будь доброжелателен» (“Make the listener feel good. Be friendly”) [3, 45].

Следование принципу вежливости накладывает определенные ограничения на поведение членов общества, которые заключаются в том, чтобы учитывать интересы партнера, считаться с его мнениями, желаниями и чувствами, облегчать, по возможности, возлагаемые на него задачи. Соблюдение принципа вежливости в конечном счете имеет целью добиться максимальной эффективности социального равновесия и дружественных отношений». В прагматической теории речевого общения *вежливость* рассматривается как *универсальный принцип*, который в практике речевого взаимодействия играет более значительную регулирующую роль, чем принцип кооперации. Принцип вежливости определяется как особая стратегия речевого поведения, направленная на «предотвращение конфликтных ситуаций», цель которой «сохранить лицо» в ситуациях, когда существует угроза «потерять лицо».

Дж. Лич считает принцип такта определённой стратегией общения, направленной на предотвращение возможных конфликтных ситуаций, что зачастую приводит к непрямым, иносказательным способам выражения, нарушающим принципы ясности и релевантности Г. Грайса [4, 109]. У него это реализуется в максимах:

1. **Максима такта**. Это максима границ личной сферы. В идеале любой коммуникативный акт предусматривает определенную дистанцию между участниками. Следует соблюдать правило: «Делать коммуникативную цель собеседника предметом обсуждения допустимо лишь в том случае, если цель эта им эксплицитно (открыто) обозначена». Не следует затрагивать тем, потенциально опасных (частная жизнь, индивидуальные предпочтения и т.д.).

2. **Максима великодушия**. Это максима не обременения собеседника, она предохраняет его от доминирования в ходе коммуникативного акта. Например, предположение должно быть сформулировано таким образом, чтобы его можно было отложить, не следует связывать партнера обещанием или клятвой. Хороший коммуникативный акт не должен быть дискомфортным для участников общения.

3. **Максима одобрения**. Это максима позитивности в оценке других («Не судите, да не судимы будите», «Не осуждай других»). Атмосфера, в которой происходит речевое взаимодействие, определяется не только позициями собеседников по отношению друг к другу, но и позицией каждого по отношению к миру и тем, совпадают ли эти позиции. Если оценка

мира (позитивная или негативная) не совпадает с оценкой собеседника, то это сильно затрудняет реализацию собственной коммуникативной стратегии.

4. **Максима скромности**. Эта максима неприятия похвал в собственный адрес. Одним из условий успешного развертывания коммуникативного акта является реалистическая, по возможности, объективная самооценка. Сильно завышенная или сильно заниженная самооценки могут отрицательно повлиять на установление контакта.

5. **Максима согласия**. Это максима не оппозиционности. Она предполагает отказ от конфликтной ситуации во имя решения более серьезной задачи, а именно – сохранения предмета взаимодействия, «снятие конфликта» путем взаимной коррекции коммуникативных тактик собеседников.

6. **Максима симпатии**. Это максима благожелательности, которая создает благоприятный фон для перспективного предметного разговора. Неблагожелательность делает речевой акт невозможным. Определенную проблему представляет так называемый безучастный контакт, когда собеседники, не будучи врагами, не демонстрируют доброжелательности по отношению друг к другу. Максима доброжелательности дает основание рассчитывать на положительное развитие речевой ситуации с намечающимся конфликтом.

Социальная цель, по мнению Дж. Леча, состоит в том, чтобы избегать конфликтов между коммуникантами. Этой цели отвечает *теория вежливости.* П. Браун и С. Левинсон предлагают набор различных тактических приемов, при помощи которых говорящий регулирует свое речевое поведение, исходя из оценки ситуации.

Ситуация оценивается говорящим на основе трех независимых переменных:

а) социальной дистанции между говорящим и слушающим;

б) власти одного коммуникатора над другим;

в) степени внедрения в сферу адресата.

В соответствии с тем, каким образом говорящий оценивает риск «потери лица» в данной обстановке, он решает совершать или не совершать речевой акт, а если совершать, то какую форму вежливости избрать – открытую, эксплицитную или скрытую, имплицитную.

Соблюдение принципа такта при неформальном общении составляет важную лингвистическую и социальную характеристику речевого поведения англичан, что отмечается не только лингвистами, но и писателями и журналистами. Так, обобщая свои наблюдения над речевым этикетом англичан, В. Овчинников пишет: «Английская вежливость вообще предписывает сдержанность в суждениях как знак уважения к собеседнику, который вправе придерживаться иного мнения. Отсюда склонность избегать категоричных утверждений или отрицаний... (тяга к вставным оборотам вроде *«мне кажется», «я думаю», «возможно, я не прав, но...»*, предназначенным выхолостить определенность и прямолинейность, способную привести к столкновению мнений» [5, 230].

Изучение литературы по данному вопросу и текстовой анализ произведений современных английских авторов показывают, что принцип такта имеет разнообразные проявления в речевом поведении – в выборе собеседника или темы беседы, в характере высказываний, в формах согласия и несогласия, в характере реакций на речь собеседника и т. п. Данный принцип по-разному реализуется в различных видах речевых актов: директивных, интерактивных (вопросительных), декларативных и др. В настоящей работе рассматриваются лингвистические способы реализации принципа такта в декларативных высказываниях. Основной формой этой реализации является смягчение категоричности высказывания.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Формановская Н.И. Речевой этикет/ Н.И. Формановская, С.В. Шевцова. – М.: Высшая школа,1990.
2. Lakoff R. Language in Woman's Place / R. Lakoff // Language in Society. -1973. – №2.
3. Grice H. P. Logic and Conversation / H. P. Grice. – New York: Academic press, 1975. – vol. 3.
4. Leech G. Explorations in Semantics and Pragmatics / G. Leech. – London: Longman, 1980.
5. Овчинников В. Корни дуба / В. Овчинников // Новый мир. – 1979. – №5. -С. 230-231

**ПРИНСИПИ БОАДАБӢ ДАР МУОШИРАТИ НУТҚӢ**

Дар мақолаи мазкур муаллиф принсипҳои боадабиро дар муоширати нутқӣ таҳқиқ намуда,ба чунин хулоса омадааст, ки меъёрҳои рафтори нутқӣ бо хусусиятҳои бо худ хоси миллӣ фарқ менамоянд ва мусоҳибон бо кӯшиши бадастории ҳамдигарфаҳмӣ принсипи ҳамкориро истифода мебаранд. Инчунин муаллиф ба максимҳо ва татбиқи онҳо дар мушоирати нутқӣ ишорат намудааст.

**Калидвожаҳо:** одобу назокат, муоширати нутқӣ, меъёр, принсипҳо, ақида, амаликунии мутақобилаи нутқӣ, максимаҳо, алоқамандӣ, одоб, олиҳимматӣ.

**ПРИНЦИП ВЕЖЛИВОСТИ В РЕЧЕВОМ ОБЩЕНИИ**

В данной статье автор, исследуя принципы вежливости в речевом общении, пришел к выводу, что нормы речевого поведения отличаются национальным своеобразием и собеседники, стремясь достичь взаимопонимания, используют принцип сотрудничества. Далее автор наглядно указал на максимы и их реализацию в речевом общении.

**Ключевые слова:** вежливость, речевое общение, норма, принципы, высказывание, речевое взаимодействие, максима, симпатия, такт, великодушие.

**PRINCIPLE OF COMMUNITY IN SPEECH COMMUNICATION**

The author of the article researches politeness principles in speak conversation come to conclusion that the measures of speech behavior are differ national singularity and tries to achieve mutual understanding uses the principles of cooperation. Moreover the author indicates into maximums and their realization in speech conversation,

**Key words**: politeness speech conversation measure principles saying speech interaction maximums sympathy tact generosity.

**Сведения об авторе:** ***Мирзоев О.А.*** **-** кандидат педагогических наук, доцент кафедры преподавния курса английского языка Курган-Тюбинского государственного университета Носира Хусрава. Телефон**: 918-99-58-43**

# ДАР ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ТАШАККУЛ ДОДАНИ МАҲОРАТИ ИСТИФОДА БУРДАН АЗ УНСУРҲОИ ПЕДАГОГИКАИ ҲАМКОРӢ ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ

***Мирзоева А., Гулмадов Ф.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номиАбӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,**
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Имрӯз бо шарофати истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ ба амал омада истодааст. Ин дигаргуниҳо, аз ҷумла олимони соҳаи педагогикаро водор месозанд, ки вобаста ба замони нав аз роҳу усулҳои нави таълиму тарбияи хонандагон истифода баранд.

Яке аз усулҳое, ки истифодаи он дар таълиму тарбияи хонандагон хеле арзишманд аст, ин педагогикаи ҳамкорӣ мебошад. Истифодаи педагогикаи ҳамкорӣ дар таълиму тарбияи хонандагон аз ҷониби олимони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳанӯз дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри гузашта мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда буд. Дар ин масъала аввалин маротиба публитсист ва педагоги рус С.Л. Соловейчик дар матбуот якчанд мақолаҳои илмӣ-оммавӣ дар бораи ҳаракати навоварӣ дар таълиму тарбияи хонандагон чоп намуд. Ғояҳои дар мақолаҳои С.Л. Соловейчик дарҷгардида нисбат ба тарбияи насли наврас диди нав доштанд. Дар мақола ва китобҳои ӯ тарбия на ҳамчун як таъсироти одӣ ба шахсияти кӯдак, балки гуфтгӯи озод байни омӯзгор ва хонанда маънидод карда шуда, масъалаҳои калидии педагогикаи ҳамкорӣ аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ асоснок карда шудаанд. Асосан, ақидаҳои С.Л. Соловейчик [5] дар китоби ӯ «Педагогика барои ҳама» (китоб барои падару модарони оянда) гирд оварда шудаанд. Аввалин маротиба ғояҳои С.Л. Соловейчикро оид ба педагогикаи ҳамкорӣ педагогҳои навовар Ш.А. Амонашвили, В.Ф. Шаталов, С.Н. Лисенкова ва дигарон ҷонибдорӣ намуда, дар ин бора мақола ва монографияҳо аз чоп баровtriданд.

Имрӯз масъалаи педагогикаи ҳамкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқи ҳамаҷонибаи худро наёфтааст. Оид ба масъалаи мазкур аз ҷониби олимони тоҷик китоб ё худ рисолаи махсус анҷом дода нашудааст. Дар монографияи Ф. Гулмадов [1], ки соли 2014 аз чоп баромадааст, як параграфи алоҳида ба масъалаи педагогикаи ҳамкорӣ бахшида шудааст. Муаллиф масъалаи мавқеи педагогикаи ҳамкориро дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мактаббачагони хурдсол мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ба ақидаи мо, имрӯз вақти он расидааст, ки ҷиҳати пешрафти таълиму тарбияи хонандагон ба илми педагогика соҳаҳои навро ворид намоем. Масалан, аз қабили педагогикаи ҳамкорӣ, педагогикаи шафқат [2], педагогикаи инсондӯстӣ, педагогикаи муошират, педагогикаи суханварӣ, ва ғайраҳо. Лозим ба ёдоварист, ки ҳаёти инсонӣ худ як мактаби бузурги педагогикаи ҳамкорӣ ба ҳисоб меравад. Вале баъзеҳо инро нодида мегиранд. Дар байни дигар соҳаҳои зикргардида педагогикаи ҳамкорӣ дар тарбияи шахсияти мактаббачагон мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Бояд ёдовар шуд, ки дар «Қобуснома», «Синдбоднома», «Ҳазору як шаб», «Захират-ул-мулук», «Футувватнома», «Ахлоқи Муҳсинӣ», «Бӯстон», «Гулистон», «Хираднномаи Искандарӣ», «Шоҳнома», ки шоҳасарҳои беназири мутафаккирони қарнҳои гузаштаи форсу тоҷик ба ҳисоб меравад, намунаи беҳтарини педагогикаи ҳамкориро дида метавонем. Унсурулмаолии Кайковус дар китоби худ «Қобуснома» шаклу усулҳои ба фарзанд муошират намуданро хеле барҷаста зикр намуда, бо падару модарон тавсияҳои пурқиматеро пешниҳод намудааст, ки ин ҳама намунаи барҷастаи педагогикаи ҳамкорӣ ба ҳисоб меравад.

Кайковус, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Низомии Ганҷавӣ, Ҷомӣ ва дигар мутафаккирон дар асарҳои худ таъкид намудаанд, ки дар таълиму тарбияи кӯдакон шитобкорӣ ва бемулоҳизагӣ дар бисёр маврид ба нокомӣ оварда мерасонад. Сухан дар бораи он меравад, ки ҳангоми таълиму тарбия омӯзгорон ва падару модарон дар тарбияи кӯдакон бояд намунаи беҳтарини муносибат ва муомиларо истифода баранд, то ки чунин муносибат ба кӯдакон дарси ибрат гардад. Ба ибораи дигар гӯем, тарбияи дурусти кӯдакон аз муносибату муомилаи ҳалимонаи падару модарон вобастагии зиёд дорад.

Имрӯз вазифаи муҳим аз он иборат аст, ки ба омӯзгорони оянда истифода бурдани роҳу усулҳои педагогикаи ҳамкорӣ дар давраи таҳсил дар мактаби олӣ омӯзонида шавад.

Омӯзгорон метавонанд ҳангоми машғулиятҳои фанни педагогика ба таври фаровон унсурҳои истифодаи педагогикаи ҳамкориро ба донишҷӯён омӯзонанд. Ҳамзамон, шароити хеле қуллайи татбиқ ва истифодаи унсурҳои педагогикаи ҳамкорӣ ҳангоми ба таҷрибаомӯзии педагогӣ рафтани донишҷӯён фароҳам оварда мешавад. Донишҷӯён метавонанд аз шаклу усулҳои педагогикаи ҳамкорӣ чи дар рафти дарс ва чи ҳангоми ташкили корҳои тарбиявӣ истифода баранд.

Бояд таъкид намуд, ки ҳамчун омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба таълиму тарбияи хонандагон машғул шудани донишҷӯён ин ҳанӯз маънои истифода бурдан аз ҷузъҳои педагогикаи ҳамкориро надорад. Сухан дар бораи он меравад, ки донишҷӯён дар лаҳзаҳои мушкил бояд мададгори хонандагон бошанд.

Педагогикаи ҳамкорӣ гуфта, муносибати эҷодкоронаи таҷрибаомӯзон-омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ҳангоми таълиму тарбияи кӯдакон дар назар дошта мешавад. Сабаб дар чист, ки баъзе донишҷӯён дар рафти таҷрибаомӯзӣ дар тарбияи кӯдакон ба натиҷаи назаррас ноил намешаванд. Дар баъзе ҳолатҳо ҳатто донишҷӯён пас аз хатми донишгоҳ минбаъд омӯзгор шудан намехоҳанд. Сабаб дар он аст, ки донишҷӯён дар рафти таҷрибаомӯзӣ шахсияти кӯдаконро дуруст намеомӯзанд, муомила ва муошırати онҳо сохтакорона аст. Хонанда бошад, чунин сохтакориро зуд пай мебарад. Агар омӯзгори оянда хусусиятҳои психологӣ ва фардии хонандагонро хуб донад, ҳамеша аз муваффақият ва мушкилоти кӯдакон бохабар мешавад. Омӯзгори оянда бояд бо рафтори ғамхорона ва дилсӯзонаи худ барои хонандагон намунаи ибрат бошад ва ҳамзамон дар мавридҳои мушкил ҳамеша ёвару ғамхори хонандагон бошад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки донишҷӯ ҳангоми таҷрибаомӯзӣ шахсияти кӯдак ва муҳити хонаводагии ӯро наомӯхта, зуд чунин хулоса мебарорад: «Ҳамин қадар мефаҳмонам, ҳеҷ не ки ислоҳ шавад». Таҷрибаомӯз боре ҳам аз худ суол намекунад, ки оё барои хонанда кореро ба анҷом додааст, ки боиси дилгармии шогирд гашта бошад? Магар мо метавонем шахсияти кӯдакро дар оила, бо коллективи ҳамсолон наомӯхта, дар бораи ӯ хулосабарорӣ намоем?

Воқеан, шахсияти кӯдакро наомӯхта, омӯзгор ҳеҷ гоҳ дар кори таълиму тарбия ба муваффақият ноил гашта наметавонад. Дар ин бора, ҳақ бар ҷониби педагоги намоён В.А. Сухомлинский мебошад, ки чунин менависад: «Ба муаллим дар бисёр ҳолатҳо лозим меояд, ки ҳамчун ҷарроҳ рафтор намояд ва ба дардмандтарин узви бадани кӯдакон даст расонаду худи кӯдак аз ин бехабар монад» [6, 124]. Муҳимтар аз ҳама, таҷрибаомӯзон бояд муносибати худро бо хонандагон тавре ба роҳ монанд, ки кӯдакон боварӣ ва эътимодро нисбат ба онҳо гум накунанд. Дар сурате ки омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ ҳангоми мушкилоти хонанда ба ӯ ёрӣ расонида наметавонад, пас, хонанда боварӣ ва эътиқодро нисбат ба устоди худ аз даст медиҳад. Агар таҷрибаомӯз ба кӯдак имконият фароҳам оварад, аз ҳар ҷиҳат ӯро дастгирӣ намояд, дар ин маврид кӯдак қодир аст, ки аз уҳдаи бисёр корҳо ба осонӣ бароянд. Ин масъалаи хеле муҳим бояд дар маркази диққати омӯзгорони оянда қарор гирад.

Ҷомеаи тағйирпазир низ ба шахсияти хонандаи имрӯза бетаъсир намемонад, яъне вобаста ба дигар шудани авзои ҷомеа, ҷаҳонбинӣ, ақида ва эътиқоди хонанда мазмуни ба худ навро мегирад. Шояд тарзу усули таълим, муносибати омӯзгор талаботи хонандаи имрӯзро қонеъ карда натавонад ва мактаб ҳанӯз ба ҷойи дӯстдоштаи ӯ табдил наёфта бошад. Дар ҷараёни фаъолияти ҳаррӯза дар назди хонанда мушкилоти зиёде пеш меоянд, ки ҳамаи инро худи ӯ қодир нест, ки мустақилона ҳал намояд. Чунин ҳолат, албатта, ба ҳолати психологии хонанда таъсири манфӣ мерасонад. Магар таҷрибаомӯз-омӯзгори оянда ин ҳолати бачаро ҳис карда метавонад? Дар бисёр маврид не.

Омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар мавриди гузаронидани дарс ё гузаронидани чорабинии тарбиявӣ, бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки муносибаташ бо хонандагон тавре сурат гирад, ки барои озодона рафтор намудан ба кӯдак тамоми имкониятҳо фароҳам оварда шаванд, яъне хонанда фикрашро озодона баён намояд, дар ҳалли масъалаҳои бамиёномада фаъолона ширкат варзад, нисбат ба фикру ақидаи дигарон бетарафӣ зоҳир накарда, муҳокимаронӣ намояд.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар бисёр маврид роҳбарияти таълимгоҳҳо диққати бештари омӯзгоронро ба ҳуҷҷатнигории зиёд ҷалб менамоянд. Омӯзгорон чорабиниҳои зиёдро ба нақша мегиранд, вале қисми зиёди онҳоро намегузаронанд. Аниқтараш барои гузаронидани чорабиниҳо вақт намеёбанд. Омӯзгор бояд аз шаклу усулҳои самарабахши таълиму тарбияи хонандагон истифода барад. Ӯ бояд барои соҳибмаърифат шудани хонандагон бештар кӯшиш ба харҷ диҳад, на барои иҷрои корҳои дуюм ва сеюмдараҷа. Бинобар ин, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бояд бештар омӯзгоронро ба иҷрои корҳои манфиатовар ҷалб ва ба ҷустуҷӯи роҳҳои нави таълиму тарбияи хонандагон ҳидоят намоянд. Дар акси ҳол аз муаллим гузаронидани дарси шавқоварро интизор шудан амри маҳол аст. Ба ибораи дигар, ҳамкорӣ бо хонанда бояд дар ҷойи аввал қарор дошта бошад.

Педагогикаи ҳамкорӣ васеъ ва доманадор буда, дар муносибати байни роҳбари мактаб ва муаллимон ва ҳамкории омӯзгорону падару модарон низ ифода меёбад. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ омӯзгорон хонандагонро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд -хубу

аълохон ва сустхонҳо. Омӯзгорон бо хонандагони хубу аълохон бештар кор мебаранд, аммо хонандагони сустхон ба ҳоли худ гузошта мешаванд. Ин қабил хонандагонро ба ҷойи дастгирӣ намудан, таънаю сарзаниш мекунанд. Хонандагони пурқувватро бошад, ҳамеша таъриф мекунанд. Ин қабил омӯзгорон ҳамеша «гули сари сабад» мебошанд ва ба фаъолияти онҳо чунин баҳо медиҳанд: «Муаллим касби худро хуб медонад. Дар дарсҳои ӯ оромии мутлақ мушоҳида карда мешавад. Аксарияти хонандагон дарсҳоро хуб аз худ мекунанд». Бояд зикр намуд, ки чунин омӯзгорон аз усули фишори психологӣ овардан ба хонандагон истифода мебаранд, яъне мутеъгардонии қалбакию сохтакорона. Чунин омӯзгорон аз ин муносибати худ қаноатманд буда, ҳатто лаззат низ мебаранд. Хонандагон ин гуна муаллимро иззату ҳурмат мекунанд, аммо дарси ӯро бо мароқи том гӯш намекунанд. Ба ибораи дигар, муносибат ва ҳамкории самимӣ миёни чунин омӯзгорону хонандагон вуҷуд надорад. Бинобар ин, ба омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ таъкид намудан лозим, ки аз ин гуна муносибати сохтакорона худдорӣ намоянд.

Педагогикаи ҳамкориро кӯркӯрона омӯхтан ва рӯякӣ дар амал татбиқ намудан, аз нуқтаи назари педагогӣ нодуруст аст. Моҳиятан педагогикаи ҳамкорӣ ин эҷодкорӣ ва ҷустуҷӯ мебошад. Дуруст аст, ки дар баъзе маврид бо баъзе хонандагон муносибати махсусро бояд истифода бурд, то ки онҳо ислоҳ шаванд. Вале, ба ақидаи мо, барои ислоҳи рафтори нодурусти кӯдак истифода бурдан аз шаклу усулҳои сохтакорона, дар бисёр ҳолатҳо ба нокомӣ оварда мерасонад. Чунки хонандаи имрӯза, ки зирак мебошад, рафтори сохтакоронаи муаллимро зуд пай мебарад. Воқеан, педагогикаи ҳамкорӣ ин дилбастагии байни муаллиму хонанда мебошад. Чунин қаробат, ки сунъӣ бошад, хонандаро ба рафтору андешаҳои нек раҳнамун сохта наметавонад.

Агар муносибати муаллиму хонанда дар асоси ҳурмату эҳтироми самимии тарафайн сурат гирад, ин беҳтарин натиҷаи фаъолияти омӯзгор дар таълиму тарбияи мактаббачагон ба ҳисоб меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки баъзан муаллими фанни худро хуб медонистагӣ аз уҳдаи гузаронидани дарси босифат баромада наметавонад. Ҳамкорон ба ӯ ёрӣ мерасонанд, ислоҳ мекунанд, вале дар фаъолияти ин қабил омӯзгорон тағйирот мушоҳида карда намешавад. Чунин омӯзгорон ҳар рӯз ба мактаб омада, худро дар азоб мемонанд. Сабаб дар чист? Пеш аз ҳама, дар чунин омӯзгорон маҳорати педагогӣ ташаккул наёфтааст.

Нозукии касби омӯзгорӣ, пеш аз ҳама, дар муошират кардани муаллим бо хонандагон зоҳир меёбад. Барои мисол, хонанда ягон рафтори нодуруст содир менамояду муаллим ӯро назди худ даъват мекунад. Хонанда бояд аз қиёфаи муаллим эҳсос кунад, ки ӯ ин лаҳза суханро аз чӣ оғоз мекунад ва муаллим ҳам бояд ҳис кунад, ки гуфтугӯи онҳо тақрибан ба чӣ меанҷомад. Дар чунин вазъият бояд муаллим бояд тавре таъсир расонад, ки хонанда аз рафтори нодурусти содиркардааш шарм намояд ва эроди муаллимро софдилона қабул карда тавонад. Муаллим мехоҳад, ки нисбат ба ин ё он рафтори нодурусти содирнамудаи хонанда қаҳру ғазаби худро нишон диҳад. Аз сабаби он ки қаҳру ғазаби омӯзгор сохтакорона аст, хонанда онро зуд пай мебарад. Ё худ, муаллим ба суханони худ боварӣ надорад, пас хонанда ба суханони муаллим чӣ тавр бовар кунад? Ин нуктаҳоро ба инобат гирифтан, барои омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ хеле муҳим аст.

Бояд гуфт, ки имрӯз низ омӯзгороне ёфт мешаванд ки бо тарзу усулҳои тарбиявии солҳои пешин бо хонандагон кор мебаранд. Модоме ки психология, ҷаҳонбинӣ ва тафаккури хонандаи имрӯза аз бачаҳои солҳои пешин фарқ кунад, мо бояд таълиму тарбияро ба психологияи хонандаи имрӯза мувофиқ кунонем, дар акси ҳол ба муваффақият ноил намегардем, гарчанде имрӯз омилҳои дигар низ вуҷуд доранд. Дигар ин ки касби омӯзгорӣ ин шавқу ҳавас ва рағбат мебошад. Имрӯзҳо мо омӯзгорони фармоишӣ тайёр мекунем. Омӯзгор бояд ба он қодир бошад, ки ҷаҳони ботинии хонандаро дарк карда, қалби кӯчаки ӯро эҳсос карда тавонад. Аксарияти омӯзгорон вазифаи асосии худро танҳо гузаронидани дарс меҳисобанд. Бигузор чунин ҳам бошад. Охир, ҷанбаи дигари дарс вазифаи тарбиявии он мебошад. Дар ҷараёни дарс муаллим метавонад дар хонандагон рағбат ба илмомӯзӣ, дӯстию рафоқат ва одамиятро тарбия намояд. Ба инобат гирифтани ин нукта барои омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ хеле муҳим мебошад.

Боиси таассуф аст, ки баъзе муаллимон мудом хонандагони хубу аълохонро таъриф мекунанду сустхонҳоро сарзаниш. Чунин муносибат боиси он мегардад, ки хонандагони хубу аълохон бепарвою бахил шуда, хонандагони сустхон боз ҳам бепарвотар мегарданд. Дар ин бора мисолеро аз монографияи муҳаққиқ Ф. Гулмадов пешкаш менамоем.

«Дар синфи чорум хонандае таҳсил мекард, ки аз фанни математика қобилияти хуб дошт ва аз кори санҷишӣ фақат баҳои «5» мегирифт. Боре муаллим кори санҷишии навбатӣ гузаронида, шоҳиди ҳодисаи ғайричашмдошт мегардад. Вақте ки муаллим натиҷаи кори санҷиширо эълон мекунад, маълум мешавад, ки ба ғайр аз он хонанда боз 4 нафари дигар низ баҳои «5» гирифта буданд. Ҳеҷ кас баҳои «2» нагирифта буд. Баҳои аксари бачаҳо чор буд. Вақте ки он хонанда натиҷаи баҳоро мешунавад, сарашро болои парта гузошта мегиряд. Муаллим аз ӯ мепурсад, ки чаро гиря мекунӣ? Ӯ ҷавобе намедиҳад. Аммо бачаҳо сабаби гиряи ӯро медонистанд. Духтараке ба муаллим мегӯяд:

«Муаллим вай барои он мегиряд, ки ғайр аз ӯ боз чанд каси дигар баҳои 5 гирифтааст ва боз барои он мегиряд, ки касе баҳои 2 нагирифтааст». Бинед, ки ҳамкории нодурусти педагогӣ ба чӣ оварда расонид. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе ҳолатҳо, ҳангоми аз тарафи хонандагон ягон камбудӣ содир намудан, муаллимон муносибати сохтакорона менамоянд. Мисол, дар назди хонандагон чунин талабҳои содалавҳона мегузоранд: «Кани ваъда деҳ, ки минбаъд ба дарс бо тайёрӣ меоӣ», «Ваъда деҳ, ки минбаъд дурӯғ намегӯӣ». Мактаббача дар чунин тарзи рафтори омӯзгор ба ҷуз сохтакорӣ чизи дигареро эҳсос намекунад, зеро ӯ ҳанӯз чӣ тавр ислоҳ шудани худро намедонад. Дар ин ҷода кори муаллим дар сурате самараи дилхоҳ медиҳад, ки агар ӯ дар ҳақиқат падари маънавии шогирди худ шуда тавонад. Нобарории кори омӯзгор дар баъзе ҳолат аз набудани чунин қаробати педагогу шогирд рух медиҳад. Бинобар ин, рафтору кирдори нодурусти хонандаро ислоҳ карда, омӯзгор бояд эҳтиёт кунад, ки ба қалби нозуки ӯ бепарвоёна даст назанад. Дар баъзе ҳолатҳо хонанда аз нодуруст эрод гирифтани устоди худ якумрӣ меранҷад ва минбаъд ӯро эҳтиром намекунад. Ин ҳақиқатест, ки исботро талаб намекунад.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки ҳамкории педагогӣ дар оила байни муносибати падару модарон ва фарзандон низ зуҳур меёбад, вале мутаассифона, падару модарон, ки дар шароити Тоҷикистон аз донишҳои педагогӣ фарсаххо дуранд, масъалаи тарбияи фарзандон дар баъзе оилаҳо ба ҳоли худ гузошта шудааст. Мушкилии кори педагогӣ низ дар он аст, ки ба муаллимон лозим меояд, ки ҳам падару модар ва ҳам фарзанди онҳоро.

Имконияти оилаи муосир дар тарбияи ахлоқии кӯдакон, пеш аз ҳама, аз тарафи падару модарон дарк намудани зарурияти ба таври мақсадноку муназзам ба роҳ мондани кори тарбиявиро талаб мекунад. Дар оила ба вуҷуд овардану муҳайё сохтани шароите, ки ба инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдакон мусоидат намояд, хеле зарур аст. Тарбияи кӯдакон дар оила - ҷараёни мураккаби иҷтимоӣ - педагогӣ буда, ба муносибатҳои дохилиоилавӣ ва истифодаи дурусти тарзу усулҳои тарбиявӣ вобастагӣ дорад.

Омӯзгор бояд аз кадом шаклу усулҳои ҳамкорӣ истифода барад, ки падару модарон ҳамфикри ӯ гарданд? Албатта, ин ба маҳорату кордонии муаллим вобастагӣ дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Гулмадов Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол / Ф. Гулмадов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С. 174 – 184.
2. Лутфуллозода Муҳаммад. Педагогикаи шафқат / Л. Муҳаммад. – Душанбе, 1994. -48 с.
3. Макаренко А.С. Методика организации воспитательного процесса // пед. соч. в 8-ми т. Т.1 / А.С. Макаренко – М.: Педагогика, 1983. – С. 267 – 329.
4. Мамардашвили М. К. Как я понимаю философию: Избр. ст., докл., выступ. Интервью / М. Мамардашвили. - Трете издание. – М.: Прогресс, 1999. – 415 с.
5. Соловейчик С.Л. Педагогика для всех: Кн. для будущих родителей: [Для ст. возраста] / С.Л. Соловейчик. - М.: Дет. лит., 2001.
6. Сухомлинский В.А. Избр. пед. соч., в 3-х т. Т.3 / В.А. Сухомлинский. – М.: Педагогика, 1981. – 640 с.
7. Сухомлинский В.А. Избр. пед. соч. в 3-х т. Т.2 / В.А. Сухомлинский. – М.: Педагогика, Педагогика, 1980. – 348 с.


## ДАР ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ТАШАККУЛ ДОДАНИ МАҲОРАТИ ИСТИФОДА БУРДАН АЗ УНСУРҲОИ ПЕДАГОГИКАИ ҲАМКОРӢ ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ


Дар мақолаи мазкур муаллифон роҳҳо ва воситаҳои ташаккули маҳоратҳои истифодабарии унсурҳои педагогикаи ҳамкориро дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Зери мафҳуми педагогикаи ҳамкорӣ муносибати эҷодкоронаи омӯзгор нисбат ба хонандагон дар раванди фаъолияти таълимӣ – тарбиявӣ дар назар дошта шудааст, қайд менамоянд муаллифони мақола. Аз рӯи ақидаи муаллифон имрӯз вазифаи аввалиндараҷа аз он иборат аст, ки дар давраи таҳсилот дар макотиби олӣ маҳоратҳои истифодабарии унсурҳои педагогикаи ҳамкорӣ дар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ омӯхта шавад. Аз тарафи дигар истифодабарии унсурҳои педагогикаи ҳамкорӣ имконияти омӯзиши ҳаматарафаи хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии мактаббачагони хурдсолро педагогикаи ҳамкориро фароҳам меорад.



**Калидвожаҳо:** педагогикаи ҳамкорӣ, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ, роҳҳо ва воситаҳои ҳамкорӣ.


## ФОРМИРОВАНИЕ НАВЫКОВ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЭЛЕМЕНТОВ ПЕДАГОГИКИ СОТРУДНИЧЕСТВА У БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ В ПРОЦЕССЕ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ПРАКТИКИ


В данной статье авторами рассматриваются пути и средства формирования у будущих учителей начальных классов навыков использования элементов педагогики сотрудничества в процессе педагогической практики. Под педагогикой сотрудничества подразумывается творческий подход учителя к учащимся в процессе учебно-воспитательной деятельности, отмечают авторы. По мнению авторов, сегодня первостепенная задача состоит в том, чтобы в период учёбы в высших учебных заведениях следует привить у будущих учителей начальных классов навыки использования элементов педагогики сотрудничеста. С другой стороны, использование элементов педагогики сотрудничества даёт им возможность всесторонне изучать психологические и возрастные особенности младших школьников.



**Ключевые слова:** педагогика сотрудничества, младшие школьники, будущих чителей начальных классов, путы и средства сотрудничества.

**FORMATION OF SKILLS OF USE OF ELEMENTS OF COOPERATION PEDAGOGY AT THE FUTURE TEACHERS OF INITIAL CLASSES IN THE COURSE OF STUDENT TEACHING**

This article discusses the ways and means of formation at the future teachers of initial classes of pedagogical skills in using elements of cooperation in the process of teaching practice. The authors notes, that under the pedagogy of cooperation means creative teacher with the students in the educational activity. According to the author, the primary task today is that in the period of study in higher education should instill in future elementary school teacher's skills to use elements of cooperation pedagogy. On the other hand, the use of elements of cooperation pedagogy gives them the opportunity to fully explore the psychological and age characteristics of younger students.

**Key words:** cooperation, pedagogy, junior high school students, the future of primary school, ways and means of cooperation.

**Сведения об авторах:** ***Мирзоева А.*** **–** преподаватель кафедры географии Кулябского государственного университета имени А. Рудаки. Телефон: **918-45 -39-97**
***Гулмадов Ф.*** **–** доктор педагогических наук, заведующий отделом Академии образования Таджикистана

# ТЕХНОЛОГИЯИ КОРҲОИ ИҶТИМОӢ БО ХОНАНДАГОНИ МАҲДУДИМКОНИЯТ

***Шарипов Б.Ф.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ**

Дар ҳар як кишвар кӯдакони заъфи ақлонидошта мавҷуданд, ки ба шаклҳои махсуси таълиму тарбия муҳтоҷанд. Масъалаи расонидани кумакҳои махсус ба чунин кӯдакон ҳоло хеле актуалӣ мебошад. Шахсоне, ки дараҷаи вазнину сангини нокифоятии зеҳнию ақлонӣ (интеллектуалӣ) доранд, кӯдакони маъюб ҳисоб мешаванд; онҳо осебу халалдориҳои амиқу дағали фаъолияти маърифатӣ, нутқӣ ва соҳаи эҳсосотӣ дошта, қодиру қобил ба ҳаёти мустақилона намебошанд ва назорати доимию сарпарастиро талаб мекунанд. Аммо зимни ташкилу созмондеҳии таълими махсус онҳо шаклҳои одитарини муоишратро аз худ карда метавонанд, малакаҳои содаю номураккаби меҳнатию иҷтимоиро метавонанд дорою соҳиб гарданд, яъне метавонанд то дараҷае бо ҷамъият тавъам гарданд. Чуноне ки муҳаққиқи рус А.В. Алехина қайд мекунад, «Ҳадафи кори иҷтимоӣ бо кӯдакони заифақл дар ниҳояти кор – созгории (адаптатсияи) иҷтимоии онҳо, коршоямӣ ва бо шароитҳои минбаъдаи ҳаётӣ мутобиқ гардонидан, дар ҳолатҳое ки ба муҳити иҳотакардаи иҷтимоиашон ворид карда мешаванд, мебошад» [1].

Зарур аст, ки бо истифода аз тамоми имконоти маърифатӣ дар кӯдакон малакаҳои ҳаётан муҳим рушд дода шавад, то ин ки ҳангоми ба балоғат расидан ва калонсол шудан, онҳо мустақилона барои худ хидмат ва ғамхорӣ карда тавонанд, корҳои маъмулию одиро дар шароитҳои маишӣ ва тавлидоти махсус иҷро карда тавонанд ва ба коллективҳои меҳнатӣ низ то дараҷае ворид гарданд. Ҳадафи кори мазкур баррасию арзёбии технологияҳои махсус бо кӯдакони маҳдудимконият дар мисоли муассисаҳои махсуси шаҳру минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аст, ки фарогири кӯдакони заифақл мебошанд. Вазифаҳои мо дар ин амал: омӯхтани асосҳои кори иҷтимоӣ бо кӯдакони заифақл; омӯзиши ҷанбаҳои мухталифи рушди рӯҳию равонӣ ва ҷисмонии (психофизикии) рушди кӯдакони осебу халалдориҳои зеҳнию ақлонӣ (интеллектуалӣ) дошта мебошад; - гузаронидани баррасии таҷрибаи кори иҷтимоӣ бо кӯдакони заифақл дар Тоҷикистон ва хориҷи он; баррасии таъсири тарбияи меҳнатӣ дар созгории (адаптатсияи) иҷтимоӣ; - ошкорнамоии ҳадаф ва вазифаҳои корҳои тасҳеҳӣ-тарбиявӣ бо кӯдакони заифақл, ки осебу халалдориҳои вазнини ақлонӣ доранд; баррасии методҳои кор бо волидайни кӯдаконе, ки дар муассисаҳои махсус қарор доранд; тасвиру тавсифи методҳои тайёру омоданамоии кӯдакон барои баромадан аз муассисаҳои махсус; гузаронидани тадқиқоти хусусиятҳои зоҳиршавии мустақилияти кӯдакон дар шаклу навъҳои гуногуни меҳнат; коркард ва гузаронидани силсилаи машғулиятҳо оид ба фаъолияти меҳнатӣ; омӯзиши хусусиятҳои аксу тасвирҳои кудакони заъфу нокифоятии ақлонӣ дошта ва пешниҳоди методикаи рушди таъсироти машғулиятҳо; коркарди барномаи машғулиятҳои маҳфил оид ба тайёр кардани маҳсулот; коркарди бахшҳои иловагӣ нисбати барномаи омоданамоии кӯдакон барои баромадан аз муассисаҳои махсус (иҷтимоигардонӣ).

Масъалаи вазъу ҳолати шахсони заифақл дар замони муосир дар ҳамаи кишварҳо хеле муҳиму актуалӣ мебошад, зеро дар ҳама кишварҳо теъдоди муайяни чунин кӯдакон мавҷуданд ва майлу тамоюли коҳиш ёфтани теъдоди онҳо мушоҳида карда намешавад. Шахсони заифақл – маъюбон шуморида мешаванд, ки барои ҳаёти мустақилона тайёру омода намебошанд, бар ғамхорию мувозибат ва сарпарастӣ эҳтиёҷманд ҳастанд, аммо зимни фароҳам овардани шароитҳои махсус барои онҳо метавонанд то дараҷае коршоям гашта, аз ҷиҳати иҷтимоӣ созгору мутобиқ гашта монанд. Гузашта аз ин, мавҷуд набудан ва ё нокифоятии кумакҳои зарурӣ ба чунин кӯдакон - ба оқибатҳои нохушу ногувор оварда расониданаш ҳам имкон дорад. Ҳадаф ва вазифаҳои корҳои иҷтимоӣ бо чунин кӯдакон – мусоидат намудан ба рушди ҳамаҷонибаи онҳо, ошкор намудани ҷиҳатҳои мусбӣ ва тасҳеҳи ҷанбаҳои манфии шахсияти онҳо мебошад. Онҳоро бояд аз нигоҳи иҷтимоӣ созгору мутобиқ тарбия намуд, коршояму аъзои муфиди ҷомеа тарбия намудани

онҳо вазифаи аввалиндарача мебошад. Ба андешаи муҳаққиқ А.Р. Маллер «Ҳадафи фаъолияти муассисаҳое, ки ба кӯдакони заифақл кумак мерасонанд, эҷоду фароҳам овардани шароитҳои мусоиду мувофиқ вобаста ба синну сол ва вазъу ҳолати саломатии онҳо мебошад. Ҳамчунин ташкил ва гузаронидани чораю тадбирҳои ҷанбаи тиббию табобатӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ дошта, таъмини ғизо, истироҳату фароғати онҳо хеле арзишманд мебошад. Тайёрию омодагии меҳнатии кӯдакони заифақл нисбати кудакони маъмулан рушдкунанда» аз ин ҳам муҳимтар мебошад [5]. Аҳамияти муайян ҳамчунин фаъолмандии зеҳнию ақлонии коҳишёфта, доираи маҳдудтари шавқу завқ ва манфиатмандии онҳо, ҳамчунин дигар зуҳуроти соҳаҳои эҳсосотӣ-иродавии онҳо мебошад. Дар хона-интернат зимни кору фаъолият бо кӯдакон навъу шаклҳои мухталифи фаъолиятҳои меҳнатӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. Кори иҷтимоӣ оид ба тарбияи меҳнатӣ дар 3 самт бояд гузаронида шавад: меҳнат дар асоси худхизматрасонӣ, меҳнати иҷтимоии муҳиму арзишманд ва меҳнати хоҷагӣ-маишӣ. Натиҷаҳои тадқиқу муоинаҳои гузаронидашуда оид ба омӯзиши мустақилияти меҳнатии тарбиятгирандагон аз зарурати гузаронидани корҳои иловагӣ нисбати рушди шахсияти кӯдакони заифақл шаҳодат медиҳад. Барои ин коркарди низоми машғулиятҳо оид ба фаъолияти меҳнатӣ зарур шуда мемонад. Чунин низом дар чорчӯбаи ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои амалӣ коркард ва татбиқ шуда метавонанд. Дар байни навъҳои мухталифи фаъолиятҳо (таълимӣ, меҳнатӣ, бозию нақшофаринӣ) кӯдакони заифақл махсусан нисбати санъату маҳорати рассомӣ шавқу завқи беандоза нишон медиҳанд. Рассомӣ ҳамчун шакли фаъолият дар худ аксари унсурҳои равандҳои рӯҳию равониро фаро мегирад ва онро омили муҳимтарини ташаккули шахсият бояд шумурд. Аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқи вижагию хусусиятҳои аксу тасвир ва расмҳои кӯдакони заифақл метавон нақшаи намунавие барои ташкил ва гузаронидани машғулиятҳо тартиб дод.Чуноне ки муҳаққиқ Исаева Т.Н. зикр мекунад, «Тарбияи кӯдакон дар хона-интернат ва тарбия дар муҳити оила ва хонавода – ин раванди ягонаю ҷудонопазир мебошад. Хеле муҳим аст, ки аз соли нахустини дар муассисаҳои махсус қарор гирифтани кӯдакони заифақл волидайни онҳо ба раванди офиятбахшӣ ворид карда шаванд. Барои он ки кумаку мусоидатҳои волидайн корагару муассир бошанд, онҳоро барои табодули таҷриба омӯзонидан лозим, проблемаҳо мавриди муҳокима қарор дода шаванд, муштаракан ва якҷоя роҳҳо ва воситаҳои ҳаллу фасли онҳо ҷустуҷӯ карда шаванд» [4]. Зимни кор гирифтан бо волидайн ба мақсад мувофиқ аст, ки шаклҳои гуногуни кор мавриди истифода қарор дода шавад: саволномаҳо, семинарҳо, рӯзи дарҳои кушод, машваратҳои мавзӯӣ, ташкил ва гузаронидани истироҳату фароғатҳои якҷоя ва муштарак. Волидайн –иттифоқчиёни кормандони иҷтимоии муассисаҳои махсус дар рушди кӯдакон мебошанд ва кормандон бояд ба волидайн кумак расонанд, зеро тағйир додани ҳаёти кӯдакони заифақл ба тариқи мусбат имконпазир аст. Дар раванди иҷтимоигардонии кӯдакони заифақл тайёрию омоданамоии онҳо ба ҳаёти пурарзиш аҳамияти беандоза дорад. Барои ҳаллу фасли вазифаи тайёрнамоии кӯдакони заифақл нисбати ҳамоишу тавъамгардонии онҳо ба ҳаёти ҷомеа накшу мақоми муҳимтарин фанну предмете аз қабили «Самти иҷтимоӣ-маишӣ» дошта метавонад. Дар рафти таълиму омӯзиши он дар мисолу намунаи барои кӯдакон наздику шиноси мавзӯъ ҳолатҳои ҳаётӣ, қоидаю муқаррароти рафтор тарбия карда мешавад, одатҳои маъмулӣ коркард мегарданд, ки ин дар навбати худ имконият медиҳад, ки кӯдакон ба муҳити атроф мутобиқ гарданд. Ба мақсади тавсеаи методҳо оид ба созгории (адаптатсияи) иҷтимоӣ пешниҳод карда мешавад, ки чунин барномаҳо коркард шаванд: «Самти миллӣ-ватанпарварӣ», «Самти иқтисодӣ», «Самти ҳуқуқӣ»". Гуманизатсияи муносибатҳои ҷамъиятӣ мавҷудияти таваҷҷуҳи хоссаро нисбати гурӯҳҳои камҳимояи ҷомеа пешбинӣ мекунад. Шахсони заифақл – ин гурӯҳи мутааддиди шаҳрвандони камҳимоя мебошанд. Мақоми махсусро дар байни онҳо кӯдакон ташкил мекунанд. Онҳо дуртар аз ҳамсолон ва хушҳолиҳои анъанавии кӯдакона сукунат доранд. Мутаассифона, онҳоро баъзан инсонҳои навъи дуюм низ ном мениҳанд. Вазифаи корманди иҷтимоӣ – расонидани кумак барои мутобиқ гаштан дар муҳити атроф, амиқ дарку фаҳм кардани ҳодисаю воқеаҳои дар атроф гузаранда, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ худро боваринок эҳсос кардан аст. Тадқиқу муоинаҳои гузаронидашуда оид ба мақсаднокии истифодаи барномаҳои махсус дар раванди тайёрии кӯдакони заифақл ба ҳаёт шаҳодат медиҳанд.

**Намунаи нақшаи кор бо кӯдакони маҳдудимконият барои як сол**

| № | *Чорабиниҳо* | *Масъулон* |
|---|---|---|
| 1 | Эҷоди бонки маълумоти кӯдакони маҳдудимконият | Педагоги иҷтимоӣ |
| 2 | Омӯзиши вазъу ҳолати саломатӣ ва имконоти кудакони маҳдудимконият | Роҳбари синф,педагоги иҷтимоӣ, роҳбари воҳиди сохторӣ |
| 3 | Тартиб додани нақшаи корӣ бо кудакони маҳдудимконият | Педагоги иҷтимоӣ |
| 4 | Тартиб додани барномаи инфиродии таълими кӯдакони маҳдудимконият | Ҷонишини директор |

| | | |
|---|---|---|
| 5 | Омӯзиши шахсияти кудакони маҳдудимконият | Роҳбари синф,педагог-психолог |
| 6 | Машваратҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ барои педагогҳои кӯдакони маҳдудимконият | Педагог-психолог, роҳбари синф, омӯзгорони фаннӣ |
| 7 | Омӯзиши оилаи (муносибатҳои оилавии) кӯдакони маҳдудимконият | Роҳбари синф, педагоги иҷтимоӣ |
| 8 | Манфиатҳо ва қобилиятҳои кӯдакони маҳдудимконият | Роҳбари синф |
| 9 | Ҷалби кӯдакони маҳдудимконият ба фаъолиятҳои берунисинфӣ | Роҳбари синф, педагоги иҷтимоӣ, роҳбари сохтор |
| 10 | Машваратҳои инфиродии психолог барои волидайн | Педагог-психолог |
| 11 | Омӯзиши дараҷаи созгории (адаптатсияи) кӯдакони маҳдудимконият | Педагог-психолог |
| 12 | Омӯзиши микроиқлим дар коллективҳои синфӣ | Роҳбари синф, педагог-психолог |
| 13 | Назорати пешрафти кӯдакони маҳдудимконият. Расонидани кумаки саривақтӣ дар таълиму омӯзиш | Роҳбари синф |
| 14 | Машваратҳо оид ба масъалаҳои тарбияи кӯдакони маҳдудимконият | Педагог-психолог, роҳбари синф, педагоги иҷтимоӣ |
| 15 | Кумак дар ташкили истироҳати тобистона ва офиятбахшии кудакони маҳдудимконият | Педагоги иҷтимоӣ, роҳбари воҳиди сохторӣ |

## АДАБИЁТ


1. Алехина А.В. Психологические особенности развития сенсорно-перцептивных действий у детей с синдромом Дауна / А.В. Алехина //Дефектология. -1999. -№5.
2. Акатов Л.И. Социальная реабилитация детей с ограниченными возможностями здоровья. Психологические основы: учебное пособие для студентов высших учебных заведений / Л.И. Акатов. -М.: Гуманит. изд.центр ВЛАДОС, 2003.
3. Вопросы обучения и воспитания детей с нарушением интеллекта: Сб. науч. трудов. -М.,1994. -Вып.17; Выготский Л.С. Собр.соч.: В 6 т. -М., 1983. -Т.6.
4. Исаева Т.Н. Изучаем обучая: Рекомендации по изучению детей с тяжелой умственной отсталостью: Из опыта работы / Т.Н. Исаева. -М., 2002.
5. Маллер А.Р. Социальное воспитание и обучение детей с отклонениями в развитии / А.Р. Маллер. - М., 2002. –С.23.
6. Орехова Г.А. Пути психолого-педагогической реабилитации детей с тяжелой степенью умственной отсталости и реабилитации их семей в условиях образовательного учреждения / Г.А. Орехова //Инновации в российском образовании: Психолого-педагогические аспекты образования детей с отклонениями в развитии. – М., 2001.
7. Цикото Г.В. Об интеллектуальном развитии детей-имбецилов / Г.В. Цикото // Дефектология. - 1999. - № 1.


## ТЕХНОЛОГИЯИ КОРҲОИ ИҶТИМОӢ БО ХОНАНДАГОНИ МАҲДУДИМКОНИЯТ


Дар мақолаи мазкур технологияи кор бо кӯдакони маҳдудимконият дар шароити муассисаҳои махсусгардонидашуда мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Чи хеле ки муаллифи мақола қайд менамояд, Масъалаи вазъу ҳолати шахсони заифақл дар замони муосир дар ҳамаи кишварҳо хеле муҳиму актуалӣ мебошад, зеро дар ҳама кишварҳо теъдоди муайяни чунин кӯдакон мавҷуданд ва майлу тамоюли коҳиш ёфтани теъдоди онҳо мушоҳида карда намешавад. Шахсони заифақл – маъюбон шуморида мешаванд, ки барои ҳаёти мустақилона тайёру омода намебошанд, бар ғамхорию мувозибат ва сарпарастӣ эҳтиёҷманд ҳастанд, аммо зимни фароҳам овардани шароитҳои махсус барои онҳо метавонанд то дараҷае коршоям гашта, аз ҷиҳати ичтимоӣ созгору мутобиқ гашта монанд. Гузашта аз ин, мавҷуд набудан ва ё нокифоятии кумакҳои зарурӣ ба чунин кӯдакон - ба оқибатҳои нохушу ногувор оварда расониданаш ҳам имкон дорад. Аз рӯи ақидаи муаллиф, ҳадаф ва вазифаҳои корҳои иҷтимоӣ бо чунин кӯдакон – мусоидат намудан ба рушди ҳамаҷонибаи онҳо, ошкор намудани ҷиҳатҳои мусбӣ ва тасҳеҳи ҷанбаҳои манфии шахсияти онҳо мебошад. Онҳоро бояд аз нигоҳи иҷтимоӣ созгору мутобиқ тарбия намуд, коршояму аъзои муфиди ҷомеа тарбия намудани онҳо вазифаи аввалиндараҷа мебошад.



**Калидвожаҳо:** технология, кӯдакон, заифақл, маҳдудимконият, педагог, психолог, методҳо, роҳҳо, муассисаҳои махсус.


## ТЕХНОЛОГИЯ РАБОТЫ СО ШКОЛЬНИКАМИ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ


В статье подвергаются анализу технологии работы с детьми с ограниченными возможностями в условиях специализированных учреждений. Как отмечает автор статьи, вопрос о социальном положении лиц с тяжелыми нарушениями интеллекта в настоящее время весьма актуален во всех странах, поскольку везде существует определенное количество таких людей и тенденции к снижению его не наблюдается. Лица с тяжелыми нарушениями интеллекта — инвалиды, не способные к самостоятельной жизни, нуждающиеся в опеке, однако при создании для них специальных условий они становятся частично трудоспособными и могут быть социально адаптированы. Между тем отсутствие или недостаточность необходимой помощи этим лицам ведет к тяжелым последствиям. По мнению автора, цели и задачи социальной работы с такими детьми — содействие их всестороннему развитию, выявление положительных и сглаживание отрицательных сторон личности, воспитание детей наиболее социально адаптированными, трудоспособными и полезными членами общества.



**Ключевые слова:** технология, дети, умственная отсталость, ограниченные возможности, педагог, психолог, методы, пути, специальные учреждения.


## THE TECHNOLOGY WORKS WITH STUDENTS WITH DISABILITIES


In the article are analyzed the technology of working with children with disabilities in specialized institutions. As the author notes, the question of the social status of people with severe intellectual disabilities are currently very relevant in all countries, because everywhere there are a number of people, and the downward trend was not observed. Persons with severe intellectual disabilities - people with disabilities are not capable of independent life, in need of care, but to create for

them special conditions, they become part of able-bodied and can be socially adapted. Meanwhile, the absence or insufficiency of the necessary assistance to these individuals leads to serious consequences. According to the author, the goals and objectives of social work with children - to promote their all-round development, the identification of the positive and negative aspects of personality smoothing, parenting the most socially adaptable, employable and productive members of society.

**Keywords:** technology, children, mental retardation, limited opportunities, teacher, psychologist, methods, ways, special institutions.

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Б.Ф.*** - аспирант Кулябского государственного университета имени А.Рудаки. Телефон: **988284353.**

# ИСТИФОДАИ ИМКОНИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ БАРОИ ТАШАККУЛИ УСЛУБИ ТАФАККУРИ ИЛМӢ ДАР ТАЪЛИМИ ХИМИЯ

***Расулов С., Холназаров С.***
**Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Яке аз проблемаҳои мубрами таълими химияи мактабӣ истифодаи имкониятҳои тафаккур ва фаъолияти эҷодӣ дар ташаккули услуби тафаккури илмӣ мебошад. Воқеан, дар ҷустуҷӯ тафаккури яклухт, интуитивӣ (эҷодӣ) шуда, тафаккури мантиқӣ (муттасил) набояд аз мадди назар дур (беқадр) карда шавад. Арасту аввалин шахсе буд, ки масъалаи тафаккур ва қонуниятҳои онро ба ҷойи аввал гузошта, бо ҳамин ба илми мантиқ чун илм оид ба андешаронии дуруст замина гузоштааст. Эҳёи ақидаҳои нав натиҷа муҳокима ва хулосабарории мантиқан дуруст мебошад.

Дар илми равоншиносӣ (психология) низ таҳқиқотҳои зиёд оид ба тафаккури эҷодӣ анҷом дода шудааст. Азбаски оид ба миқёс ва амиқии тадқиқотҳои зикршуда дар ин ҷо маълумоти муфассал додан аз имкон берун аст, мо қарор додем, ки мазмуни асосӣ ва хулосаҳоро пешниҳод намоем.

Аввал ин ки, таҳқиқотчиён таъсири омили ҳиссиётро ба фаъолияти тахайюлот дар эҷодкорӣ муайян кардаанд. Ҳамаи шаклҳои тахайюлоти эҷодӣ дар таркиби худ ҷузъиёти ангезандаро (ҳаяҷон) доранд. Ҳолати ҳиссӣ дар дараҷаи аввал аст,, зеро ҳамаи намуди кашфиёт, талабот, қонеъ нашудан, хоҳиш ва саъю кӯшишро барои дигаргуниҳо дар мадди назар дорад. Зиёда аз ин, ҳолати ҳиссӣ дар шакли шодӣ ва ё ғам, умедворӣ ва ё нокомӣ дар ҳамаи давраҳо эҷодкориро ҳамроҳӣ менамояд.

Дуюм, таъсири маданият ва маълумот ба эҷодкорӣ мебошад. Инкишофи базаи асосии дониш, таҷрибаи кори илмӣ, лаёқати хуби омӯзиши адабиёт ва санъат ба ашхоси эҷодкор захираи бойи маълумоти гуногунро медиҳад, ки аз он истеъдоди ӯ ба камол мерасад. Ҷамъи ашхоси эҷодкор солҳои зиёдро ба ҷамъоварии маълумот ва такмилдиҳии малакаҳои асосӣ сарф кардаанд. Вақте ки себ ба болои сари Нютон афтид, ӯро барои кашфи ҷозибаи умумиҷаҳонӣ рӯҳбаланд намуд, он ба болои ҷисм (сари олим), ки аз маълумот пур буд, афтид. Бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки маданият ва таълимот муҳити мусоидро барои эҷодкорӣ фароҳам меоваранд.

Сеюм, ин бемислии инсайт (мунавваршавӣ, якбора ба миён омадани ақидае) чун шакли махсуси фаҳмиш мебошад.

Ғайричашмдошт фаҳмидани роҳи ҳалли масъала, яъне дар шакли пурра ва том дарк кардани шароити мавҷуда, барқосо ба майнаи кас омадани ақидаи нав инсайт (озарение) номида мешавад.

Психологҳои муосир танҳо тафсири “инсайт” – ро пешниҳод намуда, мазмуни онро шарҳ намедиҳанд. Илова бар ин мушкилии шарҳ додани ин мафҳум на танҳо ба имконпазирии пешгӯйии ҳолати “барқосо” ба майна омадани роҳи ҳалли ягон амал, балки инчунин ба табиати чунин мунавваршавӣ, ки дар натиҷаи он тавлидшавии ақидаи эҷодӣ рух медиҳад, низ вобаста аст.

Инсайт ба фаҳмиши барқосо (яклаҳзаина) оварда мерасонад ва ин фаҳмиш аз “фаҳмиши зина ба зина ташаккул ёфтан”, ки дар натиҷаи тафаккури мантиқӣ ба даст меояд, фарқ мекунад.

Чорум, қобилияти фаҳмиш сермаъно мебошад. Чунин фаҳмиш дар объект (ҷисм) қобилияти мушоҳидаи маъноҳои гуногунро дорад, яъне онро ба таври гуногун фаҳмида, дар айни замон том будани онро эътироф менамояд. Масалан, шахси ба дараҷаҳои

гуногун андешакунанда, имконияти дар масъалаи одӣ дидани маъноҳои гуногунро дорад, яъне вай “дар болои мушкилот истодааст”, чунин мавқеъ ба вай имконият медиҳад, ки аз мантиқи роҳҳои ҳалли мавҷудаи он берун баромада, чизҳои як замон ба ҳамдигар номувофиқро мувофиқ намуда, роҳи эҷодкоронаи ҳалли масъаларо ёбад.

Барои майл ба эҷодкорӣ, дар атрофи кӯдак муҳитеро барпо кардан лозим аст, ки барои баланд бардоштани ҳавасмандии ӯ мусоидат намояд. Барои ин бошад, омилҳоеро, ки чунин ҳавасмандиро ба вуҷуд меоранд, ба монанди: баҳодиҳии доимӣ, назорат, мукофотдиҳӣ, мусобиқа, интихоби маҳдуд, омилҳои беруна, ки ба интихоби фаъолият таъсир мерасонад, дар назар гирифтан зарур мебошад.

Мо, агар дар ҳақиқат мехоҳем хонандагонро ба омӯзиши химия ҷалб намоем, пас бояд диққати асосиро ба се мақсади зерин равона созем:

1. Хонандагонро бовар кунонем, ки олам, аз он ҷумла химия пур аз асрор ва муаммо аст ва онҳо онро бояд бо қувваи шахсии худ кашф намоянд.

2. Омӯзондани усулҳои эҷодӣ, ки онҳо имконияти дарёфт ва кушодани асрор ва муаммоҳоро фароҳам меоваранд.

3. Истифода бурдани тафаккури эҷодӣ бо мақсади ташаккул додани малакаҳои дарккунӣ, диққат, хотира, ҳиссиёт ва тафаккури хонандагон (кӯдакон).

Ба ғайр аз мақсадҳои пешниҳодшуда принсипҳои зерини эҷодиро низ қайд кардан зарур аст:

1. Ба хонандагон омӯзондани усулҳои пешниҳоди ақидаҳо, инчунин тарзҳои таҳлили баҳодиҳӣ ва интихоби ақидаҳо.

2. Таъмин кардани онҳо бо дастурамал ва машқҳо бо мақсади таҷриба намудани малакаҳои эҷодӣ.

3. Омӯзонидани малакаҳои зарурӣ ва муайян кардани мавҷудияти масъала.

4. Назорат аз болои фаъолияти хонандагон ҳаловат баранд. Хонандагон бояд дарк кунанд, ки ақидаи онҳо қадр ва ҳурмат карда мешаванд.

5. Дар якҷоягӣ ёфтани роҳи ҳалли масъалаҳо ва дар ҳолати ғайримуқаррарӣ пешниҳод намудани роҳи ҳал.

6. Ба хонандагон супоридани вазифаҳое, ки заминаи тақрибии ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли масъалаҳоро тайёр намоянд.

7. Ба хонандагон омӯзонидани тарзи идоракунии ҳиссиёт ва кайфияташон, ки қисматҳои асосии тафаккур мебошанд.

8. Ташаккул додани рағбат ба мунтазам ҷустуҷӯ намудани имконият (алтернатива), муносибат ба ақидаҳои гуногуни нав.

Моҳияти эҷодиёт – мутобиқшавӣ ба ҳолати мавҷуда ва сабабияти шароит набуда, дигаргун шудан, ба назари нав дар ҳамон шароит мебошад. Ҳамчун қоида эҷодиёти ҳақиқӣ синтези илмҳои гуногунро дарназар дорад.

Давраи муҳим барои ҷустуҷӯйи ҳақиқат кори эҷодӣ мебошад: ҷалби беихтиёрона дар занҷири муҳокимаронии мантиқӣ; даст кашидан аз роҳи ягонаи ҷустуҷӯ; маҳорати қатъ кардани муносибат аз системаҳои донишҳои мавҷуда, ба таври бошуурона якҷоя истифода бурдани алоқаҳои ҳаётӣ.

Дар дарсҳои химия рушд додани қобилияти хонандагон дар он ҳолат имконпазир ва мақсаднок аст, ки дар онҳо маҳорати дар асоси донишҳои назариявӣ имкониятҳои табаддулотҳои химиявӣ, пешгӯйии имкониятҳои роҳҳои ҳосил кардани моддаҳои нав, такмил додани идоракунии равандҳо ва шарҳ додани моҳияти онҳо аз рӯйи сохти моддаҳо дида тавонем. Умуман, эҷодиёт дар таҳқиқоти илмӣ ҳангоми омӯзиши объект ва маънидод намудани моҳияти он ошкор мегардад.

Ба хонандагоне, ки ба навоварӣ майл доранд, лабораторияи химиявӣ имконияти бой барои қонеъ гардонидани талаботи онҳо медиҳад. Моделикунонӣ яке аз роҳҳои такмили қобилияти эҷодӣ мебошад.

Барои он ки қобилияти эҷодӣ ба фаъолияти эҷодӣ мубаддал гардад, якчанд шартҳои алоқаманд бо хосияти психологии шахсият алоқамандро иҷро кардан лозим аст. Бисёр психологҳо ҳисоб мекунанд, ки омили эҷодиёт, кӯшиш ба хештаншиносӣ (хештангароӣ) мебошад. Дар бораи хештаншиносӣ сухан ронда, кӯшиши рушди имкониятҳои шахсӣ дар назар дошта мешавад. Шахсияте, ки ба хештаншиносӣ қобилият дорад, худро аз эҳсосоти нодуруст озод менамояд.

Корҳои психологҳоро тадқиқ намуда, чунин давраҳои эҷодиётро дар раванди таълим, аз он ҷумла дарсҳои химия амалӣ кардан мумкин аст:

1. Дар давраи тайёрӣ дарки проблема аз ҳисоби таҳлили маводи ҷамъшуда ба амал меояд. Дар бисёр маврид баромадан ба ин дараҷа ба реаксияи эҳсосот (мушкилӣ кашидан, дар ҳайрат мондан) ба амал меояд, ки ба сифати омили бодиққат дида баромадани вазъият хизмат менамояд.

2. Давраи амалиётӣ барои муайян кардани принсипи ҳал ёрӣ расонида, мавод аз нав дида баромада мешавад. Ин давраи асосии эҷодиёт ҳисоб шуда, гузаштан аз номаълум ба маълум мебошад. Дар ин ҷо ба монанди давраи якум таҷрибаи гузашта хеле муҳим аст.

3. Давраи хотимавӣ. Дар ин давра барои роҳҳои ҳалли пешниҳод ва ҳаматарафа дида баромада шуда, баҳои танқидӣ дода мешавад.

Бо ҳамин тариқ, фикр аз тарафи тадқиқи далелҳои алоҳида ба сӯйи басистемадарории аввалин ҳаракат намуда, бо барқарор намудани алоқаҳо дар байни қисмҳои дар аввал ёфташуда, яъне аз рӯйи нақшаи: ҷамъшавии далелҳо–пайдошавии ақидаҳо–санҷиш ва рушди ақида ба охир мерасад.

Дар роҳи эҷодии хонандагон якчанд монеаҳо пайдо мешаванд, ки ҳангоми амалӣ намудани технология бартараф карда мешаванд.

Инчунин, ин ҷо мехоҳем монеаҳои нисбатан хусусиро муайян намоем:

- боварикунонӣ, нобоварӣ ба қувваи худ, нобоварӣ ба ҳамсинфон (рафиқон), нуқтаи назари консервативӣ.

-сатҳи пасти рушди маънавӣ, мавҷуд набудани роҳи эҷодии худ, дастрас набудани ахбороти зарурӣ.

Монеаҳои нисбатан ҷиддӣ дар ин роҳ набудани маълумоти зарурӣ мебошад. Ақидаҳои хато мавҷуд аст, ки бо методҳои эҷодӣ метавонем нахонем. Лекин ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли эҷодӣ бе сохтани модели вазифаҳои эҷодӣ дар майна ғайриимкон аст.

Амалӣ намудани давраи эҷодии технологияи ташаккул додани услуби тафаккури илмиро дар синфи 11 ба амал баровардан мувофиқи мақсад аст. Зеро омӯзиши категорияҳои фалсафӣ ба воситаи курси ҷамъиятшиносӣ, ки дар навбати аввал парокандагии назариявиро дар бобҳои химияи органикӣ ва ғайриорганикӣ аз байн мебарад; дуюм, дараҷаи баланди системавии донишҳоро муайян менамояд, ки барои алоқаи ақидаҳо дар сатҳи эҷодӣ хеле муҳим аст; сеюм, барои истифодаи захираҳои муҳимми усулҳои фаъолияти фикрӣ дар вазъиятҳои ғайристандартӣ имконият фароҳам меоварад.

Ҷалби хонандагон ба фаъолияти эҷодӣ оҳиста–оҳиста амалӣ карда шуда, аз вариантҳои гуногуни супоришҳои эҷодӣ, бо назардошти хусусиятҳои синнусолии хонандагон истифода бурда мешавад. Дар ҳама давраҳои ташаккули услуби тафаккури илмӣ фаъолияти эҷодӣ ва равандҳои услуби тафаккури илмӣ, ба таври параллелӣ истифода мешаванд, якдигарро пурра намуда, дар як вақт ҳамчун мақсад ва восита баромад мекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло чунин роҳҳои истифодаи донишҳои химиявии хонандагонро пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Корҳо оид ба ташаккули фаъолияти эҷодии хонандагон аз химия бояд ба таври системавӣ ва аз рӯйи нақша гузаронида шаванд, яъне аз аввал то охири омӯзиши курси химия дар мактаби таҳсилоти умумӣ.

2. Супоришҳои эҷодӣ бояд бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолии хонандагон гузаронида шаванд.

3. Супоришҳои эҷодӣ бояд бо раванди таълим мувофиқ бошад. Аз як тараф эҷодиёт ба донишҳо такя мекунад, аз тарафи дигар, барои баланд шудани онҳо ёрӣ мерасонад.

4. Супоришҳои эҷодӣ аз химия барои дуруст истифода бурдани услуби тафаккури илмӣ ҳамчун воситаи ташкил намудани донишҳои нав хизмат мекунад.

Аз ин ҷо дар назди муаллими химия вазифаи тарбияи шахсияти эҷодӣ, ташаккул додани тафаккури илмии хонандагон меистад.

**АДАБИЁТ**


1. Богоявлинская Д.Б. Интелектуальная активность как проблема творчества / Д.Б. Богоявлинская. -Ростов на –Дону, 1983. -С.166-167.
